**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# *БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ ИШКОШИМ БАРОИ СОЛҲОИ 2016-2020*

**Душанбе- 2015.**

# МУНДАРИҶА

**Рӯйхати ихтисорот** ...................................................................................... **3**

**Пешгуфтор** ...................................................................................... **4**

**БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА**
**ТАҲЛИЛИИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ ИШКОШИМ** ...................................... **7**

**БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ** ...................................................................................... **12**
2.1. Соҳаи кишоварзӣ ...................................................................................... 12
2.2. Соҳаи саноат. ...................................................................................... 21
2.3. Соҳаи соҳибкории хурду миёна ...................................................................................... 23
2.4. Сохтмон ...................................................................................... 25

**БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ** ...................................................................................... **26**
3.1. Соҳаи маориф ...................................................................................... 26
3.2. Соҳаи тандурустӣ ...................................................................................... 30
3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ...................................................................................... 34
3.4. Соҳаи фарҳанг ва варзиш ...................................................................................... 38
3.5. Варзиш ва сайёҳӣ ...................................................................................... 39

**БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР** ...................................................................................... **41**
4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ ...................................................................................... 41
4.3. Таъмини барқ ва газ ...................................................................................... 45
4.4. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ. ...................................................................................... 48
4.5. Алоқа ва фазои иттилоотӣ ...................................................................................... 51

**БОБИ 5. ОМОДАГӢ БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА,**
**ПЕШГИРӢ ВА КАМ КАРДАНИ ҲОЛАТИ ХАТАРИ ОНҲО** ...................................... **52**

**БОБИ 6. АЗ ҲИСОБИ МАБЛАҒҲОИ ПЕШБИНИШУДА**
**ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ** ...................................................................................... **57**

**БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ** ...................................... **62**

**ЗАМИМАҲО** ...................................................................................... **63**

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| АСМ | Агентии сохтмон ва меъморӣ |
| АБЗО | Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ |
| БУ | Бонки умумичаҳонӣ |
| БДИ | Барномаи давлатии инвеститсионӣ |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид |
| БРҶ | Барномаи рушди ҷомеа |
| Б/Ҷ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| Б/М | Буҷети маҳаллӣ |
| БМН | Беморхонаи марказии ноҳия |
| ВММША | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| ВМКБ | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| ВМИ | Вазорати маориф ва илм |
| ВТҲИА | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| ВН | Вазорати нақлиёт |
| ВМ | Вазорати молия |
| ВК | Вазорати кишоварзӣ |
| ВСТН | Вазорати саноат ва технологияҳои нав |
| ВЭЗО | Вазорати энергетика ва захираҳои об |
| ГК | Гуруҳҳои кории секторӣ |
| ГФТ | Гуруҳи фаъоли ташаббускор |
| ИМ | Идоракунии маҳаллӣ |
| ИҶ | Иттиҳодияи ҷамъиятӣ |
| КДС | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| М ва А | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МДҶ | Маркази дастгирии ҷамоат |
| МТС | Маркази тадқиқоти стратегии назди ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон |
| М/Х | Маблағҳои худӣ |
| ТБМ | Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират |
| МИМХД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| МБҲ | Маркази барқии ҳароратдиҳанда |
| НБО | Нерӯгоҳҳои барқии обӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| РЕАКТ | Гуруҳи зудбаҳодиҳандаи ҳолатҳои фавқулодда ва ҳамоҳангсоз |
| РИМ | Рушди иқтисодии маҳал |
| СВОТ | Паҳлуҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳою таҳдидҳо |
| СМ | Созмонҳои маҳаллӣ |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СБСНМТ | Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон |
| СХМ | Соҳибкории хурду миёна |
| С/Х | Сармояи хориҷӣ |
| С/Д | Сармояи дохилӣ |
| ФҚХ | Фонди қарзии хурд |
| ФАО | Ташкилоти озуқа ва кишоварзии Созмони Миллали Муттаҳид |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |

# ПЕШГУФТОР.

Ноҳияи Ишкошим яке аз ноҳияҳои кӯҳистон ва дурдасттарини Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба ҳисоб рафта, бо хусусиятҳои хоси худ аз дигар минтақаҳои кишвар ба куллӣ фарқ мекунад. Ноҳия яке аз минтақаҳои зеботарини Тоҷикистон маҳсуб ёфта, бо табиати асрорангез, чашмаҳои гарму шифобахш дар ҷумҳурӣ машҳур гардидааст. Мавҷуд будани бузургтарин чашмаҳои гарм ва чашмаҳои минералӣ аз қабилӣ: Гармчашма, Биби Фотимаи Зӯҳро,Сист, Баршор, Авҷ, Удит, Даршай, Ямчун, Вранг, Ширгин, Зонг ва ғайра диққати бештари сайёҳонро ба худ ҷалб намуда, барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар минтақа заминаи воқеъӣ мегузорад. Солҳои охир ба инфрасохтори соҳаи сайёҳии ноҳия диққати махсус дода шуда, он ба яке аз марказҳои рушдёфтаи ҷумҳуриявии соҳаи туризми табобативу фароғатӣ табдил ёфта истодааст. Инчунин, дар қаламрави ноҳия аз канданиҳои фоиданок сангҳои қимматбаҳо (яке аз машҳуртарин кони “Кухи Лаъл”, ки дар он санги киматбаҳои “Лаъл“(Благородный Шпинел) истихроҷ мешавад дар ноҳияи Ишкошим чойгир аст) ва ороишию сохтмонӣ, захираи зиёди санги мармар мавҷуд мебошад, ки барои ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ва дар ин замина ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд.

Мутаассифона, дар шароити муосир, як қатор мушкилотҳо, аз қабили пурра ва самаранок истифода нагардидани иқтидорҳои истеҳсолӣ (саноатӣ, сохтмонӣ, сайёҳӣ, кишоварзӣ ва ғайра), дастгирии сусти соҳаҳои иҷтимоӣ ва ба талаботи муосир мутобиқ набудани инфрасохтори мавҷуда зарурияти тарҳрезии чунин барномаи ҳамаҷонибаро ба миён овардааст.

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ишкошим барои солҳои 2016-2020 (минбаъд-Барнома) тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи банди 2 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012 №318 “Дар бораи ҳисоботи раиси ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон оид ба иҷрои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” ва супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 06.07.13 №151717,7509 (12.2-6)) тарҳрезӣ шудааст.

Бо мақсади риоя намудани талаботҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда дар раванди тарҳрезии барномаи мазкур талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ», “Дастури методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо маъқул дониста шудааст (№1/3 аз 12.01.2009)), сиёсати давлат ва ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ, аз қабили Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015, Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015, Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ва раванди татбиқи барномаҳои соҳавӣ дар сатҳи маҳал ба инобат гирифта шудааст. Илова бар ин, дар раванди тарҳрезии Барномаи мазкур ҷалби васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ таъмин гардида, ҳиссаи онҳо низ ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок баланд арзёбӣ мегардад.

Ҳадафи асосии Барнома ин пеш аз ҳама, беҳтар намудани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ, пайваста дастгирӣ намудани табақаҳои осебпазири аҳолӣ ва дар ин замина зиёд намудани теъдоди табақаи миёнаи аҳолӣ, мусоидат намудан ба рушди устувори соҳаҳои воқеъии иқтисодиёт ва иҷтимоиёт, самаранок ва оқилона истифода бурдани захираҳои мавҷуда, ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва дар ин замина афзун намудани қисмати даромади буҷети маҳаллӣ маҳсуб меёбад.

Ҳамзамон, барномаи мазкур ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ самтҳои афзалиятнок ва сиёсати ояндаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияро барои давраи миёнамуҳлат муайян менамояд, ки ин барои ноил шудан ба рушди устувори иқтисодии ноҳия, дастрасии нисбатан осони аҳолӣ ба хизматрасониҳои заминавии иҷтимоӣ ва дар ин асос паст кардани сатҳи камбизоатӣ, нигаронида шудааст.

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ишкошим барои солҳои 2016-2020 ҳамагӣ 134 лоиҳаро дар бар мегирад, ки маблағи умумии 220 миллиону 595 хазор сомониро ташкил медиҳад, ки аз он 121 лоиҳаи маблағаш муайян (211655,0) ва 7 лоиҳаи сарчашмаи маблағгузориаш номуайян мебошанд, (8940,0) ки барои онҳо фондрейзинг (дарёфти маблағгузор) гузаронидан лозим мешавад.

| Тақсимоти<br>маблағҳои “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ишкошим барои солҳои 2016-2020” аз рӯйи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ (ҳаз. сомонӣ) | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Соҳаҳо*** | ***Ҳамагӣ*** | ***2016*** | ***2017*** | ***2018*** | ***2019*** | ***2020*** |
| *Кишоварзӣ* | *9300* | *500* | *1815* | *2980* | *2085* | *1920* |
| *Саноат* | *10863* | *2130* | *1980* | *3930* | *2123* | *700* |
| *Соҳаи соҳибкории хурду миёна* | *4457* | *822* | *499* | *1076* | *1330* | *730* |
| *Сохтмон* | *92990* | *6995* | *27627* | *20692* | *19351* | *18325* |
| ***Ҳамагӣ, блоки иқтисодӣ*** | ***117610*** | ***10447*** | ***31921*** | ***28678*** | ***24889*** | ***21675*** |
| *Маориф* | *16565* | *200* | *1350* | *4030* | *6610* | *4375* |
| *Фарҳанг ва фароғат* | *5415* | *65* | *170* | *1880* | *1775* | *1525* |
| *Тандурустӣ* | *7465* | *150* | *1100* | *2020* | *1995* | *2200* |
| *Ҳифзи иҷтимоӣ* | *190* | *10* | *60* | *40* | *40* | *40* |
| *Сайёҳӣ ва варзиш* | *10425* | *0* | *2060* | *2515* | *2920* | *2930* |
| ***Ҳамагӣ, блоки ҳифзи иҷтимоӣ*** | ***40060*** | ***425*** | ***4740*** | ***10485*** | ***13340*** | ***11070*** |
| *Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ (коммуналӣ)* | *3000* | *500* | *625* | *775* | *450* | *650* |
| *Хоҷагии манзилию коммунналӣ* | *12400* | *2063* | *2706* | *2515* | *2731* | *2385* |
| Таъмини барқ | *30239* | *2091,5* | *5852,5* | *6012,5* | *9382,5* | *6900* |
| Нақлиёт ва хоҷагии роҳ | *8052* | *3551* | *3901* | *400* | *125* | *75* |
| *Алоқа ва фазои иттилоотӣ* | *550* | *30* | *160* | *210* | *150* | *0* |
| ***Ҳамагӣ, инфрасохтор*** | ***54241*** | ***8235,5*** | ***13244,5*** | ***9912,5*** | ***12838,5*** | ***10010*** |
| ***ҲФ*** | ***8604*** | ***110*** | ***1960*** | ***2745*** | ***2244,5*** | ***1544,5*** |
| ***Таъминоти захиравӣ*** | ***80*** | ***20*** | ***20*** | ***20*** | ***20*** | ***0*** |
| ***Ҳамагӣ, арзиши БРН*** | **220595** | **19237,5** | **51885,5** | **51840,5** | **53332** | **44299,5** |
| ***Аз ҷумла, буҷети ҷумҳуриявӣ*** | *58450* | *8136* | *16913* | *10866* | *12821* | *9714* |
| ***Буҷети вилоятӣ*** | *5610* | *20* | *1120* | *2645* | *1075* | *750* |
| ***Буҷети маҳаллӣ*** | *2614* | *390* | *635* | *561* | *577,5* | *450,5* |
| ***Маблағҳои худӣ*** | *13390* | *2732* | *4629* | *3199* | *2010* | *820* |
| ***Маблағгузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ*** | *122852* | *6256,5* | *26164,5* | *31174,5* | *31591,5* | *27665* |
| ***Карзхои бонки*** | *1665* | *268* | *545* | *278* | *278* | *296* |
| **Грант** | *7074* | *1315* | *1319* | *1357* | *1429* | *1654* |
| ***Лоиҳаҳои сарчашмаи маблағгузориашон номуайян*** | *8940* | *120* | *560* | *1760* | *3550* | *2950* |

*Воқеан, барои амалӣ намудани “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ишкошим барои солҳои 2016-2020” аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ* ***220 млн. 595 ҳазор сомонӣ*** *дар назар дошта шудааст, аз он ҷумла:*

*Буҷети ҷумҳуриявӣ –* ***58*** *млн* ***450****ҳазор сомонӣ;*

*Буҷети маҳаллӣ (вилоят ва ноҳия)–* ***8*** *млн* ***224*** *ҳазор сомонӣ;*

*Маблағҳои худӣ, аз ҷумла соҳибкорон–* ***13*** *млн* ***390*** *ҳазор сомонӣ;*

*Маблағҳои сармоягузориҳои хориҷӣ ва дохилӣ –* ***122*** *млн* ***852*** *ҳазор сомонӣ;*

*Қарзи бонкӣ –* ***1*** *млн* ***665*** ***ҳ****азор сомонӣ.*

*Маблағҳои грантӣ – 7 млн* ***074*** *ҳазор сомонӣ;*

*Лоиҳаҳои сарчашмаи маблағгузориашон номуайян-* ***8*** *млн* ***940*** *ҳазор сомонӣ;*

# БОБИ 1.
# ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ ИШКОШИМ

**Тақсимоти маъмуриву ҳудудии ноҳия.** Ноҳияи Ишкошим воҳиди маъмуриест, ки ба ҳайати Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешавад. Ишкошим дар қисмати ҷануби ҷумҳурӣ дар соҳили дарёи Панҷ ҷойгир буда, аз самти шимол бо ноҳияҳои Шуғнон ва Роштқалъа, аз шарқ бо ноҳияи Мурғоб ва аз ҷануб бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад мебошад. Бештари масоҳати ноҳияро қаторкӯҳҳои Шоҳдара- аз шимол ва дарёи Панҷ – аз ҷануб ва водиҳои Ғорону Вахон ташкил медиҳанд. Қуллаҳои баландтарини ноҳия қуллаи Маяковский (6096 метр аз сатҳи баҳр) ба шумор меравад. Масоҳати умумии ноҳия 3656 $км^2$ –ро ташкил дода, фосилаи байни маркази ноҳия то маркази вилоят - шаҳри Хоруғ 105 км. ва то шаҳри Душанбе 652 км-ро ташкил медиҳад.

**Харитаи маъмуриву ҳудудии ноҳия**




Ноҳия аз 7 ҷамоати деҳот  (Ҷамоати ба номи Рустамбек Юсуфбеков, ҷамоатҳои деҳоти Зонг, Вранг, Птуп, Шитхарв, Қозидеҳ ва ба номи Аскар Замиров) ва 45-деҳа иборат мебошад.

*Ҷадвали №1.Шумораи ҷамоатҳо, деҳаҳо ва иншоотҳои иҷтимоӣ, нуқтаҳои савдо ва хизматрасониҳо*

| № | Номи ҳудуди маъмурии ҷамоатҳо | Зонг | Вранг | Птуп | Шитхарв | Р.Юсуфбеков | Козидеҳ | А Замиров | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Шумораи деҳаҳо | 5 | 6 | 6 | 2 | 13 | 5 | 8 | 45 |
| 2 | Масофа то маркази ноҳия (км) | 107 | 84 | 70 | 54 | - | 38 | 68 | 175 |
| 3 | Шумораи аҳолӣ (нафар) | 6355 | 6401 | 3411 | 2619 | 7673 | 1880 | 2770 | 31109 |
| 4 | Шумораи хонавода | 663 | 696 | 389 | 256 | 1145 | 243 | 370 | 3762 |
| 5 | Мактаби миёна | 4 | 6 | 3 | 2 | 6 | 3 | 3 | 27 |
| 6 | Мактаби асосӣ | - | - | 1 | - | 4 | 1 | *3* | *9* |
| 7 | Мактаби ибтидоӣ | 2 | - | 2 | - | 2 | 1 | *2* | *9* |
| 8 | Муассисаҳои томактабӣ | 2 | 1 | - | 1 | 1 | - | - | *5* |
| 9 | Маркази инкишофи барвақтии кӯдакон | 2 | 2 | 1 | 1 | 2 | 1 | *2* | *11* |
| 10 | Китобхонаҳо | 4 | 5 | 3 | 2 | 6 | 3 | *4* | *27* |
| 11 | Мактаби мусиқии бачагона | 1 | - | - | - | 1 | - | - | *2* |
| 12 | Беморхонаҳо |  | 1 | 1 | - | 1 | - | - | *3* |
| 13 | Нуқтаи фуруши сӯзишворӣ | 1 | 2 | - | - | 3 | - | 1 | 7 |
| 14 | Тарабхона | - | - | - | - | 1 | - | - | 1 |
| 15 | Ошхона | - | 1 | 2 | - | 10 | 2 | 3 | 18 |
| 16 | Дӯкон ва мағоза | 28 | 23 | 23 | 8 | 53 | 7 | 6 | 148 |
| 17 | Ҳаммом | - | - | - | - | 4 | - | - | 4 |
| 18 | Сехҳои дузандагӣ | 1 | 1 | - | - | 2 | 1 | 1 | 6 |
| 19 | Сартарошхона | - | - | - | - | 1 | - | - | 1 |
| 20 | Ҷувози барқи ва обӣ | - | - | - | - | - | - | - | - |
| 21 | Корхонаҳои саноатӣ ва хурду миёна | - | - | - | - | 2 | - | - | 2 |
| 22 | НБО- и барқӣ | 1 | - | 1 | 1 | 1 | - | - | 4 |

Ноҳияи Ишкошим аз сатҳи бахр дар баландии 2200 то 3600 метр воқеъ буда, иқлимаш хушки континенталӣ мебошад. Ҳарорати миёнаи ҳаво дар моҳи январ -8,3 $C^0$ ва моҳи июл +19,8 С, ҳадди боришоти миёнаи солона 94 мм мебошад.

Дар ҳудуди нохия қариб ҳамаи дарахтони зинатбахшу мевадор (себ, нок, олу, олуча, зардолу), растаниҳои даштӣ ва бешадаштӣ мерӯянд.

**Маълумоти таърихӣ.** Ишкошим яке аз ноҳияҳои кӯҳистонии кишвар буда, таърихи ин сарзамин аз умқи даврони қадим ибтидо гирифтааст. Худи калимаи Ишкошим, ки истилоҳи аслиаш "Сакошим" (маъниаш ватани Сакоиҳо) мебошад, гувоҳи он аст, ки ин диёр воқеан ҳам таърихи хеле қадима дорад. Нахустин қавмҳои ориётабори эронӣ дар ҳазораи аввали пеш аз мелод ин сарзаминро маскани худ интихоб карда, дар даврони бостон яке аз музофотҳои Эронвеҷ будааст, ки кӯҳнатарин китоби мардуми эронитабор "Авасто" васфи он суруда шудааст.Сакошим дар асрҳои VII-VI пеш аз мелод маркази маъмурии қабилаҳои гуногуни ориёӣ – тоифаҳои ҳиндуэрон буд. Маҳз аз ин маҳали ориёиҳо тавассути кухҳои Ҳиндукӯш ба Ҳиндустон ва аз сарҳади Афғонистон ба Эрон ва аз он ҷо ба баъзе қисматҳои Аврупо хиҷрат карда, дар ин минтақаҳо маскун шуданд.

Шоҳроҳи овозадори кулли Осиё, яъне “Шоҳроҳи Абрешим” маҳз аз ҳамон давра аз ҳудуди водии Вахони ноҳияи Ишкошими ҳозира мегузашт.

Баъд аз ба имзо расидани созишномаи Дюранд оиди тақсимоти ҳудудҳо байни Англия ва Россия дар соли 1895 соҳили чапи дарёи Помир ва болооби дарёи Панҷ ба ҳайати Бадахшони Афғонистон шомил гардид.

Ноҳияи Ишкошим 27 октябри соли 1922 дар ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шуд, ки ба ҳайати он водиҳои Вахон ва Ғорон низ дохил карда шуданд. Аз ин лиҳоз, аҳолии ноҳия аз се гуруҳи этникӣ иборат мебошад, ки дар се забон ҳарф мезананд, аз ҷумла: ишкошимӣ, вахонӣ ва шеваи бадахшонии забони тоҷикӣ.

**Захираҳои табиӣ**. Дар қаламрави ноҳия аз канданиҳои фоиданок сангҳои қимматбаҳо ва ороишию сохтмонӣ, захираи зиёди санги мармар мавҷуд аст. Инчунин обҳои менералӣ ва бахусус чашмахои шифобахш барои рушди минбаъдаи соҳаи туризми ноҳия имконияти васеъ дорад. Яке аз маҳшуртарин  кон “Куҳи Лаъл” ки дар он санги киматбаҳои “Лаъл “(Благородный Шпинел) истихроҷ мешавад дар ноҳияи Ишкошим чойгир шудаааст.

**Вазъи демографии ноҳия.** Ба ҳолати 1-январи соли 2015 шумораи аҳолии  ноҳия 31109 нафарро  ташкил дод. Аз шумораи умумии аҳолӣ 16654 нафар мард (53,6%) ва 14455 нафар зан (46,4%) мебошанд.

*Ҷадвали №2.Сохтори ҷинсӣ ва синну соли аҳолии ноҳия ба 01.01. 2015.*

| *Сину сол* | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла духтарон/ занон* | *Бо %* |
|---|---|---|---|
| Наврасони то 14 сола (кӯдакон) | *7686* | *3651* | *47,5* |
| Миёнасолон | *14625* | *7020* | *48,0* |
| Нафақахӯрон (63 мард/58 зан) ва аз ин калон | *3275* | *2080* | *63,5* |
| Ҳамагӣ: | *31109* | 14455 | 46,4 |

Дар сохтори мазкур қисмати бештарро табақаи миёнасолон ташкил дода, ҳиссаи он ба 48,0 фоиз баробар мебошад, ки ин асоси таркибии аҳолии қобили меҳнат ба ҳисоб меравад.

*Ҷадвали № 3.Афзоиши демографӣ дар ноҳия*
*(ба ҳолати 1 январи соли 2015)*

| *Солҳо* | *Шумораи таваллудшуд агон* | *Шумораи издивоҷ* | *Шумораи фавтидаг он* | *Шумораи муҳоҷирон* | *Афзоиши табиии аҳолӣ* | *Афзоиши табиии аҳолӣ бо %* | *Шумораи умумии аҳолӣ* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2010 | 474 | 290 | 169 | 2993 | 474 | 1,6 | 29231 |
| 2011 | 354 | 298 | 138 | 3761 | 354 | 1,2 | 30042 |
| 2012 | 542 | 318 | 138 | 3783 | 542 | 1,8 | 30445 |
| 2013 | 529 | 314 | 121 | 4005 | 529 | 1,7 | 30894 |
| 2014 | 556 | 383 | 139 | 4310 | 556 | 1,8 | 31109 |

Мувофиқи маълумотҳои расмӣ суръати афзоиши солонаи аҳолӣ дар соли 2014 дар ноҳия 1,8 фоизро ташкил дода, зичии аҳолӣ дар 1 км$^2$- 118,3 нафар рост меояд. Сохтори этникии ноҳия 100% аз тоҷикон иборат мебошад.

**<u>Тамоюлҳои иқтисодиву иҷтимоӣ.</u>** Ноҳия аз рӯи хусусияташ кишоварзӣ буда, дар ин соҳа 10777 нафар аҳолии ноҳия ба кор машғул мебошанд. Майдони умумии заминҳои кишоварзии ноҳия 4243,5 га-ро ташкил медиҳанд, аз он заминҳои кишт 2819 га ё худ 66,4% мебошад.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2014, 62,6 млн. сомониро ташкил намуд, ки дар қиёс ба соли 2010 ба 3,2 млн. сомонӣ ва ё 5,3 фоиз зиёд мебошад.




Солҳои охир аз ҳисоби азхудкунии 233 га заминҳои бекорхобида хаҷми истеҳсоли махсулоти кишоварзӣ ба 3,8% афзудааст. Соҳаҳои асосии хоҷагии қишлоқи ноҳия: растанипарварӣ, картошкакорӣ, ғаллакорӣ, боғдорӣ, сабзавотпарварӣ ба ҳисоб меравանд. Дар ноҳия 18 адад хоҷагии шарикии деҳқонӣ ва 5 хоҷагии фермерии инфиродӣ мавҷуд мебошад.

Яке аз бахшҳои муҳими соҳаи кишоварзӣ ин чорводорӣ аст, ки дар ноҳия барои ривоҷ додани он шароити мусоид мавҷуд мебошад. Дар соли 2014 дар ноҳия 13520 сар чорвои шохдори калон ва 58195 сар бузу гӯсфанд ба қайд гирифта шудааст.

Мушкилоти асосии соҳа – паст будани фарҳанги деҳқонон оид ба масъалаҳои истифодабарии замин, дур будани бозорҳои фурӯши маҳсулот, норасоии техникаи кишоварзӣ, паст будани дастрасии деҳқонон ба қарзҳои камфоизи дарозмуҳлат, норасогӣ ва гаронии арзиши нуриҳои минералӣ ва захру химикатҳо, паҳн шудани бемориҳои чорво (бруселёз, оқсил ва ғайра).




Ноҳия яке аз минтақаҳои зеботарини Тоҷикистон буда, бо табиати асрорангез, чашмаҳои гарму шифобахшаш дар ҷумҳурӣ машҳур гардидааст.

Машҳуртаринашон Гармчашма, Сист, Баршор, Авҷ, Удит, Даршай, Ямчун, Вранг, Ширгин, Зонг ва ғайра мебошанд. Солҳои охир дар ноҳия инфрасохтори сайёҳӣ рушд ёфта, ба яке аз марказҳои рушдёфтаи ҷумҳуриявии соҳаи туризми табобативу фароғатӣ табдил ёфта истодааст (солҳои охир бо сармоягузориҳои ширкати "Талко" ва соҳибкорони маҳаллӣ дар ҳудудӣ ноҳия як қатор иншоотҳои туристӣ сохта ба истифода дода шуд, аз ҷумла меҳмонхонаи сеситорадори "Сомон ТМ" дар деҳаи Грамчашма, меҳмонхона дар шифохонаи "Авҷ", меҳмонхонаҳо дар шифохонаи "Биби Фотимаи Зӯҳро", меҳмонхона дар деҳаи Шитхарв ва меҳмонхона дар деҳаи Андароб).

Фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар ноҳия дар асоси Барномаи стратегии хусусигардонӣ ва инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дастгирии соҳибкории хурду миёна суръат мегирад. Дар ноҳия 48 нафар соҳибкорон аз рӯйи шаҳодатнома, 152 нафар аз рӯйи патент кор ва фаъолият менамоянд. Тайи солҳои охир дар ноҳия 18

ошхона, 148 мағоза, 7 нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ, 3 дорухона, 2 адад нуқтаи хизматрасонии аксбардорӣ, 1 нуқтаи пойафзолдӯзӣ, 8 адад нуқтаи дуредгарӣ, 6 адад сехи дӯзандагӣ, 33 адад осиёби обӣ, 4 адад неругоҳҳои барқӣ, 1 сартарошхона, 23 ҳаммом фаъолият менамоянд.

Дар ноҳия 45 мактаб бо фарогирии 5759 хонанда ва 935 омӯзгорон фаъолият менамоянд. Аз ин миқдор, 27 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 9 мактаби таҳсилоти умумии асосӣ ва 9 мактаби таҳсилоти ибтидоӣ фаъолият доранд. Инчунин, дар ноҳия 5 кӯдакистон бо фарогирии 260 тарбиятгирандагон, як интернати наздимактабӣ барои хонандагони лаёқатманд амал мекунад.

Низоми тандурустии ноҳия аз ду хадамот аз ҷумла бистарикунонӣ ва КАТС иборат мебошад. Дар ноҳия 1 маркази саломатӣ, 7 маркази саломатии деҳотӣ, 20 бунгоҳи тиббӣ, 1 Беморхонаи марказӣ ва 2 беморхонаи минтақавӣ мавҷуд аст, ки дар он 242 кормандони тиб ба аҳолӣ хизмати тиббӣ мерасонад.

Мушкилоти соҳаи тандурустӣ: Баланд будани сатҳи гирифтории аҳолии ноҳия ба бемории норасоии оҳан, йод, БШРН, бемории сил, АНМО, кирми рӯда, буғумдард, сактаи дил, фишорбаландӣ, асаб, диабети қанд, паст будани иттилоотнокии аҳолӣ оид ба пешгирии бемориҳои зикргардида ва паст будани хизматрасонии тиббӣ.

## *БИНИШИ РУШДИ ОЯНДАИ НОҲИЯ*

***Ноҳияи Ишкошим маркази ҷумҳуриявии соҳаи туризми табобативу фароғатӣ, рушди соҳаи боғдорӣ ва картошкапарварӣ дорои шароитҳои хуби иҷтимоӣ ва инфрсохтори маишӣ, ки дар он аҳолӣ хушбахту осудаҳол умр ба сар мебаранд.***

### *Таҳлили омилҳои таъсиррасонии рушд (СВОТ таҳлил)*

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|
| • Дар шароити хуби ҷуғрофӣ ҷойгир будан ва доштани табиати дилҷалбкунанда барои рушди соҳаи туризм;<br>• Мавҷуд будани захираҳои табиӣ (сангҳои киматбаҳо ва ороишӣ, ва дигар маводҳои сохтмонӣ);<br>• Шароити хуби иқлимӣ барои боғпарварӣ ва растанипарварӣ;<br>• Мавҷуд будани чарогоҳҳои васеъ барои инкишоф додани соҳаи чорводорӣ;<br>• Мавҷуд будани захираҳои меҳнатӣ ва кадрҳои баландихтисос;<br>• Мавҷуд будани инфрасохтори аввалия; | • Самаранок истифода набурдани иқтидорҳои мавҷуда;<br>• Коркард нашудани ашёи хоми маҳаллӣ ва набудани таҷҳизот ва технологияи замонавӣ барои коркарди онҳо;<br>• Заминаи сусти моддию техникии ширкатҳои туристӣ ва набудани брошураҳои алоҳида, буклетҳо ва суст ба роҳ мондани кори тарғиботиву реклама оид ба ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ, сайёҳӣ ва чашмаҳои мусаффо;<br>• Паст будани сатҳи фаъолияти хадамоти байторӣ ва набудани нуқтаҳои бордоркунии сунъии чорвои хушзот;<br>• Набудани ҷойҳои кори доимӣ ва нокифоя будани музди меҳнат;<br>• Баромада рафтани кадрҳои баландихтисос аз ҳудуди ноҳия;<br>• Ба талаботи муосир мутобиқ набудани инфрасохтори мавҷуда;<br>• Дар ҳолати бад қарор доштани роҳҳои маҳаллӣ, ва шабакаҳои барқтаъминкунӣ;<br>• Баланд будани фоизи қарзи бонкӣ барои рушди соҳибкорӣ.<br>• Нокифоя будани маблағ барои татбиқи барнома ва назаррас набудани сармояи дохилию хориҷӣ барои рушди иқтисодиёти ноҳия |
| **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
| • Мавҷуд будани барномаҳои соҳавӣ ва қарорҳои махсуси ҲҶТ ҷиҳати пешбурди | • Ба вуҷуд омадани офатҳои табиӣ (сел, ярч, тарма, обхезӣ, заминларза, боронгарии зиёд);<br>• Паҳн шудани ҳашаротҳои зараррасон ва дигар касалиҳо; |

| | |
|---|---|
| соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ;<br>• Бунёди НОБ-и хурди барқӣ. | • Авҷ гирифтани бӯҳрони молиявию иқтисодӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти ноҳия;<br>• Боло рафтани сатҳи таваррум;<br>• Обхезии дарёи Панҷ ва шусташавии заминҳои назди соҳил; |

# БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ

## 2.1.Соҳаи кишоварзӣ

**Баҳодиҳӣ ва таҳлили ҳолати соҳаи кишоварзӣ**. Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои афзалиятноки ноҳия буда, нақши он дар рушди иқтисодиёти ноҳия ва таъмини амнияти озуқаворӣ хело калон аст.

Хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияи Ишкошим бештар ба истеҳсоли картошка, мева, зироатҳои ғалладонагӣ бахусус гандум, хӯроки чорво, сабзавот, шир ва гӯшт шуғл доранд. Аз зироатҳои техникӣ ҷуворимаккаи дон ва офтобпараст парвариш карда мешавад. Зиёда аз 90 фоизи аҳолии қобили меҳнат дар деҳот истиқомат дорад ва бештари онҳо дар ин соҳа кору фаъолият мекунанд. Асосан, аҳолии ноҳия даромади худро аз ҳисоби фурӯши картошка, мева ва чорво ба даст меоранд.

Истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳия хоҷагиҳои шахсӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мебошанд. Дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи хоҷагиҳои хонагӣ 11,0 фоизро ташкил медиҳад.

**Шакли фаъолияти бахши кишоварзӣ.** Аз рӯи маълумоти расмии оморӣ дар ноҳия 18 адад хоҷагии шарикии деҳқонӣ, 5 хоҷагии фермерии инфиродӣ ва зиёда аз 3600 хоҷагии хонавода фаъолият мекунанд. Аз шумораи умумии хоҷагиҳои шарикии деҳқонӣ ва фермерӣ дар 3 адади он занон роҳбар мебошанд.

**Ҳолати техникӣ.** Хоҷагиҳои ноҳия бо техникаи замонавӣ таъмин нестанд ва техникаи мавҷуда фарсудаю корношоям гардидаанд. Гарчанде тайи даҳ соли охир ба хоҷагиҳои кишоварзӣ 6 адад техникаи нав дохил шуда бошад ҳам, вале онҳо талаботи имрӯзаи хоҷагиҳоро ба таври кофӣ таъмин карда наметавонад.

*Ҷадвали №4.* ***Техникаҳои мавҷудаи кишоварзӣ.***

| № | Номгӯи техника | Ҳамагӣ | Омода | %-и омодагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Трактори тасмачарх | 2 | 2 | 100,0 |
| 2 | Трактори чархдор | 30 | 20 | 67,0 |
| 3 | Комбайн | 1 | 1 | 100,0 |
| 4 | Ядак | 30 | 20 | 67,0 |
| 5 | Плугҳо | 20 | 15 | 75,0 |
| 6 | Алафдаравак | 6 | 6 | 100,0 |
| 7 | Ҷуйзанак | 4 | 4 | 100,0 |
| 8 | Ғаллакӯбак | 15 | 15 | 100,0 |
| 9 | Алафмайдакунак | 1 | 1 | 100,0 |
|  | **ҲАМАГӢ** | **109** | **84** | **77,0** |

Аз техникаи мавҷуда 23,0 фоиз ё 25 адад дар ҳолати корношоям қарор доранд. Хоҷагиҳо аз сабаби надоштани воситаҳои молиявӣ ва нарасидани қисмҳои эҳтиётӣ, (сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ) имконияти таъмири техникаҳоро надоранд. Қисми зиёди тракторҳо истеҳсоли солҳои 80-уми асри гузашта буда, фарсудаю корношоям шудаанд ва фаъолияти минбаъдаи онҳо ба гумон аст.

**Истифодаи заминҳо.** Аз рӯи маълумоти расмӣ ба ҳолати 1 январи соли 2015 ҳамаи заминҳои дар ҳудуди марзию маъмурии ноҳия 365606 гектарро (4426 га обӣ) бо теъдоди 3600 заминистифодабарандагон ташкил дод. Заминҳои дар истифодаи корхонаҳои кишоварзӣ 109027 гектарро (аз ин 3355 га обӣ) ташкил медиҳад, ки аз ин 2819 га замини корам ( 2819 га обӣ) мебошад, ки аз ин 2791 га ё 99,0 фоиз ба хоҷагиҳои деҳқонӣ тааллуқ дорад. Умуман, аз масоҳати умумии заминҳои кишоварзӣ 97,0 фоиз (106752,6 гектар) ба хоҷагиҳои деҳқонӣ, 0,5 фоиз (629 гектар) ба заминҳои наздиҳавлигӣ ва 2,5 фоиз ба дигар заминҳо рост меояд.

Аз ҷамъи заминҳои ноҳия ба як нафар 11,8 га, аз заминҳои обӣ 0,14 га ва замини корам 0,09 га рост меояд.

**Маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ.** Соли 2014 ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ 62,6 млн. сомниро ташкил дода, дар қиёс ба солҳои 2010-2011 мутаносибан 5,3 фоиз то 1,3 фоиз

афзоиш ёфтааст. Аз ҳаҷми умуми маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2014, 67,4 фоиз ба соҳаи растанипарварӣ ва 32,6 фоиз ба соҳаи чорводорӣ рост меояд.




Дар ноҳия тайи солҳои охир ҳаҷми махсулоти кишоварзӣ бештар аз ҳисоби соҳаи растанипарварӣ афзоиш ёфтааст.

Дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ зиёд аст.




Соли 2014 маҳсулоти кишоварзии ноҳия 1,05 дарсади ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии ҷумҳуриро ташкил дода, ба ҳар нафар аҳолии мавҷудаи ноҳия бошад 160 кг ғалладонагиҳо, 24 кг сабзавот, 468 кг картошка, 19 кг меваҷот, 79 кг шир, 29 кг гӯшт ва 14,4 дона тухм рост омад.

Аз рӯи нақшаи нишондиҳандаҳои дурнамо афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ соли 2019 дар қиёс ба соли 2014 дар ҳаҷми 20,4 фоиз (аз ҷумла, дар соҳаи растанипарварӣ 21,8 фоиз ва чорводорӣ 17,1 фоиз) аз ҳисоби ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида (14 га), беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои мавзеъҳои Лангар, Вранг, Шитхарв, Дашт ва Рин, инчунин аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосилнокии заминҳои дар гардиши кишоварзӣ буда, дар назар дошта шудааст.




Суръати афзоиши ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ соли 2020 бо нархҳои дар муқоиса бо соли 2014 мутаносибан 7,3 % чашмдошт шудааст.

**Растанипарварӣ.** Соли 2014 аз захираи заминҳои корами дар ноҳия мавҷудбуда бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар майдони 2819 гектар кишти зироатҳо гузаронида шудааст, ки дар қиёс ба соли 2000 қариб 5,3% зиёд шудааст.

**Ҷадвали № 6. Майдони кишти зироатҳои тайи солҳои 2000-2014**

| Майдони кишт | Ченак | 2000 | 2005 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишти умумӣ, ҳамагӣ. | гектар | 2677 | 2265 | 2825 | 2831 | 2970 | 2819 | 2819 |
| Ғалладонагӣ | гектар | 2039 | 2026 | 1922 | 1927 | 1937 | 1842 | 1828 |
| Картошка | гектар | 296 | 380 | 511 | 512 | 582 | 602 | 621 |
| Сабзавот | гектар | 30 | 41 | 56 | 56 | 60 | 55 | 39 |
| Хӯроки чорво | гектар | 311 | 516 | 336 | 336 | 391 | 315 | 331 |

Дар давоми солҳои 2000-2014 майдони кишти картошка, сабзавот ва хӯроки чорво зиёд шудааст ва минбаъд низ аз ҳисоби обёрӣ намудани заминҳои бекорхобида ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии замнҳо ин заминҳо васеъ хоҳанд шуд.

Тибқи нишондиҳандаҳои нақшаи дурнамо соли 2020 *бо* назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ майдони кишти картошка 12,8 фоиз, сабзавот 11,2 фоиз, ғалладонагӣ 4,2 фоиз (аз ҷумла гандум 6,2%) ва майдони боғҳои мевадиҳанда 22,2 фоиз васеъ карда шуда, истеҳсоли маҳсулот мутаносибан 16%, 13,8%, 6,3 фоиз (аз ҷумла, гандум 5 фоиз) афзоиш ёфта, майдони боғҳои мевадиҳанда 60 фоиз васеъ карда мешавад.

Маҳсулоти истеҳсолшуда талаботи бозори дохилиро пурра таъмин намекунад. Барои таъмин намудани бозори дохилӣ ба маҳсулоти тоза дар оянда парвариши зироатҳои нави серҳосилро тавассути дастрасии тухмиҳои аълосифат ба роҳ мондан ба мақсад мувофиқ аст. Тағйирёбии иқлим дар солҳои охир ба истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ (бахусус картошака, ғалладонагиҳо ва меваҷот) таъсир расонид ва ин боиси паст шудани ҳосилнокӣ гардидааст.

Ҷадвали№ 7.**Истеҳсолоти маҳсулоти растанипарварӣ**

| Нишондиҳандаҳо | Ба шакли натуралӣ (тонна) | | | | | Ба шакли пулӣ бо нархҳои ҷории соли 2014 (ҳаз.сомонӣ) | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2010** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2010** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** |
| Ғалладонагӣ | 4 535 | 4 614 | 4731 | 4536 | 4312 | 11 337 | 13 842 | 14193 | 13608 | 10780 |
| Сабзавот | 1 250 | 1 259 | 1404 | 1287 | 657 | 3 750 | 3 777 | 4212 | 4247 | 3942 |
| Картошка | 11293 | 11359 | 13046 | 13591 | 12545 | 22 586 | 34077 | 39138 | 40773 | 43908 |
| Меваҷот | 299 | 330 | 363 | 526 | 528,7 | 1196 | 1650 | 1815 | 2810 | 3173 |
| Хӯроки чорво | 6 574 | 6 509 | 6614 | 6722 | 990,9 | 19 722 | 26036 | 33070 | 33610 | 4955 |
| **Ҳамагӣ** | **23 951** | **24 071** | **26 158** | **26662** | **19033,6** | **58 591** | **79 382** | **92428** | **95048** | **66758** |

Сабабаби паст шудани ҳосилнокӣ баъзан аз зироатҳои растанипарварӣ ин сари вақт таъмин нашудани нӯриҳои маъданию заҳрхимикатҳо, тағйирёбии иқлим, паҳн шудани ҳаргуна ҳашароти зараррасон ва касалиҳо мебошад.



**Ғалладонагӣ.** Дар ноҳия маҳсулоти ғалладонагӣ, аз ҷумла гандум истеҳсол карда мешавад. Дар сохтори майдонҳои кишт барои ғалладона ҳиссаи майдонҳо барои гандум зиёдтар боқӣ мемонад. Соли 2014 дар майдони 1828 га замин кишти зироатҳои ғалладонагӣ гузаронида шуд, ки ин 65,0 фоизи майдони кишти умумиро дар ноҳия ташкил медиҳад. Дар ноҳия кишти ғалладонагӣ дар заминҳои обӣ гузаронида мешавад ва аз ин сабаб ҳосилнокӣ дар қиёс ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ зиёдтар аст. Инчунин, заминҳои обӣ барои парвариши картошка, сабзавот, хӯроки чорво (юнучқа) истифода мешаванд.

Истеҳсоли ғалладонагӣ дар ноҳияи Ишкошим дар қиёс ба дигар ноҳияҳои вилоят зиёд аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки заминҳои ноҳия барои парвариши ғалладонагӣ ва картошка мусоид буда, дар ҳолати пурра ва самаранок истифода бурдани онҳо метавонад талаботи бозори ноҳияи ҳамсояҳоро низ таъмин намояд.

**Сабзавоткорӣ.** Дар ноҳия кишти сабзавот барои таъмин намудани бозори дохилӣ ба роҳ монда шудааст. Аҳолӣ асосан ба парвариши сабзӣ, пиёз, помидор, бодиринг, карам ва кабудӣ шуғл доранд. Минтақаҳои сабзавоткорӣ асосан дар ноҳия ҷамоатҳои ба номи Рустамбек Юсуфбеков, А. Замиров ва Птуп мебошанд.

**Картошкапарварӣ.** Картошкапарварӣ яке аз соҳаи асосӣ барои хоҷагиҳои ноҳия махсуб ёфта, ҳамаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 50 фисади хоҷагиҳои хонагӣ ба парвариши картошка шуғл доранд. Барои аҳолии ноҳия 30 дарсади сарчашмаи даромад аз ҳисоби фурӯши картошка ба даст меояд.

Ноҳияи Ишкошим яке аз ноҳияи истеҳсолкунандаи картошка дар вилоят ба ҳисоб рафта, 25 фоизи масоҳати майдони картошка ба ноҳия рост меояд. Соли 2014 ҳамагӣ 12545 тонна ё 1,2 дарсади ҳаҷми умумии картошки ҷумҳуриро истеҳсол намудааст.

Дар ҳолати дастрас намудани тухмии аълосифат ноҳия имконият дорад, ки истеҳсоли картошкаро зиёд намояд. Таҷриба нишон медиҳанд, ки дар шароити ноҳия истеҳсоли ҳосили картошкаро аз 1 га то ба 350 -400 сентнер расонидан мумкин аст. Аз сабаби дастраси надоштан ба тухмии хушсифат, нӯриҳои минералӣ, техникаи кишоварзӣ, зиёд шудани ҳашаротҳои зараррасон ва касалиҳои сирояткунанда

истеҳсоли картошка ба талабот ҷавобгӯй нест. Хоҷагиҳои картошкапарварии ноҳия ҷиҳати баланд бардоштани ҳосилнокӣ ба тухмии аълосифат ва нӯриҳои минералӣ тақозо доранд.

Дар шароити кунунӣ барои қисми зиёди сокинони ноҳия сарчашмаи асосии даромад аз фурӯши картошка ба даст меояд ва дар суръати коҳиш ёфтани истеҳсоли картошка даромаднокии аҳолӣ метавонад коҳиш ёбад.

Дар хоҷагиҳои картошкапарварии ноҳия солҳои тӯлони истифода бурдани як навъи тухмии картошка ба ҳосилнокии он таъсири манфӣ расонида истодааст. Бинобар ин дар ноҳия таъсис додани хоҷагии тухмипарварии махсусгардонидашуда бамаврид аст.

Омили асоси баланд шудани ҳосилнокӣ ин истифодаи нӯриҳои маъданӣ мебошад, ки дар парвариши қариб ҳамаи маҳсулотҳо истифода мешавад. Дар заминҳои обӣ барои баланд бардоштани ҳосилнокии кишти ҷав, картошка, гандум ҳамеша порӯ ва нӯриҳои маъданӣ истифода мешаванд. Мутаассифона, дастрас намудани нӯриҳои маъданӣ барои хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия аз сабаби баланд будани нарх ва кашонидани он хело гарон аст.

Сол аз сол зиёд шудани ҳамагуна касалиҳо ва ҳашаротҳои зараррасон ба ҳосилноки картошка таъсири худро низ расонидааст. Ҳоло дар зироати кишти картошка касалиҳои фитафтароз, макроспориоз, ризоактаниёз, (Парша) – кутурак, столбур ва касалиҳои вирусӣ вуҷуд дорад.

Дар киштзори картошка зараррасонҳо симкирмак, лӯндакирм, кирминаи парвонаи тирамоҳӣ ва гамбусаки колорадӣ паҳн шудаанд. Бар зидди зараррасонҳои лундакирм ва симкирмак истифодаи заҳрхимикати ГАММАГЕКСАН ё ГЕКСАТИУРАМ 2-3 кг / га пеш аз шудгор ва ба муқобили гамбӯсаки колорадӣ заҳрхимикатҳои конфидорс 0,3л /га, ФЮРЕ 0,1 л / га , ДЕЦИС -0,150л / га истифода бурда мешавад, вале аз сабаби набудани маблағ, гарон будани нарх ва дастрас набудани ин маводҳо бисёр вақт кишоварзон қобилияти истифодаи онҳоро надоранд.

Умуман, сифати пасти тухмии картошка ва ғалладона, маҳдуд будани дастрасии хоҷагиҳои фермерӣ ба қарзҳои камфоизу дарозмуҳлат, дар масофаи дур ҷойгир шудани хоҷагиҳои картошкапарварӣ аз маркази ноҳия ва ҷумҳурӣ, набудани роҳи дурусти мошингард аз маркази ноҳия то хоҷагиҳои дурдаст ва ҳамзамон дар ҳолати бад қарор доштани роҳи мошигард байни хоҷагиҳо, кашонидани маҳсулот аз хоҷигиҳо ба бозори дохилию берунӣ ва сари вақт истифода набурдани қоидаҳои агротехникӣ мушкилотҳои аввалияи соҳа мебошанд.

Инкишоф додани хоҷагии махсусгардонидашудаи тухмипарварӣ, додани қарзҳои дарозмуҳлату камфоиз ва таъмири роҳҳои мошингард ҳадафи асосии ин соҳа дар доираи Барномаи мазкур аст.

**Боғдорӣ:** Боғдорӣ яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии ноҳия ба ҳисоб рафта, дар бобати таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ, афзун гардонидани имкониятҳои содиротии ноҳия ва ба кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ мавқеи муайянро ишғол менамояд. Иқлими ноҳия имконият медиҳад, ки майдони боғотро аз ҳисоби ниҳолҳои серҳосил зиёд намуда, талаботи аҳолӣ ба меваи тару тоза таъмин шавад ва қисми боқимондаи он содирот карда шавад. Талаботи рӯзафзун ба меваю масолеҳи сохтмонӣ, бахусус ҷӯбу тахта (аз ҳисоби шинондани дарахтони бемева) ва шароити мусоиди иқлимии ноҳия дар суръатбахшии ҳалли масъалахои ичтимоию иқтисодии деҳот ҳиссаи худро мегузорад ва ин имкон медиҳад, ки дар оянда боғдорӣ дар ноҳия ривоҷ дода шавад. Танҳо тайи солҳои 2010-2014 дар хоҷагиҳои ноҳия зиёда аз 14 га боғи нав бунёд карда шуд ва имконияти боз бунёд намудани боғи нав дар ҷамоатҳои Рустамбек Юсуфбеков, Шитхарв, Вранг ва Зонг мавҷуд аст.

Аз рӯи маълумоти расмӣ қисми зиёди хоҷагиҳо ба парвариши зардолу ва себ машғул буда, 15 дарсади даромади онҳо аз ин ҳисоб мебошад. Хоҷагиҳои боғпарварии ноҳия бештар аз дарахтони мевадиҳанда ба парвариши дарахтони зардолу, себу нок, олу ва аз дарахтони бемева тирак, сафедор ва бед машғул мебошанд.

Мушкилоте, ки дар роҳи пешбурди соҳаи боғпарварӣ монеагӣ доранд, ин пеш аз ҳама барқарор намудани базаи моддию техникии соҳаи боғпарварӣ (истифодаю нигоҳдории захрхимикатҳо, нигоҳдорию кашонидани мева) мебошад.

Солҳои охир майдони аксари боғҳои ноҳия аз сабаби нагузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ, бахусус коркарди кимиёвӣ ба муқобили касалиҳо ва ҳашаротҳои зараррасон қариб ба ҳолати нестӣ омада расидаанд. Сабаби асоси пастшавии ҳосил низ дар ҳамин мебошад. Давраи авҷи касалиҳо ва инкишофи ҳашароти зараррасон вобаста аз шароити иқлими маҳал ва хусусияти биологии онҳо, ки ба сабзиши дарахтон зарар меоварад, гуногун мегузарад. Бинобар ин, дар ин самт лозим аст, ки дар минтақа гурӯҳи махсуси пешгӯӣ оид ба паҳншавии ҳашаротро ташкил намуда, фаъолияти нуқтаҳои муҳофизати растаниҳо барқарор гардад.

Дуруст ба роҳ мондани муҳофизати боғот аз касалиҳо ва ҳашаротҳои зараррасон боиси баланд шудани ҳосилнокӣ ва зиёд шудани истеҳсоли мева дар ноҳия мешавад.Талаботи имрӯзаи бозори дохилию берунӣ тақозо менамояд, ки маҳсулоти дорои сифати баланд аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсол карда шавад. Бинобар ҳамин зарурати ҳимояи маҳсулотҳои кишоварзӣ бо истифодаи усулҳои агротехникӣ, механикӣ, биологӣ ва кимиёвӣ ба миён меояд, ки имконияти истеҳсоли маҳсулоти аз ҷихати экологи тоза, ки ба талаботи бозори дохилию берунӣ ҷавоб дода тавонад.

Дар давраи собиқ Шуравӣ ҳар сол аз як то ду маротиба дарахтон ба воситаи заҳркимиёҳо тоза карда мешуданд, вале таи 23 соли охир чунин корҳо ба анҷом расонида нашудааст ва ин боиси зиёд шудани ҳамагуна касалиҳою ҳашаротҳои зараррасон гардид. Касалиҳои аз ҳама бештар паҳнгардида ва зарароввар дар ноҳия (парша ) – кутури себу нок, пажмурдашавии вертисиллозӣ, саратони сиёҳи бактерявӣ ва ҳашаротҳо аз қабили кирми себ, қуяи мева, ширинчаҳои хунин, ширинчаҳои сабзи себ, ҳалқамур ва зиреҳаки калифорния мебошанд.

Мувофиқи меъёрҳои агротехникӣ ба муқобили ҳашаротҳо маводҳои дорувории ДНОК-40 %  ( 15кг/га ), эмулсияи равғанҳои нафт:  № 30, 30А,  30С,  30СС, 30М, зидди зараррасонҳо Ариво -0,4  л / га . Десис -05 -1л / га, Каратэ -0,4 л / га , Фюре 0,4 л / га , Конфифорс -0,3 л / га ва барои касалиҳои сирояткунанда доруи Инпакт 0,150 л / га, истифода мебаранд, ки хоҷагиҳои боғпарварии ноҳия барои дарёфт намудани онҳо эҳтиёҷот дорад.

**Системаи обёрӣ**. Обёрикунии заминҳои нав ва беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии онҳо низ аз мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳаи кишоварзӣ буда, ҳалли мушкилоти мазкур дар зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ва бо кор таъмин намудани аҳолӣ аҳамияти калон дорад.



Ҳоло, дар ноҳия  363 га замин дар ҳолати ғайри мелиоративӣ қарор дорад. Барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо 25 км заҳбуру заҳкашҳоро тоза кардан зарур аст, ки аз ин 18 км он байнихоҷагӣ мебошад. Ҳалли мушкилии номбурда метавонад ба болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ мусоидат намояд.

Дигар мушкилие, ки хоҷагиҳои кишоварзиро ба ташвиш овардааст, ин корҳои соҳилмустаҳкамкунии қад-қади соҳили дарёи Панҷ ба масофаи зиёда аз 6 км мебошад. Дар ҳолати ба анҷом расонидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ зиёда аз 500 га замин аз об шусташавӣ муҳофизат карда мешавад.

Дар ноҳия калонтарин канали Дашти Селексионӣ бо дарозии 26 км бо ғунҷоишии 4м/сония мавҷуд аст, ки солҳои 70-уми асри гузашта ба истифода дода шуда буд ва 75 иншооти гидротехникӣ дошта, зиёда аз 1000 га замину ҷагалзорро бо об таъмин мекунад.  Ин канал дар натиҷаи солҳои тӯлони истифода шудан ғунҷоиши он кам шуда, ба таъмири асосӣ ниёз дорад.

**Чорводорӣ.** Чорводорӣ дар баробари дигар соҳаҳо яке аз бахшҳои асосии кишоварзии ноҳия буда, вазни киёсии он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ 37,3%-ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали №8. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар солҳои 2010-2014**

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Гӯшт (аз он ҷумла мурғ) | Тонна | 733 | 765 | 779 | 795 | 797,9 |
| Шир | Тонна | 2057 | 2071 | 2078 | 2131 | 2137,9 |
| Тухм | ҳаз.дона | 361 | 367 | 373 | 380 | 387,0 |
| Пашм | Тонна | 31 | 32 | 33 | 34 | 35,8 |
| Асал | Тонна | 2,0 | 2,3 | 2,5 | 2,5 | 2,5 |

Истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти чорводорӣ дар соли 2014 нисбати соли 2010 гӯшт 8,8 %, шир 3,9 %, тухм 7,2 %, пашм – 6,5 % ва асал 25% зиёд шудааст.

Вусъат бахшидан ба рушди соҳаи чорводорӣ, пеш аз ҳама ба заминаи зотпарварии соҳа барои таъмини амнияти озуқавории кишвар ва амалигардонии ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар аҳамияти беандоза дорад. Ин амал бахусус дар ҳолати амалигардонии Барномаи амнияти озуқаворӣ, ки яке аз вазифаҳои он афзун гардонидани истеҳсоли гӯшт, шир, тухм ва таъмини ниёзи мардум бо сафедаи маҳсулоти чорво аҳамияти бештар пайдо менамояд.

Дар ноҳия 95 фоизи саршумори чорво ба сектори аҳолӣ ва 5 фоиз ба сектори хоҷагии деҳқонӣ рост меояд. Дар ноҳия истифодаи маводҳои зотӣ, хизматрасонии зоотехникию бойтори маҳдуд буда, таъминот ба хӯрока ва захираи он (бо назардошти он ки майдони кишти хӯроки чорво зиёд шудааст) суст гардидааст.

Дар оянда зарур аст, ки имконияту захираҳо барои беҳтаргардонии сифатҳои маҳсулнокию зотии чорво тавассути амалигардонии корҳои селексионию зотпарварӣ равона карда шавад. Ҳамчунин барқарор намудани нуқтаҳо ва стансияҳои бордоркунии сунъии чорво ва таъмини онҳо ба маводҳи зотӣ (чорвои наслдеҳӣ баландсифат) дар назди ҷамоатҳо яке ҳадафҳои асосии соҳа ба ҳисоб меравад.

Дар ноҳия ҳамагӣ 69569 сар чорвои калону майда ба қайд гирифта шудааст, ки ҳамаи он ба сектори аҳолӣ таалluқ доранд. Новобаста аз афзоиши саршумор ва истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ талаботикунунии бозори дохилӣ пурра таъмин карда намешавад.

***Ҷадвали №9.*** **Саршумори чорво дар тӯли солҳои 2010-2014**

| | Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | *Чорвои калон* | 12637 | 12799 | 12862 | 13251 | 13520 |
| | *аз ҷумла, модагов* | 4551 | 4602 | 4621 | 4801 | 4834 |
| 2 | *чорвои хурд* | 51407 | 53718 | 54298 | 56318 | 58195 |
| 3 | *Асп* | 7 | 7 | 7 | 7 | 7 |
| 4 | *Парранда* | 18740 | 18805 | 18882 | 19265 | 19695 |
| 5 | *Оилаи занбӯри асал* | 124 | 129 | 129 | 129 | 129 |

Тайи чор соли охир саршумори чорвои калони шохдор 6,9 фоиз, бузу гӯсфанд 10,0 фоиз, парранда 5,0 фоиз ва оилаи занбури асал 4,0 фоиз зиёд шудааст. Зиёда аз 95 дарсади шумораи чорво ва парранда, оилаи занбури асал пурра ба сектори аҳолӣ таалluқ доранд.

Шароити иқлимии ноҳия барои парвариши чорво ва парранда дар қиёс ба дигар ноҳияҳои вилоят он қадар мусоид нест. Дар сурати инкишоф додани соҳаи чорводорӣ ва ба роҳ мондани коркарди он, ноҳия имконият дорад, ки дар таъмини маҳсулоти молию ширӣ мавқеи хосро дар вилоят ишғол намояд.

***Коркарди пӯст ва пашм.*** Рушди соҳаи коркарди ашёи чорво (пӯст ва пашм) бо назардошти истифода аз манбаи мавҷудаи ашёи маҳаллӣ, ҷиҳати пайдо намудани

арзиши иловашудаи маҳсулоти истеҳсолӣ, аз ин ҳисоб ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ, таъмини бозори дохилӣ ва баланд бардоштани истеҳсоли содиротии ноҳия, ташкили ҷойҳои нави корӣ, ки барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат менамояд, аҳмияти иқтисодӣ дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки миқдори зиёди пӯсту пашм дар ноҳия мавҷуд буда, бинобар набудани нуқтаҳои қабул ва коркард нашудани онҳо бекор хобидаанд.

Дар сурати ба роҳ мондани коркарди корхонаҳои пӯсту пашм ҷойҳои нави корӣ пайдо шуда, аз ин ҳисоб ба буҷети маҳаллӣ маблағҳои иловагӣ ворид мегарданд, ки ин метавонад ба сатҳи камбизоатӣ дар ноҳия мусоидат намояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки  ҳамсола дар ноҳия тақрибан 1000 то 1500 ҳазор дона ё ин ки ба ҳисоби миёна 1065 ҳазор дм$^2$ ашёи пӯст истифода нашуда партофта мешавад.  Аз рӯи маълумоти ғайрирасмӣ ҳамасола дар ноҳия зиёда аз 9  тонна пашми буз ва 20 тонна пашми гӯсфанд истифода нашуда партофта мешавад.

Ба ин мақсад,  дар сатҳи миллӣ «Барномаи коркарди пурраи ашёи хоми чорво (пӯст ва пашм) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015» ба тавсиб расидааст, ки дар доираи он ташкили нуқтаҳои ҷамъоварии ашёи хоми чорво (пӯст ва пашм) тӯли солҳои 2009-2015 дар ноҳияҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ дар назар дошта шудааст.

Истифодаи пашми истеҳсолшуда дар ноҳия низ дар ҳолати ташвишовар қарор дорад. Дар ноҳия 0,4 дарсади ҳаҷми умуми пашми ҷумҳурӣ истеҳсол мешавад, вале аз сабаби коркард нашудан ва солҳои тӯлонӣ дар анбори хоҷагиҳо монданаш вайрон шуда, партофта мешавад.

Дар ҳолати ташкил намудани нуқтаҳои қабули пӯсту пашм ва ҳавасманд намудани хоҷагиҳо имконияти гирифтани даромади иловагӣ ва зиёд намудани иқтидори содиротӣ аз ин ҳисоб дар ноҳия мавҷуд аст.

**Занбӯри асалпарварӣ.** Занбӯри асалпарварӣ яке аз соҳаҳои камхарҷу сердаромади соҳаи кишоварзӣ мебошад. Захираҳои маҷудаи растаниҳои шаҳддиҳандаи ноҳия имкон медиҳад, ки шумораи оилаи занбӯри асал зиёд карда шуда, истеҳсоли он дучанд карда шавад. Солҳои охир соҳаи мазкур дар ноҳияи рушд ёфта, истеҳсоли он тадриҷан зиёд шудааст.  Истеҳсоли асал аз 2 тоннаи соли 2010 то ба 2,5 тонна  дар соли 2014 расонида шуд.   Барои боз ҳам ривоҷ додани соҳаи асалпарварӣ дастгирӣ намудани хоҷагиҳои асалпарвар ва ба онҳо додани қарзҳои камфоиз ва дарозмуҳлат мувофиқи мақсад мебошад.

**Бойторӣ.** Дар шароити имрӯза рушди соҳаи чорводорӣ ва паррандапарвариро бе пешниҳоди  хизматрасонии бо сифати бойторӣ ҷиҳати сари вақт пешгирӣ намудани касалиҳои сирояткунанда тасаввур намудан гайриимкон аст.

Дар  ноҳияи Ишкошим ҳолатҳои алоҳидаи касалиҳои карасон  (эмкор) ва дигар касалиҳо дар байни чорвои калон  ва моли майда, ба мушоҳида мерасад.

Дар ноҳия 3 клиникаи хусусии бойторӣ фаъолият дорад ва бунёди 4 клиникаи хусусӣ ва 7 нуқтаи бордоркунии сунъӣ дар ҷамоатҳо дар назар аст.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба мушоҳида мерасад ин пеш аз ҳама набудани таҷҳизот ва техникаҳои замонавӣ, мутахассисони баландихтисос, баланд будани нархи доруворӣ, мушкил будани дастраснамоии доруворӣ ва ғайра мебошад.

Ҳамзамон, бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Ташкилоти байналхалқии Созмони Миллали Муттаҳид оид ба кишоварзӣ ва озуқа (FAO)  ваксинаҳо ва дигар доруҳо барои пешгирии касалиҳо чорво дастрас карда мешавад. Бо кӯмаки ин ташкилот дар соли 2010 Ассотсиатсияи бойторҳои ноҳиявӣ ташкил карда шуд ва дар ин ассотсиатсия 9 нафар кадрҳои баландихтисоси ба кор ҷалб карда шудаанд. Дар ноҳия ва гирду атрофии он  ягон дорухонаи бойторӣ, нуқтаи безараргардонии чорво (барои сӯзонидан ва шустушӯйи чорво  бахусус барои касалиҳои сироятӣ) вуҷуд надорад.

Илова бар ин, бинои стансияи бойтории ноҳия, ки солҳои 1959 асри гузашта сохта шудааст дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, ба таъмири асосӣ ниёз дорад.

Барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани хизматрасонии бойторӣ, роҳ надодан ба талафшавии чорво ва парранда аз ҳисоби касалиҳои гузаранда, инвазионӣ, паразитӣ ва хуни дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан зарур аст. Аз ҷумла, ташкил намудани нуқтаҳои махсус барои куштани чорвои гӯштӣ ҷиҳати

нест кардани хуну дигар партовҳои нолозим ва дар ин замина нигоҳ доштани тозагии муҳити атроф.

Дар воқеъ, номукаммалии маблағгузорӣ ба соҳаи мазкур имконият намедиҳад, ки мушкилотҳои ба миён омада вобаста ба пешгирии касалиҳои сирояткунанда дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ, беҳтарсозии насли чорво, ташфиқу тарғиби таҷрибаҳои пешқадам ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмии соҳаи бойторӣ чораҳои саривақтӣ андешида шавад.

**Мушкилиҳои соҳа:**

- Фарсудаю корношоям будани техникаи мавҷуда ва набудани техникаю таҷҳизотҳои замонавии кишоварзӣ;
- Солҳои тӯлонӣ тоза накардани заҳбуру заҳкашҳо ба масофаи 25 км (18 км байнихоҷагӣ ва 7 км дохилӣ хоҷагӣ) ва дар ҳолати бади мелиоративӣ қарор доштани 363 га замини обӣ;
- Таҳдиди шусташавии 500 га замини қад-қади соҳили дарёи Панҷ ва нагузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ба масофаи 6 км;
- Дар ҳолати садамавӣ қарор доштани канали Дашти Селексионӣ бо дарозии 26 кмбо ғунҷоишии 4м$^3$/сония (1000 га замину чагалзор об дода мешавад);
- Набудани клиникаҳои хусусии бойторӣ ва нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ дар маркази ҷамоатҳо;
- Солҳои охир зиёд шудани ҳаргуна ҳашаротҳои зараррасон.

## 2.2.Соҳаи саноат

**Таҳлили ҳолати мавҷуда.** Дар ноҳияи Ишкошим 4 корхонаи саноатии истеҳсоли нерӯи барқ фаъолият мекунад. Инчунин, дар ноҳия 7 корхонаи хурди дӯзандагӣ, ду корхонаҳои хурди истеҳсоли дару тирезаҳои пластикӣ, як ҶДММ “Мирзо” истеҳсоли асбоби бисоти хона (мебель) ва 12 адад осёб мавҷуд мебошад.

.




Дар сохтори ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нақши корхонаи НОБ “Отамбеков” баланд арзёбӣ мегардад. Ҳиссаи корхонаи мазкур дар таркиби истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳия мутаносибан 93 фоиз ва 98 фоизро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №1* ***Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар тӯли солҳои 2010 -2014 аз рӯйи корхонаҳо (ҳазор сомонӣ)***

| Номи корхонаҳо | Солҳо | | | | | Суръати афзоиш 2014/2010 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| НОБ-и «Отамбеков» | 393,4 | 479,6 | 890,1 | 646,9 | 1317,5 | 3,4 баробар |
| НОБ «Лангар» | 4,4 | 4,8 | 5,1 | 4,1 | - | - |
| НОБ «Ямчун» | 24,3 | 26,0 | 27,0 | 16,0 | 6,1 | 25,1 |
| НОБ-и хурди «Шитхарв» | 1,1 | 1,3 | 2,3 | 2,3 | 2,5 | 2,27 |
| ҶДММ “Мирзо” | - | - | - | - | 21,0 | - |
| Ҳамагӣ: | 423,2 | 511,7 | 924,5 | 669,3 | 1347,1 | 3,1 баробар |

Ҳадафи асосии соҳаи саноат ин самаранок ва оқилона истифода намудани захираҳои мавҷуда, ба кор даровардани иқтидорҳои нави саноатӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда тавассути ҷорӣ намудани технологияи нави замонавӣ ва дар ин замина таъсис додани ҷойҳои нави корӣ мебошад.

**Ҷадвали №1.***Вазъи кунунии корхонаҳои саноатии ноҳия (ба ҳолати 01.01.15)*

| *№* | *Номи Корхона* | *Намуди фаъолият ё маҳсулоти истеҳсолшуда* | *Иқтидори лоиҳавӣ* | *Иқтидори амалӣ (кВт)* | *Вазъи техникӣ* | *Истеъмолкунандагони маҳсулот* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | НОБ-и «Отамбеков» | Қувваи барқ | 18000кВт | 18000 кВт | коршоям | Ташкилоту муассисаҳо, ахолии ноҳия |
| 2. | НОБ-и «Лангар» | Қувваи барқ | 60 кВт | 60 кВт | коршоям | Ахолии ноҳия |
| 3. | НОБ-и «Ямчун» | Қувваи барқ | 160 кВт | 160 кВт | коршоям | Ахолии ноҳия |
| 4. | НОБ-и хурди «Шитхарв» | Қувваи барқ | 35 кВт | 35 кВт | коршоям | Ахолии ноҳия |
| 5 | ҶДММ "Мирзо" | истеҳсоли асбоби бисоти хона (мебель) | 60 | 60 | коршоям | Ахолии ноҳия |

Дар ноҳия барои таъсис додани сехҳои хурду миёнаи коркарди санг шароитҳои хело мусоид мавҷуд аст, вале аз сабаби набудани техникаю таҷҳизотҳо, норасогии воситаҳои молиявӣ, баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ барои ба роҳ мондани истеҳсолот, набудани дастрасӣ ба қарзҳои имтиёзнок, набудани техника ва таҷҳизотҳои ҳозиразамон, норасогии кадрҳои баландихтисос (бахусус марбут ба менеҷмент ва маркетинг) ва суст будани низоми ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ айни ҳол дар ин самт кор ба роҳ монда нашудааст.

Барои коркарди ашёи хоми маҳаллӣ тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Нақшаи амалӣ оид ба таъсисёбии корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2013" бунёди сехи маҳсулоти тайёр аз санги мармар ба маблағи 1800,0 ҳазор доллари ИМА бо 25 ҷойи нави корӣ чашмдошт шудааст (Қарори ҲҶТ аз 21.04.12, №175) мутаассифона ин кор ба сомон расонида нашуд.

**Иқтидорҳои мавҷуда.** Дар ҳудуди ноҳия захираҳои зиёди обҳои менералӣ, сангҳои қиматбаҳо, канданиҳои фоиданок, пашм, пӯст ва мева мавҷуд аст, ки барои зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва дар ин замина ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ метавонад мусоидат намояд. Дар ин замина, таъсис додани корхонаҳои хурду миёна оид ба истеҳсоли обҳои менералию гиёҳҳои шифобахш, коркарди сангҳои қиматбаҳо ва дигар масолеҳ бо ҷалби сармоягузорони дохилию хориҷӣ дар деҳаҳои Кӯҳи лаъл, Лангар, Сист, Удит, Вранг, Ширгин ва Намадгут ба мақсад мувофиқ аст. Дар оянда барои самаранок ва оқилона истифода намудани иқтидорҳои мавҷуда татбиқи лоиҳаҳои афзилиятнок дар назар дошта шудааст. Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад ин норасогии техника ва таҷҳизотҳои ҳозиразамон ва суст будани дастрасӣ ба воситаҳои молиявии қарзӣ маҳсуб меёбад. Дар шароити кунунӣ баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ ва муҳлати кӯтоҳи баргардонии онҳо, ҷалби сусти сармояи дохилию хориҷӣ барои рушди минбаъдаи соҳаи саноат монеаҳои зиёд пеш меоварад.

Бо истифода аз имкониятҳои истеҳсолӣ ва иқтидорҳои мавҷуда расонидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз 669,3 ҳазор сомонии соли 2013 ба 5256,0ҳазор сомонӣ дар соли 2018 дар назар дошта шудааст.

## 2.3. Соҳаи соҳибкории хурду миёна.

**<u>Таҳлили ҳолати мавҷуда.</u>** Соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар рушди иқтисодиёти ноҳия, бахусус барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ғанӣ гардонидани сатҳи даромади буҷаи маҳаллӣ нақши калон мебозад. Дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ ҳиссаи маҳсулоти тавлиднамудаи соҳибкории хурду миёна зиёд аст. Пешравии соҳибкории хурду миёна дар ноҳия бештар дар соҳаҳои тиҷорат, хизматрасонии маишӣ, сохтмон, нақлиёт ва коммуникатсия бештар ба назар мерасад.

Дар ноҳия солҳои охир афзоиши воридоти маблағ ба буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби СХМ бараъло ба мушоҳида мерасад. Тайи се соли охир воридшавии маблағ аз ҳисоби соҳибкорон ба буҷети маҳаллӣ 40 фоиз зиёд шудааст.

Соҳибкории хурду миёна дар таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор, бахусус дар самти тиҷорат, сохтмон, хизматрасонӣ ва саноат нақши калон дорад. Ҳиссаи умумии шуғл дар бахши хизматрасонӣ ва тиҷорат 98 фоизи шумораи умумии ба кор таъминшудагонро ташкил медиҳад.

***Ҷадвали№1. Нақши* СХМ *дар таъмини шуғли аҳолӣ аз рӯи соҳаҳо***

| *Соҳаҳо* | *Миқдори субъектҳои ба қайд гирифташуда* | | *Шуғл* | |
|---|---|---|---|---|
| | *Шахсони ҳуқуқӣ* | *Шахсони воқеӣ* | *Миқдори ҷойҳои корӣ (аз ҷумла занҳо)* | *% аз шуғли умумӣ* |
| Кишоварзӣ | 18 | 10777 | 87 | 9,3 |
| Нақлиёт | 1 | 102 | - | - |
| Савдо | 12 | 197 | 84 | 42,6 |
| Хизматрасонӣ | 12 | 356 | 198 | 55,6 |
| Сохтмон | 1 | 24 | 2 | 8,3 |
| Ҳамагӣ шуғл дар СХМ | 44 | 6067 | 285 | 4,7 |

**<u>Пешниҳоди хизматрасонӣ барои рушди СХМ</u>**. Барои дастгирии бахши хусусӣ дар ҳудуди ноҳия филиалҳои «Амонатбонк», «Тоҷиксодиротбонк», «Агроивестбонк», «Бонки хурди молиявӣ» ва ташкилоти қарздиҳии «Ишкошим» амал мекунанд. Дар тӯли панҷ соли охир аз ҷониби бонкҳои ноҳия барои мизоҷон ба андозаи 49,9 млн сомонӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат дода шудаст, ки аз ин барои рушди соҳаҳои кишоварзӣ 11,0 %, ниёзи иҷтимоӣ 20,5 %, сохтмон 5,6 %, соҳибкорӣ 43,2 % ва дигар соҳаҳо 19,7 % ташкил медиҳад.

***Ҷадвали №13.Иттилоот оид ба фаъолияти қарздиҳӣ дар солҳои 2010-2014 (ҳаз.сомонӣ)***

| *Номгӯи* | *Сол* | *уму мии қар зҳо* | *аи қар зги* | *Бахшҳо* |
|---|---|---|---|---|

| *ташкилот* | | | | *Кишоварзӣ* | *Саноат* | *Соҳибкорӣ* | *Сохтмон* | *Талаботҳои иҷтимоӣ* | *Дигар соҳаҳо* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Филиали «Амонатбонк» | 2010 | 3301180 | 685 | 628600 | | 2672580 | - | - | - |
| | 2011 | 3815824 | 703 | 375164 | | 523821 | | 1894231 | 1022608 |
| | 2012 | 4368310 | 721 | 1175395 | - | 1789668 | 51600 | 560823 | 790824 |
| | 2013 | 2812730 | 802 | 504895 | | 1269671 | 63819 | 65000 | 909345 |
| | 2014 | 6160750 | 675 | 1264279 | | 2345903 | 120320 | 222397 | 2207851 |
| ***Ҳамагӣ:*** | **Х** | ***20458794*** | ***3586*** | ***3948333*** | | ***8601643*** | ***235739*** | ***2742451*** | ***4930628*** |
| Агроинвестбонк | 2010 | 218880 | 44 | 105410 | | 48000 | | 41000 | 24470 |
| | 2011 | 254840 | 41 | 78340 | | 148220 | | 19580 | 8700 |
| | 2012 | 683540 | 112 | 288680 | - | 224740 | - | 113360 | 56760 |
| | 2013 | 1529900 | 222 | 180830 | | 721808 | | 627262 | |
| | 2014 | 2087400 | 241 | 525500 | | 655900 | | 750000 | 156000 |
| ***Ҳамагӣ:*** | ***Х*** | ***4774560*** | ***660*** | ***653260*** | | ***1798668*** | | ***1551202*** | ***245930*** |
| Тоҷиксодиротбонк | 2010 | 652677 | 57 | - | | 323000 | 29100 | 45000 | 255577 |
| | 2011 | 1679659 | 208 | - | | 679669 | 238100 | 275130 | 486760 |
| | 2012 | 2520382 | 191 | 13000 | - | 1041222 | 844140 | 484210 | 137810 |
| | 2013 | 3772859 | 300 | - | | 1521794 | - | 733944 | 1517121 |
| | 2014 | 4711737 | 393 | - | | 1779431 | - | 2216700 | 715606 |
| ***Ҳамагӣ:*** | ***Х*** | ***13337314*** | ***1149*** | ***13000*** | | ***5345116*** | ***1111340*** | ***3754984*** | ***3112874*** |
| Бонки хурди молияви | 2010 | 1118776 | 145 | 29150 | | 766330 | 98534 | 124762 | 100000 |
| | 2011 | 1177000 | 143 | 30150 | | 658000 | 92600 | 172500 | 223750 |
| | 2012 | 1456777 | 151 | 18200 | - | 748477 | 305500 | 180200 | 204400 |
| | 2013 | 1748765 | 182 | 62100 | | 768040 | - | 437940 | 480685 |
| | 2014 | 2037020 | 179 | 62500 | | 886000 | 600980 | 393040 | 94500 |
| ***Ҳамагӣ:*** | ***Х*** | ***7538338*** | ***800*** | ***202100*** | | ***3826847*** | ***1097614*** | ***1308442*** | ***1103335*** |
| Ташкилоти хурди карздихи | 2010 | 894118 | 304 | 90221 | | 275321 | 73210 | 213140 | 242226 |
| | 2011 | 858307 | 289 | 100365 | | 299900 | 12200 | 345942 | 99900 |
| | 2012 | 573915 | 269 | 59750 | - | 122150 | 87000 | 175800 | 129215 |
| | 2013 | 558540 | 187 | - | | 87360 | - | 456280 | 14900 |
| | 2014 | 933750 | 135 | 75700 | | 353500 | - | 437550 | 67000 |
| ***Ҳамагӣ:*** | ***Х*** | ***3818630*** | ***1184*** | ***326036*** | | ***1138231*** | ***172410*** | ***1628712*** | ***553241*** |
| ***Ҳамагӣ дар 5 сол*** | | ***49927636*** | ***7379*** | ***5142729*** | - | ***20710505*** | ***2617103*** | ***10985791*** | ***9946008*** |

Соҳибкорон дар ноҳия яке аз нерӯҳои бузург ва созанда маҳсуб меёбанд, ки аз дуруст ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо рушди минбаъдаи иқтисодиёти ноҳия вобастагии калон дорад. Дар ноҳия имкониятҳои васеъ барои рушди соҳибкорӣ бахусус дар самти коркарди маданҳои куҳӣ, сангҳои қиматбаҳо, обҳои минералии шифобахш, хизматрасонӣ ва ба роҳ мондани сайёҳӣ мавҷуд мебошад. Инчунин, дар ноҳия минтакаи озоди иктисодӣ ташкил карда шудааст, ки ин бевосита ба рушди бахши хусусӣ ва ба кор даровардани иқтидорҳои мавҷуда тавассути ашёи хоми маҳаллӣ имконияти васеъ фароҳам меоварад.

## 2.4. Соҳаи сохтмон

Соҳаи сохтмон яке аз самтҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ дар ноҳия мебошад. Дар ноҳияи Ишкошим 3 корхонаи сохтмонӣ филиали ҶСШК "Помирсохтмон"-и Муассисаи сохтмонии №6, ҶДММ "Ободкор" ва ҶДММ "Ваҳдат" фаъолият менамоянд.



Корхонаҳои сохтмонии ноҳия дар ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ нақши муҳим мебозанд. Корхонаҳои сохтмонии ноҳия асосан корҳои пудратии сохтмонию таъмириро ба анҷом мерасонанд. Филиали ҶСШК "Помирсохтмон"-и Муассисаи сохтмонии №6 корҳои сохтмонию таъмирии корхонаю муассисаҳои соҳаи буҷавиро иҷро намуда, сохтмони иншооти фароғатӣ, маишӣ, маданӣ ва ободонии ноҳияро иҷро мекунад.

**<u>Мушкилиҳои соҳа:</u>**

- *Баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ ва муҳлати кӯтоҳи баргардонии онҳо;*
- *Кам будани ҳавасмандгардонии моддию маънавӣ барои рушди минбаъдаи соҳа;*
- *Маҳдуд будани буҷети маҳаллӣ барои дастгирии молиявии корхонаҳо;*
- *Куҳнаю фарсуда шудани таҷҳизот ва сатҳи пасти таъмини инноватсионии корхонаҳо;*
- *Истифодаи сусти усулҳои нави менеҷмент ва маркетинг дар корхонаҳо;*
- *Набудани инвеститсияи дохилию берунӣ барои рушди соҳа;*

## БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ

**3.1. Соҳаи маориф.** Соҳаи маориф барои рушди ноҳия ва ноил гардидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва дар ин замина барои баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии аҳолӣ нақши муҳим мебозад. Мақсади асосии соҳаи маориф пеш аз ҳама, ин баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии хушсифат ва дастрасии тамоми аҳолӣ ба хизматрасониҳои ба талаботи муосири соҳа ҷавобгӯй мебошад ва дар ин самт роҳбарият ва тамоми мутахассисони соҳаҳои мухталиф барои расидан ба ин ҳадаф саъю кӯшиш намуда истодаанд. Таҳлил нишон медиҳад, ки теъдоди шахсони маълумотдор ҳамасола афзуда истодааст ва саҳми онҳо дар рушду нумӯи ноҳия назаррас аст.

*Ҷадвали №1.* ***Сатҳи маълумотнокӣ дар ноҳия аз рӯи ҷинс***

| *Сол* | *2014* | |
|---|---|---|
| | *Ҳамагӣ* | *Аз онҳо зан* |
| *Сатхи маълумотнокӣ* | *16330* | *8604* |
| Олии касбӣ | 1575 | 925 |
| Миёнаи махсус | 2273 | 1101 |
| Миёна | 12482 | 6578 |

Дар соҳаи маорифи ноҳия 45 мактаби таҳсилоти умумӣ, ки аз онҳо 27 мактаби таҳсилоти миёна, 9 мактаби таҳсилоти умумии асосӣ ва 9 мактаби таҳсилоти умумии ибтидоӣ фаъолият менамоянд, ки теъдоди хонандагони онҳо 5923 (2318) нафарро ташкил медиҳанд ва дар назди мактаби № 21 бо фарогирии 20 нафар тарбиятгиранда интернат мавҷуд аст .

*Ҷадвали №2.Таҳсилоти томактабӣ*

| *Номгӯи муассисаҳои томактабӣ* | *2010* | | *2011* | | | | *2012* | | | *2013* | | | *2014* | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *Умумӣ* | *Духтар* | *Писар* | *Умумӣ* | *Духтар* | *Писар* | *Умумӣ* | *Духтар* | *Писар* | *Умумӣ* | *Духтар* | *Писар* | *Умумӣ* | *Духтар* | *Писар* |
| Кӯдакистони №1 | 110 | 59 | 51 | 110 | 53 | 57 | 110 | 56 | 54 | 111 | 54 | 57 | 110 | 59 | 51 |
| Кӯдакистони №2 | 30 | 13 | 17 | 30 | 15 | 15 | 30 | 12 | 18 | 30 | 20 | 10 | 30 | 15 | 15 |
| Кӯдакистони № 3 | 45 | 20 | 25 | 45 | 18 | 27 | 45 | 21 | 24 | 45 | 13 | 32 | 45 | 25 | 20 |
| Кӯдакистони № 4 | 30 | 18 | 12 | 30 | 16 | 14 | 30 | 13 | 15 | 30 | 16 | 14 | 30 | 20 | 10 |
| Кӯдакистони № 5 | 45 | 16 | 29 | 45 | 18 | 27 | 45 | 22 | 23 | 44 | 21 | 23 | 45 | 25 | 20 |
| Ҳамагӣ | 260 | 126 | 134 | 260 | 120 | 140 | 260 | 124 | 136 | 260 | 124 | 136 | 260 | 144 | 116 |

Дар соли 2014 ноҳия 5 адад кӯдакистон ва 24 адад марказҳои рушди кӯдакони синни томактабӣ фаъолият менамоянд ,ки дар онҳо 430 нафар кӯдакон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ 38 нафар кормандон ба таълиму тарбия машғул буда, аз ин 9 нафар (2,3,6%) дорои таҳсилоти олӣ, 14 нафар (36,8%) дорои таҳсилоти миёнаи омузгорӣ, 15 нафар (39,4 %) таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошанд.

Соли 2014 дар ҳудуди ноҳия 1851 нафар кӯдакони синни томактабӣ (3-6 сола) ба қайд гирифта шудааст, ки бинобар сабаби норасогии муассисаҳои томактабӣ танҳо 260 нафар ва ё 14,0 фисади онҳо ба ин намуд таҳсилот фаро гирифта шудаанду халос.

Ҳамаи кӯдакистонҳои ноҳия ба таъмири асосӣ ниёз доранд, аз он ҷумла кӯдакистони № 1 воқеъ дар маркази ноҳия, ки соли 1960 сохта шудааст ва шароити он ба талаботҳои санитарӣ ҷавобгу набуда, ба таъмиру азнавсозӣ ниёз дорад.

Кӯдакистони  № 4-5 ҷамоати деҳоти Зонг, кӯдакистони  № 3 ҷамоати деҳоти Вранг ва кӯдакистони  №2 ҷамоати деҳоти Шитхарв низ дар ҳамин ҳолат қарор доранд.

Мушкилии дигар ин аст, ки дар аксар маҳаллаҳои калон ва миёнаи аҳолинишин умуман муассисаҳои таълимии томактабӣ вуҷуд надорад. Яке аз афзалиятҳои асосии соҳа ин фарогирии бештари кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ мебошад. Барои мусоидат намудан ба бартараф созии мушкилиҳои ҷойдошта ва беҳтар намудани фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ, аз таъмири асосӣ баровардани бинои кӯҳнаи мактаби  таҳсилоти миёнаи умумии № 32 – и деҳаи Андароб ва дар ин замина ба роҳ мондани истифодабарии он ҳамчун кӯдакистон мувофиқи мақсад мебошад.

**Маълумоти миёна.** Шумораи умумии хонандагон дар солҳои хониши 2013- 2014, 5934 нафарро ташкил дода, аз он 2924 (49,3%) нафар духтарон ва  3010  ( 50,7 %) нафари дигар писарон мебошанд ва таҳсил дар ду баст ба роҳ монда шудааст.

***Ҷадвали №3. Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимии ноҳия (нафар)***

| | 2009-2010 | | | | 2010-2011 | | | | 2011-2012 | | | | 2012-2013 | | | | 2013-2014 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Синфҳо* | *Ҳамагӣ* | *Писарон* | *духтарон* | *% духтарон* | *Ҳамагӣ* | *писарон* | *Духтарон* | *% духтарон* | *Ҳамагӣ* | *Писарон* | *духтарон* | *% духтарон* | *Ҳамагӣ* | *Писарон* | *духтарон* | *% духтарон* | *Ҳамагӣ* | *Писарон* | *духтарон* | *% духтарон* |
| I | 891 | 472 | 419 | 46,3 | 834 | 441 | 393 | 49,7 | 734 | 390 | 344 | 44,4 | 709 | 387 | 322 | 45,4 | 401 | 185 | 216 | 53,8 |
| I I | 542 | 261 | 281 | 51,8 | 493 | 262 | 231 | 46,8 | 506 | 263 | 243 | 48,0 | 448 | 247 | 201 | 44,9 | 392 | 193 | 199 | 50,7 |
| I I I | 589 | 309 | 280 | 47,5 | 540 | 255 | 285 | 52,7 | 487 | 259 | 228 | 46,8 | 496 | 251 | 245 | 49,3 | 447 | 203 | 244 | 54,5 |
| IV | 590 | 300 | 290 | 49,1 | 596 | 310 | 286 | 47,9 | 531 | 251 | 280 | 52,7 | 489 | 255 | 234 | 47,8 | 487 | 246 | 241 | 49,4 |
| **I – IV** | **2612** | **1342** | **1270** | **48,7** | **2463** | **1268** | **1195** | **49,3** | **2258** | **1163** | **1095** | **48,1** | **2142** | **1140** | **1002** | **46,7** | **2056** | **967** | **1089** | **112,6** |
| V | 610 | 328 | 282 | 46,2 | 579 | 293 | 286 | 49,3 | 592 | 302 | 290 | 48,9 | 522 | 271 | 281 | 53,8 | 475 | 225 | 250 | 52,6 |
| V I | 693 | 308 | 385 | 55,0 | 602 | 320 | 282 | 46,8 | 580 | 294 | 286 | 49,3 | 588 | 307 | 281 | 47,7 | 523 | 278 | 245 | 46,8 |
| V I I | 593 | 307 | 286 | 48,2 | 694 | 312 | 382 | 55,0 | 596 | 314 | 282 | 47,3 | 578 | 292 | 286 | 49,4 | 583 | 279 | 304 | 52,1 |
| V I I I | 626 | 320 | 306 | 48,8 | 599 | 314 | 285 | 47,5 | 681 | 300 | 381 | 55,9 | 587 | 308 | 279 | 47,5 | 573 | 295 | 278 | 48,5 |
| IX | 634 | 310 | 324 | 51,1 | 625 | 316 | 309 | 49,4 | 595 | 308 | 287 | 48,2 | 682 | 308 | 374 | 54,8 | 574 | 272 | 302 | 52,7 |
| **V – IX** | **3156** | **1573** | **1583** | **50,0** | **3099** | **1555** | **1544** | **49,8** | **3044** | **1518** | **1526** | **50,1** | **2957** | **1456** | **1501** | **50,7** | **2728** | **1349** | **1379** | **50,5** |
| X | 545 | 256 | 289 | 53,0 | 583 | 279 | 304 | 52,1 | 557 | 272 | 285 | 51,1 | 534 | 279 | 255 | 47,7 | 616 | 345 | 271 | 43,9 |
| XI | 519 | 237 | 282 | 54,3 | 532 | 235 | 297 | 55,8 | 574 | 274 | 300 | 52,2 | 538 | 255 | 283 | 52,6 | 534 | 263 | 271 | 50,7 |
| **X – XI** | **1064** | **493** | **571** | **54** | **1115** | **514** | **601** | **53,9** | **1131** | **546** | **585** | **51,7** | **1072** | **534** | **538** | **49,8** | **1150** | **608** | **542** | **47,1** |
| **Ҳамагӣ** | **6832** | **3408** | **3424** | **50,2** | **6677** | **3337** | **3340** | **50,3** | **6433** | **3227** | **3206** | **49,8** | **6171** | **3130** | **3041** | **49,3** | **5934** | **2934** | **3010** | **50,7** |

Аз таҳлили ҷадвали мазкур бармеояд, ки солҳои охир шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимии ноҳия коҳиш ёфта истодааст.  Сабабҳои асосии коҳиш ёфтани шумораи хонандагон ин ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани ҷавонон ва духтарон, кам будани шумораи издивоҷ ва коҳиш ёфтани таваллуди кӯдакон маҳсуб меёбад.

**<u>Таъминот бо омӯзгорон</u>**. Ба ҳолати  01.01.2015 шумораи умумии омӯзгорон 935 нафарро ташкил дода, аз он ҷумла занҳо  564 нафар (60,3), 617 нафари он дорои маълумоти олӣ (66%), 40 нафар олии касбии нопурра (4,2%)ва 278 нафар миёнаи касбӣ ва умумиро (29,7%) ташкил медиҳанд.

***Ҷадвали №4. Шумораи омӯзгорони ноҳия дар давоми солҳои 2009- 2014(нафар)***

| Нишондиҳандаҳо | 2009- 2010 | 2010- 2011 | 2011 -2012 | 2012 -2013 | 2013-2014 |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи умумӣ | 935 | 880 | 940 | 948 | 935 |
| Аз ҷумла, занҳо | 532 | 504 | 567 | 555 | 564 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Бо маълумоти олӣ | 503 | 518 | 589 | 614 | 617 |
| Аз ҷумла, занҳо | 283 | 259 | 282 | 334 | 337 |
| Бо маълумоти олии нопурра | 62 | 59 | 47 | 49 | 48 |
| Аз ҷумла, занҳо | 31 | 43 | 25 | 30 | 35 |
| Бо маълумоти миёнаи омӯзгорӣ | 254 | 201 | 237 | 241 | 226 |
| Аз ҷумла, занҳо | 129 | 104 | 126 | 166 | 166 |
| Бо маълумоти миёнаи махсус | 116 | 102 | 67 | 44 | 39 |
| Аз ҷумла, занҳо | 63 | 53 | 35 | 25 | 22 |
| Норасоии кадрҳо | - | - | - | - | 27 |

Хушбахтона дар муддати солҳои охир мушкилии бо мутахассисон таъмин намудани мактабҳо пурра ҳалли худро ёфтааст.

Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин паст будани музди меҳнат ва кам будани ҳавасмандгардониҳои моддию маънавии кадрҳои маҳаллӣ аз ҳисоби хатмкунандагони мактабҳои олӣ мебошад.

**Маълумоти фарогир.** Дар ноҳияи Ишкошим ба ҳолати 01.01.2015, 138 нафар кӯдакони маъюб, аз ҷумла 59 нафар духтарон (42%) ба қайд гирифта шудаанд. Айни замон, аз ин шумора танҳо 13 нафарашон, аз ҷумла 6 нафар духтар ба таълим фаро гирифта нашудаанд. Сабаби асосии пурра ба таълим фаро гирифта нашудани кӯдакони маъюб ин набудани мутахассисони махсус дар ин самт, шароити вазнини оилавӣ ва ҷорӣ нагардидани низоми таълимоти фарогир дар мактабҳои деҳот мебошад.

**Маълумоти олӣ ва миёнаи махсус.** Тибқи нақшаи корӣ ҳар сол тибқи квотаи президентӣ хонандагони болаёқат ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ дохил мешаванд. Тӯли солҳои 1997 - 2014 тибқи квотаи президентӣ ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ 295 нафар дохил шуданд, ки 83 нафар писар ва 212 нафарашон духтарон (72,%) мебошанд. Дохилшавии хатмкунандагони ноҳия дар соли 2014 назаррас мебошад.Аз 521 нафар хатмкунандагони мактабҳои ноҳия 438 нафарашон (84,0%) ба мактабҳои олӣ ва миёнаи касбӣ ва 26 нафар ба мактабҳои олии хориҷи кишвар дохил гардиданд.

**Барқарорсозии инфрасохтори мактабӣ.** Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2008 № 436 «Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008 – 2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгиранд» як қатор корҳо ба иҷро расонида шуд. Бо мақсади бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта дар доираи барномаи мазкур сохтмони мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 32 деҳаи Андароб, мактаби миёнаи № 21 дар маркази ноҳия ва мактаби миёнаи № 9 деҳаи Внукут дар назар дошта шудааст. Мактабҳое , ки дар ҳолати садамавӣ қарор доранду ба таъмир ниёз доранд, мактаби №13, №17 (бинои асосӣ), мактабҳои № 4,3, 22, 28, 33(бинои дуюм) мебошанд. Инчунин, мактабҳое, ки зарурият ба сохтмони синфхонаҳои иловагӣ доранд инҳо мебошанд: мактабҳои № 10, 44, 21, 9.

Дар шароити кунунӣ дар аксари мактабҳо, махсусан мактабҳои деҳот норасогии кабинетҳои фаннӣ, устохонаҳо, ошхонаҳо, китобхонаҳо ва толорҳои варзишӣ ба назар мерасад. Мушкилоти дигари соҳа ин нарасидани мизу курсӣ мебошад.

**Дастрасӣ ба технологияи компютерӣ.** Айни замон, дар мактабҳои таҳсилоти умумии нохияи Ишкошим 310 адад компютер, 78 адад принтер мавҷуд аст, ки ба ҳар 10 нафар хонандаи синфҳои 7-11 як компютер рост меояд, ки ин нишондиҳандаи хуб мебошад. Нарасидани нерӯи барқ дар фасли зимистон дар мактабҳои деҳот барои гузаронидани дарсҳои амалии фанни технологияи информатсионӣ монеа пеш меоварад. Бинобар ин зарурати таъмини мактабҳо бо хати озоди барқ ва батареяҳои офтобӣ ба миён омадааст. Ба шабакаи Интернет пайваст гардидани мактабхои ноҳия проблемаи асосии соҳа ба шумор меравад.

Бо назардошти сол то сол зиёд гардидани талабот ба осоишгоҳҳо ва ташкили фароғат барои хонандагон, ташкил намудани осоишгоҳҳои тобистона дар назди фароғатгоҳои Гармчашма ва Ямчун зарур аст.

Ҷадвали № 5.**Мушкилиҳои соҳаи маориф**

| | *Номгӯи мушкилӣ* | *Ном, рақами муассисаҳои таълимӣ ва мавзеъҳои ҷойгиршавии он* |
|---|---|---|
| ***1*** | ***Бад будани базаи моддиву техникии мактабҳо*** | |
| | *Таъмирталаб будани биноҳои таълимӣ* | *Мактабҳои № 5,7,9,12,23,25,27,29, 36,34,38,40,37,32.* |
| | *Нарасидани синфхонаҳо* | *Дар мактабҳои № 4,7,9,10,11,16,21,32,33,37,44* |
| | *Сохтмони устохонаҳои таълимӣ* | *Мактабҳои № 2,5,9,10,14,16,18,19,21, 23,27,28,30,37* |
| | *Таъмири асосии бинои шуъбаи маориф* | *Маркази ноҳия* |
| | *Сохтмони толорҳои варзишӣ* | *Мактабҳои №1.2.8.12.14.15.18.26.32.35* |
| | *Сохтмони биноҳои асосӣ* | *Мактабҳои № 9,10,13,21,23,26,28,30, 33,37,42,44* |
| ***2*** | ***Шароити номусоид барои таҳсили хонандагон*** | |
| | *Набудани таҷҳизотҳои замонавӣ (мизу курсӣ, асбобҳои аёнӣ, бозичаҳои кӯдакона, расмҳо ва гайра)* | *Дар кӯдакистонхои №1.2.3.4.5* |
| | *Нарасидани таҷҳизоти мактабӣ, мизу курсиҳо барои хонандагон* | *Дар мактабҳои тахсилоти умумии асосӣ ва ибтидоӣ.Мактабхои №3,7,11,17,22,24,25,33,34,36,41,42,43,44,4548* |
| | *Набудани ҳуҷраҳои фаннӣ бо таҷҳизоти ҳозиразамон муҷаҳҳазонидашуда,* | *Дар аксарияти мактабҳои тахсилоти миенаи умуми ва асоси .Дар 25 адад мактабхои миёна,* |
| | *Нарасидани китобҳои дарсӣ (7105 нусха)* | *Умуман да ҳамаи мактабҳои ноҳия.* |
| | *Аз кор баромадани таҷҳизоти гармидиҳии мактабҳо* | *Дар мактабҳои № 4, 20, 21 ва кӯдакистони № 1* |
| | *Нарасидани таҷҳизот барои маркази таҳсилоти иловагӣ ва маркази технологияи информатсионӣ* | *Дар маркази нохия барои МЭКН ва маркази технологияи информатсиони* |
| | *Набудани хатти оби нӯшокӣ дар мактабҳо* | *Дар хамаи мактабхо, ба чузъ мактабхои №20, 21, 37, 44* |
| ***3*** | ***Ҷалби диққати сусти падару модарон ба мушкилоти мактабҳо ----*** | |
| | *Пурра дастрас набудани Марказҳои таҳсилоти иловагӣ дар деҳот* | *Дар мактабҳои деҳот.*<br>*Дар чамоатхои дехоти Зонг Вранг,Птуп, Шитхарв, Козидех, Аскар Замиров,* |
| ***4*** | ***Ба талабот ҷавобгӯ набудани кӯдакистонҳо*** | |
| | *Сохтмони бинои кӯдакистон* | *Дар деҳаҳои Андароб, Козидех, Птуп* |
| | *Таъмирталаб будани кӯдакистонҳо* | *Кӯдакистони № 1,2,3,4,5* |
| | *Набудани таҷҳизоти нав* | *Кӯдакистони № 1,2,3,4,5* |

## 3.2. Соҳаи тандурустӣ

Соҳаи тандурустӣ яке аз соҳаҳои афзалиятноки иҷтимоиёт буда мақсади асосии он беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои хушсифати тиббӣ, коҳиш додани фарогирии аҳолӣ ба бемориҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим ба шумор меравад.

**Солимии модару кӯдак.** Яке аз самтҳои муҳими Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола коҳиш додани фавти модарон ва кӯдакон ба шумор меравад. Мувофиқи маълумотҳои расмии оморӣ дар ноҳия солҳои охир афзоиши мурриши модарон ба назар намерасад.

*Ҷадвали № 1. Нишондиҳандаҳои фавти модарон дар солҳои 2010-2014.*

| Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи занҳои қобили таваллуд | 6964 | 7172 | 7643 | 7262 | 7349 |
| Таваллуд- ҳамагӣ | 474 | 354 | 542 | 529 | 565 |
| Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | 297 | 238 | 357 | 353 | 442 |
| Бо % | 63,0 | 67,0 | 66,0 | 67,0 | 78,3 |
| Таваллуд дар шароити хона | 177 | 116 | 185 | 176 | 123 |
| Бо % | 37,0 | 33,0 | 34,0 | 33,0 | 21,7 |
| Шумораи мурищи модарон | - | - | - | - | - |

Дар давараи солҳои 2010-2014 дар ноҳия мурищи модарон ба қайд гирифта нашудааст, ки сабаби асосии он ин дуруст ба роҳ мондани фаъолияти муассисаҳои тиббӣ дар самти солимии репродуктивӣ ва танзими оила ба шумор меравад.

Мувофиқи маълумотҳои расмии оморӣ дар байни модарони ноҳия асосан бемориҳои экстрагеneталӣ, камхунӣ, норасоии йод бештар паҳн шудааст, ки он яке аз сабабҳои бад шудани солимии модар ва кӯдак мебошад. Ғайр аз он дар ноҳия норасоии момодояҳо ва утоқҳои бемориҳои занона дар муассисаҳои КАТС мушоҳида мешавад.

*Ҷадвали № 2. Нишондиҳандаҳои норасоии оҳан ва йод дар байни модарони қобили таваллуд дар ноҳияи Ишкошим дар давраи солҳои 2010-2014.*

| Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи модарони қобили таваллуд | 6964 | 7172 | 7643 | 7262 | 7349 |
| Шумораи бемории норасоии оҳан дар байни модарони қобили таваллуд | 47 | 180 | 52 | 137 | 76 |
| Бо % | 0,7 | 2,5 | 0,7 | 1,7 | 1,0 |
| Шумораи бемории норасоии йод дар байни модарони қобили таваллуд | 113 | 214 | 286 | 6 | 84 |
| Бо % | 0,16 | 3,0 | 3,7 | 0,08 | 1,1 |

Агар нишондиҳандаҳои гирифтории модарони қобили таваллуд ба бемориҳои камхунӣ ва норасоии оҳан дар соли 2014 нисбат ба солҳои қабли коҳиш ёфта бошад ҳам, сатҳи он нисбат ба нишондиҳандаҳои ҷумҳуриявӣ ба маротиб баланд мебошад. Сабаби баланд будани бемориҳои зикршуда асосан паст будани сатҳи зиндагии мардум, истеъмоли ғизои носолим, норасоии микронутриенти, маълумотнокӣ оиди пешгирии бемориҳо мебошад.

*Ҷадвали № 3.Нишондиҳандаҳои таваллуд ва фавти кӯдак дар солҳои 2010-2014.*

| *Нишондиҳандаҳо* | *2010* | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи таваллуд | 474 | 354 | 542 | 529 | 565 |
| Аз ҷумла, дар муассисаҳои тиббӣ | 297 | 238 | 357 | 353 | 442 |
| *Дар хона* | *177* | *116* | *185* | *176* | *123* |
| Фавти кӯдакони то 5-сола | - | 1 | 1 | - | 1 |
| Бо % аз шумораи умумии | - | 0,28 | 0,18 | - | 0,7 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| фавтидагон | | | | | |
| Ба 1000 зинда таваллудшудагон | - | 0,11 | 0,9 | - | 0,6 |
| Фавти кӯдакони то 1-сола | 2 | 2 | - | 1 | 1 |
| Бо % | 0,42 | 0,56 | - | 0,19 | 0,7 |
| *Ба 1000 зинда таваллудшудагон* | *0,2* | *0,5* | *0,2* | *0,1* | *0,6* |

Дар ноҳия дар соли 2014 фавти кӯдакакони то 5 сола 1 нафарро ташкил додааст. Дар байни кӯдакони то 5 сола бештар бемориҳои шадиди роҳи нафас, дарунравӣ ба назар мерасанд, афзоиши онҳо аз мавсими бемориҳо вобастагии калон дорад (бемориҳои БШРН дар мавсими зимистон ва дарунравӣ дар мавсими тобистон бештар мушоҳида мешавад). Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти муассисаҳои тиббӣ оид ба пешгирии бемориҳои мавсимии кӯдакона мувофиқи талаботҳо ба роҳ монда нашудааст.

***Ҷадвали №4.Сатҳи паҳншавии бемориҳо дар байни кӯдакон***

| *Нишондиҳандаҳо* | *2010* | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи кӯдакони то 14-сола | 4383 | 3099 | 3176 | 8174 | 7686 |
| Бемориҳои шадиди роҳи нафас (БШРН) | 2693 | 2572 | 2813 | 3570 | 3722 |
| Дарунравӣ | 303 | 333 | 410 | 817 | 913 |
| Шумораи кӯдакони то 5-сола | 2419 | 2519 | 2619 | 2510 | 2590 |
| БШРН | 1022 | 1279 | 1349 | 1217 | 1426 |
| Дарунравӣ | 216 | 287 | 227 | 269 | 351 |
| Шумораи кӯдакони то 1-сола | 453 | 461 | 469 | 529 | 555 |
| Гипотрофия | 13 | 12 | 14 | 13 | 11 |
| Камхунӣ | 1351 | 1423 | 1491 | 383 | 1521 |
| *Аҳолии умумӣ* | *29231* | *30042* | *30445* | *30894* | *31109* |

Дар ноҳия як қатор барномаҳои давлатӣ оиди ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона татбиқ шуда истода бошанд ҳам, фаъолияти муассисаҳои тиббӣ, дар ин самт ва махсусан дар масъалаҳои пешигирӣ намудани ин бемориҳо беҳбудиро металабад. Мувофиқи нишондиҳандаҳои расмӣ дар байни кӯдакони то 1 сола асосан бемориҳои камхунӣ ва гепотрафия васеъ паҳн шудааст, ки худ далели паст будани солимии модарон дар ҷараёни ҳомиладорӣ ва инкишофи ҷанин, паҳн будани бемориҳои камхунии дар байни онҳо, паст будани иттилоотнокии модарон оиди ғизои солим, синамаконӣ, ғизои иловагии кӯдакона, гаронии арзиши ғизои сунъии кӯдакона ва камбизоатии аҳолии деҳоти куҳистони дурдаст мебошад. Илова бар ин, дурии деҳаҳо ба марказҳои тиббӣ, таваллуд дар шароити хона, сабаби асосии ба қайд гирифта нашудани кӯдакони таваллудшуда ва ба маъракаҳои эмкунӣ фаро гирифта нашудани кӯдакон шуда истодааст, ки ин ҳам баҳолатҳои нохуши солимии кӯдакон оварда расонида истодааст.

Масъулин ва мутахассисони соҳа ба ҳолати кунунии саломатии физиологӣ ва рӯҳии аҳолӣ бояд диққати махсус диҳанд. Дар ин замина дар ҳудуди нохия ташкили хонаи маъюбон барои кӯдакони маъюб шарт ва зарур мебошад.

**Бемориҳои сироятӣ**. Яке аз самтҳои асосии соҳаи тандурустӣ ин коҳиш додани гирифтории аҳолӣ ба бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла, бемории сил, МНБ/АМНО ва малирия ба шумор меравад.

*Ҷадвали №5. Паҳншавии бемориҳои сирояткунанда*

| *Нишондиҳанда* | *2010* | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи ҳолатҳои бақайдгирифтаи сил | 198.7 | 107.0 | 155.6 | 108.4 | 108,3 |
| *ба 100 ҳазор аҳолӣ* | *0,5* | *0,35* | *0,4* | *0,34* | *0,33* |
| Кирм | 74 | 285 | 336 | 245 | 279 |
| *ба 10 ҳазор аҳолӣ* | *0,74* | *2,8* | *3,3* | *2,4* | *2,6* |
| *Гепатит* | *14* | *79* | *64* | *280* | *115* |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| *ба 10 ҳазор аҳолӣ* | *0,14* | *0,79* | *0,64* | *2,8* | *1,3* |
| *Варақа* | - | - | - | - | - |
| *ба 10 ҳазор аҳолӣ* | - | - | - | - | - |
| Шумораи ҳолатҳои ба қайд гирифташудаи ВНМО/ АНМО | 2 | 8 | 3 | 5 | 3 |
| *ба 10 ҳазор аҳолӣ* | 0,02 | 0,08 | 0,03 | 0,05 | 0,03 |
| *Бемориҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда* | - | - | - | - | - |
| *ба 10 ҳазор аҳолӣ* | - | - | - | | - |
| *Домана* | - | - | 1 | - | - |
| *ба 10 ҳазор аҳолӣ* | - | - | 0,01 | | - |
| *Газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо* | - | - | - | - | - |
| *ба 10 ҳазор аҳолӣ* | - | - | - | | - |
| Аҳолии умумӣ | 29231 | 30042 | 30445 | 30894 | 31109 |

Мувофиқи ақидаи мутахассисони маҳаллӣ сабаби асосии паҳн шудани бемориҳои сироятӣ ин паст будани дастрасии аҳолии ноҳия ба оби ошомидании хушсифат ба шумор меравад. Дар ноҳия 37,0 % аҳолӣ ба оби ошомиданӣ дастрас мебошад, аммо танҳо 14% онҳо аз шабакаҳои мутамарказонидашуда ва бехатари обтаъминкунӣ об истеъмол менамоянд. Боқимондаи аҳолӣ асосан аз сарчашамаҳои кушода (чашмаҳо, рудҳо ва наҳрҳо) обро истеъмол мекунанд, ки ин сабаби гирифтории аҳолӣ ба бемориҳои сироятӣ, кирми рӯдаву меъда шуда истодааст.

Дар ноҳия тибқи нишондиҳандаҳои расмӣ бемориҳои кирми рӯда паст бошад ҳам, дар асл сатҳи он ба маротиб баланд аст. Ин беморӣ асосан дар байни кӯдакон васеъ паҳн шудааст. Дар ноҳия низоми мунтазами ташхисӣ (махсусан дар муассисаҳои таълимӣ) ва чорабиниҳо оиди пешгирии бемории мазкур хуб ба роҳ монда нашудааст, ки сабаби он паст будани таъминоти моддиву техникии муассисаҳои тиббӣ ва ташхисгоҳҳо, норасоии мутахассисон, дурдастии деҳот аз марказҳои ташхисиву табобатӣ ва норасогии воситаҳои молиявӣ ба шумор меравад.

Илова бар ин, яке аз мушкилиҳои дигари соҳаи тандурустӣ ин афзоиши нишондиҳандаҳои бемории буғумдард (бруселёз) мебошад, ки он асосан аз чорво ба инсон сироят менамояд. Дар ноҳия масъалаҳои эмкунии чорво ва махсусан чорвои калони шохдор ва чорвои майда аз ҷониби хадамотҳои маҳалии бойторӣ дуруст ба роҳ монда нашудааст, иттилоотнокии аҳолӣ оиди пешгирии бемории мазкур дар сатҳи паст қарор дорад.

Дар соли 2014, дар ноҳия 32 нафар бемории сил ба қайд гирифта шудааст, ки сабаби асосии он ин дар сатҳи паст қарор доштани корҳои профилактикиву ташхисӣ дар байни аҳолӣ мебошад. Асосан ба ин беморӣ муҳоҷирони меҳнатӣ гирифторанд.

Инчунин, дар солҳои охир дар ноҳия афзоиши бемориҳои Амрози норасоии масъунияти одам мушоҳида мешавад, ки ин беморӣ асосан аз хориҷи кишвар ба ноҳия интиқол меёбад. Бинобар баланд будани сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ бемории мазкур асосан миёни муҳоҷирони меҳнатӣ, нашъамандон бештар паҳн шудааст. Мувофиқи ақидаи мутахассисони маҳаллӣ паст будани иттилоотнокии аҳолӣ ва махсусан миёни гуруҳҳои номбаршуда дар масъалаҳои пешгирии бемории мазкур, аъзоёни оилаҳои онҳо низ сироят ёфта истодаанд.

Ноҳия дорои маркази мубориза бар зидди АНМО мебошад, аммо муроҷиати аҳолӣ оиди ташхиси ин беморӣ дар сатҳи паст қарор дорад. Ташхиси муҳоҷирони меҳнатӣ пеш аз сафар барои онҳо ва баргардии онҳо ба пуррагӣ гузаронида намешавад. Дар ҳолати ташкил ва гузаронидани ташхиси сари касии аҳолӣ, нишондиҳандаҳои ин беморӣ ме тавонад ба маротиб афзоиш ёбад.

**Дигар бемориҳо.** Дар байни аҳолӣ бемориҳои БШРН, сактаи дил, фишор баландӣ ва диабети қанд васеъ паҳн шудааст. Сабаби афзоиши ин бемориҳо пеш аз ҳама, риоя накардани тарзи дурусти истеъмоли ғизо, сари вақт муроҷиат накардани аҳолӣ ба муассисаҳои тиббӣ, паст будани сифати хизматрасониҳои тиббӣ (бинобар таъминоти нокифояи моддиву техникӣ), паст будани маълумотнокии аҳолӣ оиди пешгирии ин бемориҳо ба шумор меравад.

**Инфрасохтори тандурустӣ**. Низоми тандурустии ноҳия аз ду хадамот, аз ҷумла, бистарикунонӣ ва КАТС иборат мебошад. Ғайр аз он дар ноҳия марказҳои махсуси тандурустӣ вуҷуд доранд, ки онҳо аҳолиро бо хизматрасониҳои тиббӣ таъмин менамоянд. Дар ноҳия 1 маркази саломатӣ, 7 маркази саломатии деҳотӣ, 20 бунгоҳи тиббӣ, Беморхонаи марказӣ 2 беморхонаи минтақавӣ мавҷуд аст, ки дар он 211 кормандони тиб ба аҳоли хизматрасонӣ менамоянд .

*Ҷадвали №6. Муассисаҳои табобативу профилактикии н. Ишкошим*

| | |
|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 1-Маркази саломатии ноҳиявӣ |
| | 7- Марказҳои саломатии деҳотӣ |
| | 20 Бунгоҳи тиббӣ |
| Хадамоти бистарӣ | 1-Беморхонаи марказии ноҳиявӣ (80 кат) |
| | 2-Беморхонаҳои минтақавӣ (20 ва 25 кати) |
| Марказҳои махсуси тиббӣ | Маркази мубориза бар зидди сил |
| | Маркази ташаккули тарзи хайети солим |
| | Маркази мубориза бо ВМИ/АНМБ |
| | Маркази танзими оила |
| | Маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона |
| | Маркази эмкунӣ |
| | Маркази тибби оилавӣ |
| | Маркази солимии репродуктивӣ |
| Дигар хадамот | Хадамоти давлатии назорати санитарӣ-эпидимеологӣ |
| | Бошишгоҳи ёрии тиббии таъҷилӣ |

Мушкилоти асосии соҳаи таъминоти сифати хизматрасонии тиббии ноҳия.

Беморхонаи марказии ноҳияи Ишкошим ба таъмири асоси ниёз дорад, системаи гармидиҳии марказонидашудаи муассисаи мазкур корношоям гардидааст. Дар касалхонаи марказӣ озмоишгоҳ барои таҳлили (лабораторияи) клиникӣ ва биологии хун умуман вучуд надорад. Вобаста ба талаботҳои замон марказҳои саломатӣ ва беморхонаҳо бо таҳчизотҳои ҳозиразамон таъмин нагардидаанд.

Беморхонаи минтакавии деҳаи Вранг дар ҳолати садамавӣ карор дорад. Деҳаи Гармчашма аз маркази ноҳия дар масофаи 77 км дур ҷойгир буда, то ба имрӯз бунгоҳи тиббӣ надорад, чунин мушкилот дар деҳаи Ямчун низ мавҷуд аст.

*Ҷадвали № 7. Ихтисоси кормандони тиб*

| *МТП* | *Шумораи кормандон* | *Маълумоти миёнаи махсус* | *Маълумоти олӣ* |
|---|---|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 147 | 134 | 13 |
| бо % | | 91,0 | 8,8 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Хадамоти госпиталӣ | 64 | 45 | 19 |
| бо % | | 70,3 | 29,6 |

Муассисаҳои тиббии ноҳия аз нарасидани кормандони тиб, бахусус табибони маълумоти олидор дар деҳот танқисӣ мекашанд. Ноҳия ба 15 нафар духтурони маълумоти олидори соҳаи тиб ниёз дорад , аз ҷумла духтури чашм, уролог, духтурони тибби оилавӣ, духтурони касалиҳои даруна, момодояҳо, асаб.

***Иштироки ҷомеа дар беҳтар намудани саломатӣ.*** Дар ноҳияи Ишкошим дар ҳалли масоили солимӣ иштироки ҷомеа кам мушоҳида мешавад ва ташаббусҳои аҳолӣ оид ба беҳтар намудани вазъи санитарию гигиенӣ на чандон хуб ба роҳ монда шудааст. Маълумотнокии аҳолӣ доир ба масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим, пешгирии бемориҳои аз нуқтаи назари иҷтимоӣ муҳим начандон дуруст ба роҳ монда шудааст.

***Муассисаҳои барқароркунии тиббӣ.*** Дар ноҳия осоишгоҳи оби шифобахши Авҷ мавҷуд аст, ки дорои 70 кат мебошад, аз ҷумла 35 кат аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва 35 кати дигар тавассути худмаблағгузорӣ фаъолият намуда истодаанд Дар муассиса оиди барқароркунии бемориҳои рӯдаву меда, чашм, узвҳои такягоҳ, ҳаракат ва узвҳои таносул хизматрасониҳо пешкаш менамоянд. Фаъолияти муассиса мавсимӣ ба роҳ монда шудааст (аз моҳи апрель то октябр).

Мушкилоти муассиса: Набудани ошхона ва таъминоти озуқаворӣ барои беморон, системаи таъминоти об ва корезӣ, системаи марказонидашудаи гармидиҳӣ, сатҳи пасти хизматрасонии хушсифат аз тарафи кормандон, ба талаботҳои замонавӣ ҷавобгу набудани биноҳо, роҳу гузаргоҳо, системаи равшаннамоӣ.

## 3.3.Ҳифзи иҷтимоӣ

**Ҳолати кунунии соҳа.** Соҳаи мазкур аз системаи суғуртаи давлатӣ, таъминот бо нафақа, хизматрасонии иҷтимоӣ ва таъмини кафолатҳои иҷтимоии давлатӣ, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, кӯдакон, расонидани кӯмаки суғуртавии иҷтимоӣ ба гуруҳҳои осебпазир ва камбизоат иборат мебошад.

**Бозори меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ.** Аз сабаби набудани ҷойҳои корӣ, паст будани музди меҳнат дар соҳаҳои кишоварзӣ, буҷавӣ ва набудани шароити мусоиди кӯмаки иҷтимоӣ, қисми зиёди аҳолӣ ҷойҳои кории худро тарк намуда, ба дигар

минтақаҳои ҷумҳурӣ ё ба муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ фирор кардаанд (махсусан ин тамоюл дар давраи солҳои то 2000- 2009 хело ҳам афзоиш ёфта буд, ки он ба нишондиҳандаҳои демографии ноҳия таъсири манфӣ карда аст).

*Ҷадвали №1. Нишондиҳандаҳои асосии бекорӣ (дар солҳои 2010 – 2014)*

| *Нишондиҳандаҳо* | *Солҳо* | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | *2010* | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* |
| Аҳолии қобили меҳнат | 11536 | 11651 | 12412 | 12656 | 13430 |
| Шумораи ашхоси бекори ба қайд гирифта шуда | 432 | 550 | 526 | 402 | 326 |
| Сатҳи бекорӣ (%) | 3,7 | 4,7 | 4,2 | 3,1 | 2,4 |

Мувофиқи маълумотҳои шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар соли 2014 дар ноҳия 326 нафар шахсони бекор ба қайд гирифта шуда бошад ҳам, дар асл ин нишондиҳанда ба маротиб зиёд аст. Барои ташкил намудани ҷойҳои корӣ ва ба корҳои фардӣ ҷалб намудани бекорон аз тарафи маркази шуғли аҳолии ноҳия дар доираи нақшаи кори қарзҳои имтиёзнок пешниҳод карда мешавад, вале маблағҳои ҷудошаванда эҳтиёҷи мавҷударо ба пуррагӣ таъмин карда наметавонанд.

Дар тӯли солҳои 2010 -2014 шумораи умумии бекороне, ки аз қарзҳои бефоиз истифода намудаанд 504 нафар (аз ҷумла 270 нафар зан)- ро ташкил дод ва ҳаҷми умумии маблағи пешниҳодшуда ба 740,3 ҳазор сомонӣ баробар аст.

Ҳамасола ба ҳисоби миёна ба 89 нафар ба маблағи 50,0 ҳазор то 313,3 ҳазор сомонӣ қарзҳои бефоиз дода мешавад, ки ин ҳам кам буда, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ басанда нест.

Бо мақсади бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта, инчунин шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ тавассути барномаҳои мавҷуда бекоронро ба курсҳои бозомузӣ ва корҳои ҷамъиятии музднок ҷалб менамояд.

*Ҷадвали №2. Иҷро намудани чорабиниҳо оид ба таъмини аҳолӣ бо ҷои кор дар солҳои 2010 – 2014*

| Рӯйхати чорабиниҳо | Нақшаи соли 2010 | Иҷроиш | Нақшаи соли 2011. | Иҷроиш | Нақшаи соли 2012 | Иҷроиш | Нақшаи соли 2013 | Иҷроиш | Нақшаи соли 2014 | Иҷр оиш |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Таъмин намудани аҳолӣ бо кори доимӣ | 325 | 370 | 330 | 390 | 395 | 495 | 385 | 513 | 450 | 525 |
| Корҳои ҷамъиятии музднок | 96 | 120 | 96 | 120 | 120 | 185 | 120 | 150 | 170 | 260 |
| Касбомӯзӣ | 120 | 120 | 120 | 120 | 150 | 150 | 170 | 240 | 155 | 160 |
| Таъсиси ҷойҳои нави корӣ | 850 | 850 | 850 | 960 | 1850 | 1012 | 1200 | 1600 | 1904 | 2054 |

**Музди меҳнат**. Дар давоми солҳои охир афзоиши воқеии тамоми даромадҳои пули аҳолӣ, аз ҷумла музди меҳнат ва нафақа ба назар мерасад. Музди меҳнати номиналӣ дар соли 2014 нисбат ба соли 2012 ба андозаи 40,0 фоиз афзуда бошад ҳам, бо вуҷуди ин як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ, бахусус масъалаҳои меҳнатӣ, аз қабили дараҷаи баланди табақабандии аҳолӣ аз рӯи андозаи даромадҳо, сатҳи пасти музди меҳнати кормандони соҳаҳои кишоварзӣ, тандурустӣ, маориф, фарҳанг ва сатҳи баланди музди меҳнати кормандони соҳаҳои хизматрасонии бонкӣ, суғурта, молия, сохтмон, алоқа, нақлиёт ва саноат ба назар мерасад.

*Ҷадвали №3.Музди меҳнати миёна аз рӯи соҳаҳо*

| Соҳа. | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | Соли 2014 дар муқоиса бо соли 2010 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 267 | 332 | 369 | 371 | 375 | 40,0 |
| Саноат | 284 | 220 | 358 | 363 | 370 | 30,0 |
| Ташкилотҳои буҷетӣ | 284 | 328 | 360 | 368 | 376 | 32,0 |
| ХМК | 175 | 232 | 272 | 293 | 344 | 96,0 |

Музди миёнаи аз ҳама пасти меҳнатӣ ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд, ки чун пас аз ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ гузаштани аксарияти хоҷагиҳои деҳқонии мавҷуда сатҳи даромаднокиашон ниҳоят паст ва аксаран аз сохторҳои дахлдор қарздор шудаанд, тарзу усул ва тартиби ба кор қабул кардан ва муайян намудани музди меҳнат дар ин хоҷагиҳо дуруст ба роҳ монда нашудааст

**Гуруҳи аҳолии осебпазир.** Ба гуруҳи осебпазири аҳолии ноҳия дохил мешавад: нафақахӯрон, маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат.

Дар давоми се соли охир афзоиши шумораи умумии нафақахӯрон ва маъюбон ба назар мерасад, ки ба афзоиши умумии аҳолӣ, аз меъёри муқарраргардида зиёд будани ин вазнин будани шароити оилавӣ ва истеъмоли ғайрисаривақтӣ ва дурусти ғизо ва риоя нагардидани талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба таъмини шароит ва ҳифзи меҳнат алоқаманд аст. Талаботи умумии солонаи нафақа ба ҳолати 01.01.2015 маблағи 8858772 сомониро ташкил дода,талаботи моҳона-738231 сомониро дар бар мегирад, ки дар қиёс ба соли 2009 ба андозаи 402,3 ҳазор сомонӣ ва ё 2,8 баробар афзоиш ёфтааст.

*Ҷадвали №4. Шумораи нафақахӯрон дар солҳои 2010-2014 (нафар)*

| *Гурӯҳҳои осебпазир* | *Солҳо* | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
| Нафақахӯрон | 3216 | 3310 | 3298 | 3373 | 3275 |
| Маъюбон | 511 | 460 | 427 | 429 | 375 |
| Кӯдакони маъюб | 310 | 294 | 323 | 336 | 365 |
| Бесаробон мондагон | 406 | 409 | 429 | 241 | 238 |
| Оилаҳои камбизоате, ки барои пардохти ҷубронпулии барқ мегиранд. | 965 | 750 | 750 | 718 | 379 |

Маблағи ба соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ пешбинишуда барои пардохти ҷуброни мактаббачаҳо (аз оилаҳои камбизоат), кӯмаки яквақта барои шахсоне, ки дар натиҷаи садамаи Чернобел зарар дидаанд, ҳавасмандгардониҳо дар вақтҳои ҷашн ва идҳо барои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, собиқадорони меҳнат, маъюбони модарзод равона карда мешавад.

*Ҷадвали №5. Шумораи нафақахӯрон аз рӯи категорияҳо дар соли 2014(нафар)*

| № | Нишондиҳандаҳо | Шумора |
|---|---|---|
| 1 | Маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ | 1 |
| 2 | Маъюбони гурӯҳҳои 1, 2, 3 | 621 |
| 3 | Маъюбони Чернобил | 4 |
| | Дигар нафақахӯрон | 2649 |
| | Ҳамагӣ: | 3275 |
| | Аз рӯи ҷинсият: | |

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Занҳо | 2080 |
| 2 | Мардҳо | 1195 |

Шумораи маъюбон 18,9 фоизи шумораи умумии нафақахӯронро ташкил медиҳад. Ҳоло дар ноҳия 621 нафар маъюбони гуруҳҳои гуногун нафақа мегиранд.

Бо мақсади дастгирии молиявии кӯдакони синни мактабӣ аз оилаҳои камбизоат дар соли 2014 барои 35 нафар дар ҳаҷми 18260 ҳазор сомонӣ кӯмакпулӣ пардохт карда шуд. Ҳамазамон, дар ин давра баҳри дастгирии оилаҳои камбизоат (379 оила) дар ҳаҷми 75800 сомонӣ ҷубронпулӣ барои истифодаи нерӯи барқ пардохт карда шудааст.

Дар ноҳия дар самти хизматрасонии иҷтимоии суроғавӣ ва кӯмаки хонагӣ барои шахсони яккаву танҳо ва ниёзманд шӯъбаи ноҳиявии кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ ухдадор мебошад. Ҳайати кормандони шуъбаи мазкур 10 нафарро ташкил медиҳад аз он 4 нафар мутахассис дорои маълумоти олӣ, як нафар миёнаи махсус ва 6 нафар миёна. Шуъба мувофиқи нақшаи кории худ ба 143 нафар хизматрасони менамояд, ки аз он 82 нафар занон мебошанд. Аз шумораи умумӣ, 1 нафар иштирокчии ҶБВ, 28 нафар маъюбони меҳнатӣ, 8 нафар маъюбони модарзод, 7 нафар нафақахӯрони бе саробон ва 70 нафар шахсони яккаву танҳо мебошанд.

**Муҳоҷират.** Муҳоҷирати меҳнатӣ дар таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойи кор нақши калон бозида, сарчашмаи асосии даромади аҳолӣ мебошад. Мувофиқи маълумотҳои расмӣ дар соли 2014, 4310 нафар, аз ҷумла 1510 нафар занони ноҳия дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор дошта, тавассути бонкҳои амалкунандаи ноҳия 19,4 милион сомонӣ маблағҳои пулӣ интиқол карда шуд.

Мушкилоти асосии муҳоҷирон паст будани малакаи касбии онҳо, надонистани забонҳои кишварҳои муҳоҷират, паст будани маълумотнокии ҳуқуқии онҳо ва пешгирии бемориҳои сироятӣ мебошанд.

### 3.4. Соҳаи фарҳанг ва варзиш.

Дар ноҳия 57 муассисаи фарҳангӣ мавҷуд аст, ки аз ин 27 китобхона, 1 мактаби бачагонаи мусиқӣ, 5 осорхона ва 1 маркази фарҳанги фароғатӣ (дар ҳолати корношоям) мебошад.Дар муассисаҳои фарҳангӣ ҳамагӣ 107 нафар кормандон кору фаъолият менамоянд, ки аз ин 41 нафар дорои маълумоти олӣ, 6 нафар дорои маълумоти олии ғайрисоҳавӣ, 44 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус ва 22 нафар дорои маълумоти миёна мебошанд. Дар айни замон, муассисаҳои фарҳангии ноҳия аз нарасидани мутахассисони баландихтисоси соҳавӣ танқисӣ мекашанд. Шумораи умумии эҳтиёҷот ба кадрҳои баландихтисос 33 нафарро ташкил медиҳад.

Мушкилии асосие, ки мутахассисони соҳа ба он дучор гардида истодаанд, ин набудани бинои алоҳидаи маъмурӣ ва таҷҳизоти лозима мебошад. Зеро бахши мазкур ҳоло муваққатан дар бинои комиссариати ҳарбӣ ҷойгир шудааст.

Хонаи фарҳангии ноҳия соли 1976 сохта шуда, дар он 19 нафар корманд фаъолият дорад. Шумораи миёнасолонаи истифодабарандагони ин муассиса 8 ҳазор нафарро ташкил дода, дар он ҳамасола маҳфилҳои адабӣ, вохӯриҳо, суҳбатҳо, чорабиниҳои оммавию сиёсӣ ва фарҳангӣ гузаронида мешавад. Бинои хонаи фарҳангии маркази ноҳия дар тавозуни собиқ корхонаи Кинофикатсия қарор дошта, 23 сол боз таъмири асосӣ карда нашудааст. Айни ҳол, бино ба таъмири асосӣ ниёз дорад. Инчунин, дар

ноҳия боз 7 –хонаи фарҳангӣ мавҷуд буда, 4-тои он таъмирталаб мебошанд. Як хонаи фарҳанги деҳаи Намадгут дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, ба сохтмону барқарорсозӣ ниёз дорад.

Дар назди хонаҳои фарҳангӣ ва мактаби санъат маҳфилҳои ракс, расмкашӣ, хониши бадеӣ, асбобҳои зарбӣ ва сароядагӣ амал мекунад.

Мушкилии асосӣ дар ин самт ин нарасидани асбобҳои миллӣ, асбобҳои нафасӣ ва таъмирталаб будани мактаби санъати маркази ноҳия мебошад.

Аз 4 клубе, ки дар ҳудуди деҳот мавҷуд аст, аксарияти онҳо кӯҳнаю фарсуда гардида, ба таъмиру азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд.

Бо мақсади омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳа дар ноҳия мактаби бачагонаи санъат ва рассоми фаъолият менамояд, ки аз 6 шӯъба (созҳои халқӣ, синфҳои ракс, баян-оккардион, фортепиано, санбати тасвирӣ, скрипка) иборат аст. Ҳайати омӯзгорон аз 17 нафар иборат буда, аз ин 10 нафар дорои маълумоти олӣ, 1 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус мебошанд.

Дар соли 2014 шумораи хонандагон дар мактаби бачагонаи санъат ва рассомии ноҳия 135 нафарро ташкил дода, аз ин 74 нафар ва ё 40,4 фоизро духтарон ташкил медиҳанд.

Китобхонаи маркази ноҳия бошад, аз соли 1984 инҷониб фаъолият мекунад. Миқдори истифодабарандагони он 3200 нафарро ташкил медиҳад. Дар системаи китобхонаи марказонидашуда 6 нафар фаъолият менамоянд. Теъдоди умумии китобҳои китобхонаи марказӣ ва филиалҳои он 144,5 ҳазор нусхаро ташкил медихад.

### 3.5. Соҳаи сайёҳӣ ва варзиш.



**Соҳаи сайёҳӣ.** Сайёҳӣ дар нохияи Ишкошим яке аз соҳаҳои асосӣ ва афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Чойгиршавии мавқеи ҷуғрофӣ, ёдгориҳои машҳури таърихӣ, ландшафти зебои ноҳия метавонад дар рушди минбаъдаи ноҳияи Ишкошим ҳамчун як минтақаи сайёҳӣ мусоидат намояд. Халқи хирадманду гармчеҳраи ин сарзамин бо меҳмондӯстии хеш метавонад ба ин минтақаи сайёҳӣ файзу баракати тоза бахшад.

Ноҳияи Ишкошим дорои чашмаҳои гарму шифобахши Гармчашма , Авҷ, Биби Фотимаи Заҳро ва ғайра мебошад, ки сол то сол тавачуҳи сайёҳон ва рафту омади онҳо ба ин истироҳатгоҳо зиёд шуда дар давоми сол зиёда аз 3000 нафар сайёҳон ба ин истироатгоҳҳо ва ҷойҳои таърихӣ ташриф овароданд.



Дар асоси нақша-чорабиниҳои Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2019 барои ҳудуди деҳот қалъаҳои дар ноҳия мавҷуд буда маблағҳои мақсаднок ҷудо карда мешавад.

Барои пешбурди сиёсати соҳа ва татбиқи самараноки он дар ноҳия бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ амал намуда истодааст, ки дар он 12 нафар мутахассисон фаъолият менамоянд.

Дар фасли тобистон сайёҳони зиёд на танҳо аз минтақаҳои гуногуни кишвар, балки аз тамоми собиқ давлатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва дигар давлатҳои хориҷӣ аз мавзеъҳои гуногуни ноҳия дидан менамоянд.

Инкишофи соҳаи варзишӣ-кӯҳнавардӣ барои сайёҳони хориҷӣ ва дар ин замина ҷалб намудани ҷавонони ноҳия яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи мазкур ба ҳисоб меравад.

Мутаассифона, дар ноҳия ташкилоту муассисаҳои муаррификунандаи туризм фаъолият намекунанд. Дар ин самт бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ноҳия аз ҷиҳати надоштани воҳиди корӣ ва маблағгузорӣ нагардидани соҳа танқисии зиёд мекашад. Илова бар ин, ҳоло ҳавасмандии корхонаҳои муштараки туристии хориҷӣ барои дар ин минтақа кушодани намояндагии худ эҳсос карда намешавад.Дар солҳои наздик ба нақша гирифтани сохтмони фароғатгоҳ ва меҳмонхонаҳо дар назди чашмаҳои Ширгин ва Зонг мувофиқи мақсад мебошад.

**Варзиш.**Бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи соҳаи варзиш дар доираи «Барномаи маҷмӯи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» аз 2 июли 2011, № 278 ва «Барномаи рушди футбол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2016» дар нохия аз нақшаи чорабиниҳои рушди соҳа мушаххас тартиб дода шудааст, ки дар доираи он гузаронидани як қатор чорабиниҳо, аз ҷумла ташкили дастаи яккачини футбол пешбинӣ гардидааст.

Ҳоло дар ноҳия 33 нуқтаҳои варзишӣ мавҷуд аст, ки аз ин **5** майдончаҳои футбол, 25 майдончаи волейбол, 3 толори варзишӣ, иборат мебошанд ва дар ин иншоотҳои варзишӣ 201 нафар ба варзиш машғуланд.

Варзишгарони ноҳия дар мусобиқаҳои варзишии гуногун, аз ҷумла дар мусобиқоти байналмилалӣ сарбаландона иштирок намуда, сазовори ҷойҳои арзанда мегарданд.

***Иштироки варзишгарони ноҳия дар мусобиқаҳо тӯли солҳои 2010- 2014***

| *№.* | *Солҳо* | *Мусобиқаҳои шаҳрӣ* | *Вилоятӣ* | *Ҷумҳуриявӣ* | *Байнал-милалӣ* | *Ҳамагӣ* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *1* | *2010* | *32* | *3* | *1* | *1* | ***37*** |
| *2* | *2011* | *41* | *4* | *1* | *0* | ***46*** |
| *3* | *2012* | *47* | *3* | *2* | *1* | ***53*** |
| *4* | *2013* | *48* | *30* | *19* | *1* | ***98*** |
| *5* | *2014* | *50* | *35* | *21* | *1* | ***107*** |



Иншоотҳои варзишии ноҳия дар бисёр мавридҳо ба талаботи ҳозиразамон ҷавобгӯ намебошанд ва ба таъмир ниёз дошта, ҳамчунин дар онҳо кормандони сатҳи миёнаи тиббӣ намерасанд. Дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия норасогии толорҳои варзишӣ, майдончаҳои варзишӣ ва майдонҳои футболбозӣ эҳсос гардида, аксарияти онҳо бе ҷойи нишаст соддаву оддӣ сохта шуда, дар ҳолати ногувор қарор доранд. Бахши зиёди роҳбарони сатҳои гуногуни идорӣ масъалаи густариши варзишро дуввумдараҷа пиндошта, ба онҳо аҳамияти даркорӣ намедиҳанд, ки дар натиҷа ин ҳама ба сиҳатии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Баъзе аз деҳаҳо аз марказ дар масофаи дур воқеъ мебошанд ва дар қаламрави онҳо ягон майдонча ё толори варзишӣ мавҷуд нест. Бинобар дурии роҳ кӯдакони ин деҳаҳо аз иштирок дар ҳама чорабиниҳои варзишӣ маҳрум мебошанд. Дар деҳаҳои гирду атрофи нохия ҳамчунин ашёву афзори варзишӣ, таҷҳизоти машққунӣ ва дигар иншоотҳои варзишӣ ба таъмир эҳтиёҷ доранд. Дар маркази ноҳия маркази варзишӣ ба талабот ҳозиразамон ҷавобгу набуда,зарурияти сохтмони маркази варзишӣ барои 10 ҳазор ҷойи нишаст ба миён омадааст.

## БОБИ 4.
## ИНФРАСОХТОР

### *4.1. Таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ (коммуналӣ).*

***Таъминот бо оби нӯшокӣ.*** Гарчанде Ҷумҳурии Тоҷикистон аз захираҳои об бой бошад ҳам, танҳо 59 % аҳолии он ба обӣ нӯшокии безарар дастрасӣ доранд. Дастрасии аҳолии ноҳияи Ишкошим ба оби нӯшокӣ бошад, ба таври умумӣ 37,0 % - ро ташкил дода, 63,0 %-и аҳолӣ аз норасоии об танқисӣ мекашанд.




Барои пешбурди дурусти соҳа ва бартараф намушдани мушкилиҳои ҷойдошта, дар маркази ноҳия корхонаи давлатии фаръии “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” оид ба таъминоти оби нӯшокӣ фаъолият мекунад, ки танҳо аҳолии маркази ноҳия ва қисман аҳолии деҳаи Ринро бо оби нӯшокӣ таъмин менамояд. Айни ҳол, дар корхона 30 нафар коргар фаъолият мекунанд, ки 3 нафарашон мутахассисони муҳандисӣ – техникӣ буда, дар соҳаи обтаъминкунӣ машғули кор ҳастанд. Муассисаи номбурда бо 400 хонавода, 14 корхонаи буҷетӣ ва 2 корхонаи ғайрибуҷети шартномаи хизматрасонӣ оиди таъминоти оби нӯшокӣ дорад. Дар тавозуни корхона хати маркази обтаъминкунӣ (11,5 км), се ҳавзи обпарто бо ғунҷоиши 63 м$^3$ ва 1 обанбори ғунҷоишаш 100 м$^3$, ки айни ҳол корношоям мебошад, қарор дорад. Дар маркази ноҳия ҳамагӣ 39 км хати оби нӯшокӣ гузаронида шудааст. Аҳолии боқимондаи ноҳия ба сифати оби нӯшокӣ аз сарчашмаҳои обтаъминкунии обҳои рӯизаминиву зеризаминӣ ва чашмаю ҳавзҳо истифода мебаранд.

*Ҷадвали №31.Таъминоти аҳолии ноҳия бо оби нӯшокӣ дар соли 2014.*

| *Ҷамоатҳо* | *Аҳолӣ (нафар)* | *Шумораи аҳолие, ки ба оби нӯшокӣ дастрасӣ доранд* | *Бо ҳисоби фоиз* | *Шумораи аҳолие, ки ба оби нӯшокӣ дастрасӣ надоранд* | *Бо ҳисоби фоиз* |
|---|---|---|---|---|---|
| А. Замиров | 2770 | 720 | 26,0 | 2050 | 74,0 |
| Қозидеҳ | 1880 | 470 | 25,0 | 1410 | 75,0 |
| Р. Юсуфбеков | 7673 | 3683 | 48,0 | 3990 | 52,0 |
| Шитхарв | 2619 | 943 | 36,0 | 1676 | 64,0 |
| Птуп | 3411 | 1023 | 30,0 | 2388 | 70,0 |
| Вранг | 6401 | 2688 | 42,0 | 3713 | 58,0 |
| Зонг | 6355 | 2097 | 33,0 | 4258 | 67,0 |
| Ҳамагӣ | 31109 | 11624 | 37 | 19485 | 63 |

Дар солҳои 2008-2014 дар маҳаллаҳои гуногуни ноҳия аз тарафи ташкилоти байналмиллалии «Фонди Оғохон», хатҳои оби нӯшокӣ сохта ва мавриди истифода қарор дода шуданд.

Ҳолати аз ҳама вазнине, ки ба таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ вобаста аст, дар деҳаҳои Дашт, Намадгути боло ва Яхшиволи ҷамоати деҳоти Юсуфбеков, деҳаҳои Туғгоз, Зумудг ва Вичкути ҷамоати Птуп, деҳаи Вранги ҷамоати Вранг ва деҳаҳои Исор, Лангар, Зугванди ҷамоати Зонг ба назар мерасад. Инчунин, дар сатҳи ҷамоатҳо деҳаҳое мавҷуданд, ки аҳолии онҳо дар тамоми давраи сол аз нарасидани оби нӯшокӣ танқисӣ мекашанд. Ин мушкилотро асосан дар деҳаҳои навбунёдгаштаи Дашт, Ратм, Дашти Андароб ва Санг мушоҳида намудан мумкин аст.

Мушкилии асосии таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ дар он аст, ки дар баъзе деҳаҳо сарчашмаи обтаъминкунӣ вуҷуд надорад, яъне об тамоман нест.

*Ҷадвали №32 Намудҳои асосии сарчашмаҳои обтаъминкунии аҳолии ноҳияи Ишкошим*




Сабабҳои асосии баланд будани талафот, агар аз як тараф, кӯҳнаю фарсуда будани қубурҳои мавҷуда бошад, аз тарафи дигар, набудани ҷумакҳо ва ҳисобкунакҳои обченкунӣ мебошад.

*Ҷадвали № 33. Сатҳи хизматрасонии соҳаи ХМК дар тӯли солҳои 2010-2014*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
| 1 | Шумораи умумии муштариён, аз ҷумла | нафар | 1962 | 1951 | 1917 | 1593 | 1700 |
| | Аҳолӣ | нафар | 1945 | 1934 | 1900 | 1574 | 1675 |
| | - ташкилотҳои буҷавӣ | адад | 15 | 15 | 15 | 17 | 18 |
| | - ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | адад | 2 | 2 | 2 | 2 | 7 |
| 2 | Пардохти ҳаққи истифодаи об, аз ҷумла, | | 24202 | 27011 | 25195 | 36090 | 41680 |
| | - аҳолӣ | ҳазор сомонӣ | 3901 | 6371 | 4406 | 17821 | 11737 |
| | - ташкилотҳои буҷавӣ | ҳазор сомонӣ | 19961 | 20973 | 20289 | 16645 | 27078 |
| | - ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | ҳазор сомонӣ | 340 | 547 | 500 | 1624 | 2865 |
| 3 | Қарзи муштариҳо дар назди корхона, | | 5944 | 8979 | 10556 | 9885 | 30742 |
| | - аҳолӣ | ҳазор сомонӣ | - | - | - | - | 18494 |
| | ташкилотҳои буҷавӣ | ҳазор сомонӣ | 5944 | 7832 | 10168 | 9113 | 9952 |
| | - ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | ҳазор сомонӣ | - | 1147 | 388 | 772 | 2296 |
| 4 | Нархи об (1 $м^3$) | | 0,86 | 0,92 | 0,92 | 1,08 | 1,10 |
| | - аҳолӣ | дирам | 1,05 | 1,05 | 1,05 | 1,12 | 1,26 |
| | - ташкилотҳои буҷавӣ | дирам | 0,71 | 0,75 | 0,75 | 1,00 | 1,00 |
| | - ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | дирам | 0,83 | 1,16 | 1,16 | 1,18 | 1,20 |
| 5 | Истеҳсоли шабонарӯзии об | ҳазор $м^3$ | 29881 | 28980 | 25945 | 33245 | 40545 |
| 6 | Талафоти умумӣ | % | - | - | - | - | - |

Ҳар сол нархномаи истифодаи об 7% меафзояд, ки ин миқдори қарзро зиёдтар мекунад.

Дар маркази ноҳияи Ишкошим ҳамагӣ 30 нуқтаи обгирӣ вуҷуд дорад, ки 90%-и он ҷумак надоранд ва 40% обмилаҳо бо қубурҳои (трубаҳои) пластикӣ иваз карда шудаанд.

Мушкилии асосӣ дар ин самт кӯҳнаю фарсуда гардидани воситаҳои техникии корхона, набудани таҷҳизот ва техникаи зарурӣ (дастгоҳҳои кафшергарӣ, экскаватор ва трактор) мебошад. Мутаассифона, на ҳама сарчашмаҳои оби нӯшокӣ ба талаботи санитарию гигиенӣ ҷавобгӯ ҳастанд. Ҳудуди минтақаҳои обгирӣ посбонӣ карда намешавад ва бо воситаҳои муосири электронии муҳофизатӣ таҷҳизонида нашудааст. Барои безарар гардонидани оби нӯшокӣ тавассути маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ (МНДСЭ) ташхиси обҳои нӯшокӣ гузаронида мешавад, вале чанд соли охир бо сабаби касод будани буҷет ва ҷудо нагардидани маблағ барои корҳои ташхисӣ, болоравии нархи сӯзишворӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва реактивҳо ташхисҳои безараргардонии оби нӯшокӣ дар ноҳия кам гузаронида мешавад.

**Обу ташноб ва беҳдошт (санитария).** Дар ноҳияи Ишкошим системаи обу ташноб вуҷуд надорад, ки ин ба сохтмон ва ба истифода додани хонаҳои бисёрошёна дар ноҳия монеъ мегардад.

Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» бо баровардани ПСМ (партовҳои сахти маишӣ) машғул аст. Тоза ва кашонидани партовҳо, корҳои ободонӣ, кабудизоркунӣ, тайёрӣ ва ҷашнгирии маъракаҳои сиёсию оммавӣ, ороиши кӯчаҳо бо шиору навиштаҷот, таъмири системаи равшандиҳии кӯчаҳо, дархости шаҳрвандон ба зиммаи коргарони идора гузошта шудааст.

Дар корхонаи мазкур 1 мошини боркаши ЗИЛ, ки ба мошини обпошӣ табдил дода шуда, айни замон корношоям мебошад ва 2 адад трактори «Коматсу» (булдозер дар ҳолати коршоям, экскаватор - корношоям) ва мошини партовкашонии ГАЗ-53 барои ҷамъоварӣ ва баровардани ПСМ мавриди истифода қарор доранд. Аз сабаби норасоии техника ва таҷҳизоти ҳозиразамон, корхона дар баровардани партовҳо бо мушкилот рӯ ба рӯ мегардад, зеро партовгоҳ дар масофаи 5 км аз маркази ноҳия ҷойгир шудааст.

Дар соли 2014 сатҳи ҷамъоварии маблағҳо барои баровардани ПСМ ҳамагӣ 57 %-ро ташкил дод.

*Ҷадвали №34.Ҳаҷми ПСМ-и дар ноҳияи Ишкошим солҳои 2010 – 2014.*

<table>
<tr><th colspan="3">2010</th><th colspan="3">2013</th><th colspan="3">2014</th></tr>
<tr><th rowspan="2">Ҳамагӣ ПСМ, М³</th><th colspan="2">Аз он ҷумла</th><th rowspan="2">Ҳамагӣ ПСМ, М³</th><th colspan="2">Аз он ҷумла</th><th rowspan="2">Ҳамагӣ ПСМ, М³</th><th colspan="2">Аз он ҷумла</th></tr>
<tr><th>Аҳолӣ</th><th>Муассисаҳо</th><th>Аҳолӣ</th><th>Муасс исаҳо</th><th>Аҳолӣ</th><th>Муассис аҳо</th></tr>
<tr><td>1734</td><td>30,4</td><td>1703,6</td><td>2281</td><td>1705</td><td>576</td><td>1404</td><td>937</td><td>467</td></tr>
</table>

Пардохти ҳаққи истифодаи хизматрасонӣ дар соли 2014, 90593 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2010 ба андозаи 56,7 ҳазор сомонӣ ва ё 63,0 фоиз зиёд мебошад. Қарзи муштариён дар назди корхона дар соли 2014 – 30742 сомониро ташкил дод, ки назар ба соли 2010 – 15,9 ҳазор сомонӣ ва ё 2,0 баробар зиёд мебошад. Маблағи хизматрасонӣ барои ҳар як аъзои оила дар соли 2014 – 53,2 сомониро ташкил медиҳад.

Маблағҳои хизматрасонии коммуналӣ барои пурра ҳал намудани ҳамаи корҳои ба зимма гузошташуда ғайриимкон буда, барои таъмири роҳу роҳравҳо ва дигар иншоотҳо маблағ ҷудо карда намешавад. Ба ин нигоҳ накарда бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда ҳамасола ба қадри имкон роҳҳо таъмир карда мешаванд.

Ҳаҷми миёнаи партовҳои маишӣ ба сари ҳар як истиқоматкунандаи ноҳия дар тӯли солҳои 2010-2014 ба ҳисоби миёна 1,8 м³ - ро ташкил медиҳад.

Мушкилиҳои асосии ин соҳа норасогии техника, ба хусус васоити техникии коммуналии ҳозиразамон, кам будани қуттиҳои ахлотпартоӣ, паст будани музди меҳнати коргарони соҳа ва баланд будани нархи сӯзишворӣ мебошад, ки ин ҳама ба баланд гаштани нархи хизматрасонӣ оварда расонидааст.

Партовгоҳи марказӣ дар масофаи 5 км дур ҷойгир шуда, аз се як ҳиссаи роҳи он таъмири асосиро талаб менамояд. Илова бар ин, нуқтаҳои ахлотпартоии мавҷуда талаботи имрӯзаро қонеъ гардонида наметавонад ва айни замон зарурати сохтмони нуқтаҳои нав ба миён омадааст. Бар замми ин, бинобар боришоти зиёди пай дар пай каналу ҷӯйҳои обпарто ба таъмиру азнавсозӣ ниёз доранд.

Дар натиҷаи таъмини идораи манзилию коммуналӣ бо техникаю мошинҳои лозима, сатҳ ва сифати хизматрасонии соҳа беҳтар мегардад.

Дар тавозуни корхонаи мазкур, инчунин 7,5 км роҳҳои мошингарди аҳамияти ноҳиявӣ дошта, 15 км роҳҳои пиёдагард, 15 км каналҳои обпарто ва 1 га партовгоҳи марказӣ мавҷуд аст. Масоҳати умумии кабудизоркунӣ (6000 дона дарахт) 1,6 га - ро ташкил медиҳад.

Дар соли 2014 барои фаъолияти хоҷагии манзилию коммуналӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷет 303400 сомонӣ ҷудо карда шуд, ки дар муқоиса ба соли 2010 (маблағи ҷудошуда 192298) ба андозаи 201235 сомонӣ зиёд мебошад. Маблағҳои дар ин давра ҷудогардида асосан барои пардохти музди меҳнат ва дигар кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ таъмири роҳи маркази ноҳия, таъмири хонаҳои коммуналӣ равона карда шудааст.

Барои рушди соҳа дар 3 соли охир аз ҳисоби буҷети вилоят ва ҷумҳурӣ ягон маблағ ҷудо нагардидааст.

Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин нарасидани воситаҳои техникӣ (мошинҳои обпошак), нарасидани воситаҳои молиявӣ, низоми сусти мониторинг ва истифодаи усулҳои пешқадами парвариш ва нигоҳубини ниҳолҳо ва гулҳои ороишӣ мебошад.



**4.2.Таъминоти барқ.** Аксарияти аҳолии ноҳия (95%) аз нерӯи барқи марказонидашуда истифода мебаранд. Ҳаҷми интиқоли барқ аз мавсим вобастагии калон дорад. Аҳолии ноҳияи Ишкошим аз нерӯи барқ дар фаслҳои тобистону тирамоҳ шабонарӯзӣ таъмин мебошад, аммо дар фасли зимистон аҳолӣ дар як шабонарӯз аз 20 то 22 соат бо барқ таъмин карда мешавад.

Дар ҳудуди ноҳия 4 нерўгоҳи хурди барқӣ обӣ (Намадгут -1500 кВт, Ямчун-60 кВт, Лангар-120 кВт, Шитхарв - 35 кВт) мавҷуд аст. Зиёда аз 90 фоизи таъминоти барқи ноҳияро Ширкати энергетикии «Помирэнерҷӣ» ба уҳдаи худ гирифтааст. Нерўи барқ танҳо барои истифодаи аҳолӣ басанда буда, барои истифода дар корхонаҳои саноатӣ иқтидорҳои мавҷуда нокифоя мебошанд. Дар ноҳияи Ишкошим захираҳои обӣ фаровон мебошанд, аз ин лиҳоз шароити сохтмони нерўгоҳҳои хурди барқи обии нав низ вуҷуд дорад.

Ба идоракунӣ ва хизматрасонии шабакаҳои барқи ноҳия корхонаи "Комплекси энергетикӣ-минтақавии ноҳияи Ишкошим" машғул мебошад. Дар корхонаи мазкур 36 нафар фаъолият дошта, аз ин 5 нафарашон кормандони муҳандисию техникӣ мебошанд, илова бар ин 6 нафари дигар ба намуди шартномавӣ ба ҳайси муҳандисони фурўши барқ фаъолият намуда, аҳолии ноҳия хизмат мерасонанд.

Миқдори умумии зеристгоҳҳои барқӣ дар қаламрави ноҳия 93 ададро ташкил медиҳад, ки аз ин 82 адад дар тавозуни идораи мазкур ба қайд гирифта шудаанд ва боқимонда дар тавозуни дигар муассисаҳои истифодабарандагон мебошанд.

Миқдори зеристгоҳҳои барқии 35/10 кВ – 3 адад бо иқтидори 11800 кВт ва зеристгоҳи барқии 35/0,4 кВт 19 адад бо иқтидори 400 кВА мебошад. Дарозии умумии хатҳои интиқоли барқ 35 кВ- 185 км, 10 кВ – 105 км, 10/0,4 кВ -280 км-ро ташкил медиҳад.

Бо назардошти маҳдудияти интиқоли қувваи барқ аҳолии ноҳия дар мавсими зимистон ҳангоми пухтани хўрок ва гарм кардани хонаҳо асосан аз ҳезум, ангишт, сўзишвории дизелӣ (солярка) истифода мебаранд.

Яке аз мушкилиҳои асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, кўҳнаю фарсуда гардидани хатҳои интиқоли барқ ва симчўбҳо ба ҳисоб меравад.

Мушкилии дигаре, ки дар ин самт дида мешавад, дар водии Вахон (аҳолии ҷамоатҳои деҳот Шитхарв, Птуп, Вранг ва Зонг) дар фасли зимистон нарасидани қувваи барқ мебошад, дар ҳоле, ки 60,0 фоизи аҳолии ноҳияро сокинони ин ҷамоатҳо ташкил медиҳанд. Дар айни замон зеристгоҳҳои мавҷудаи 35/10 кВт бо назардошти дар фасли зимистон зиёд шудани талабот ба нерўи барқ, талаботи рўзафзуни аҳолиро пурра ва саривақт таъмин карда наметавонанд.

Бо мақсади бартараф намудани мушкилиҳои мавҷуда аз ҷониби корхонаи мазкур дар соли 2014, 62 км ХИБ 10 кВ ба ХИБ 35 кВ аз ҳисоби «Помирэнерҷи» иваз карда шуда, истгоҳи трансформатори (ИТ)-35/10 кВ (дар деҳаи Вранги ҷамоати Вранг) васл карда шуд. Новобаста аз ин, ҳоло дар ҳудуди ноҳия зарурияти аз нав таҷдид (реконструксия) намудани зеристгоҳи 10/0,4 кВ, ХИБ 0,4 кВ ва симчўбҳои хатҳои интиқоли барқ ки солҳои 1970 сохта шуда, ҳоло фарсуда гаштаанд, ба миён омадааст. Аксари хатҳои интиқоли барқ солҳои 70-уми асри гузашта сохта шуда, дар ин муддат ягон маротиба корҳои азнавсозӣ гузаронида нашудааст, ки ин мушкилиро дар ин самт боз ҳам вазнинтар мегардонад. Илова бар ин, бинобар сол то сол зиёд гардидани шумораи аҳолӣ ва ташкили маҳаллаҳои навбунёд талабот низ ба нерўи барқ зиёд гардида истодааст.

***Ҷадвали № 35.Миқдори фурўши қувваи барқ дар ноҳия дар давоми солҳои 2010– 2014.***

| *№* | *Нишондодҳо* | *Воҳиди ченак* | *2010* | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *Соли 2014 дар қиёс бо соли 2010 бо %* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Маблағи умумии аз фурўши қувваи барқ ба даст омада | Ҳазор сомонӣ | 423,3 | 511,7 | 924,5 | 669,3 | 1326,0 | 3,1б |
| 2 | Ҳаҷми умумии фурўши қувваи барқ | Млн. кВт/с | 3527,1 | 4960,5 | 7111,7 | 5148,5 | 10200,5 | 2,8 б |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3 | Аз ҷумла, ба аҳолӣ | Ҳазор сомонӣ | 234,6 | 362,5 | 595,4 | 448,4 | 888,4 | 3,7 б |
| | Ҳаҷми умумӣ | Млн кВт/с | 1954,8 | 3020,9 | 4580,3 | 3449,5 | 6834,3 | 3,4 б |
| 4 | ба ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | Ҳазор сомонӣ | 188,7 | 149,2 | 329,1 | 220,9 | 437,5 | 2,3 б |
| | Ҳаҷми умумӣ | Млн. кВт/с | 1572,3 | 1939,6 | 2531,4 | 1698,9 | 3366,1 | 2,1 б |
| 5 | Нархи 1 кВт/с (ба ҳисоби миёна) | Дирам | 0,12 | 0,12 | 0,13 | 0,13 | 0,13 | 108,3 |
| | - ба аҳолӣ | Дирам | 0,12 | 0,12 | 0,13 | 0,13 | 0,13 | 108,0 |
| | - ба ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | Дирам | 0,23 | 0,23 | 0,24 | 0,24 | 0,24 | 104,0 |
| 6 | қарзи умумии муштариён дар назди корхона, аз ҷумла: | Ҳазор сомонӣ | 452,8 | 374,1 | 299,3 | 106,8 | 120,0 | 26,5 |
| | - ба аҳолӣ | Ҳазор сомонӣ | 395,2 | 176,0 | 164,3 | 28,2 | - | - |
| | - ба ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | Ҳазор сомонӣ | 57,7 | 198,1 | 134,9 | 78,6 | 120,0 | 2,1 б |
| 7 | - талафоти умумӣ | % | - | - | - | - | - | - |

Баландшавии мунтазами нархи қувваи барқ ба қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад. Ин омили асосии қарзи муштариён дар назди корхонаи мазкур ба ҳисоб меравад. Вале солҳои охир дар ноҳия бо сабаби афзоиши сатҳи некуаҳволӣ ва даромаднокии аҳолӣ, ин нишондод дар соли 2014 – 120,0 ҳазор сомониро ташкил дода, дар қиёс ба соли 2010 ба маблағи 332,8 ҳазор сомонӣ камтар мебошад. Дар соли 2014 қарзи аҳолӣ пурра аз байн рафт. Агар аз як ҷиҳат ин ба баландшавии сатҳи зиндагии мардум вобаста бошад, аз тарафи дигар, ба беҳтаршавии хизматрасонӣ ба аҳолӣ вобаста аст.

Талаботи умумии аҳолии ноҳия ба ҳисобкунакҳои электронӣ 3620 ададро ташкил дода, ба холати 1.01.2015, 3439 адад ҳоло васл гардида ва эҳтиёҷоти боқимонда 181 ададро ташкил медиҳад.

**Мушкилиҳои асосии соҳа:**

- куҳнаю фарсуда шудани хатҳои барқии ҳавоӣ;
- мунтазам аз кор баромадани трансформаторҳо;
- корношоям гардидани симчӯбҳои хатҳои интиқоли барқ;
- сол то сол зиёд гардидани қарздории ташкилотҳо дар назди корхона;
- баланд будани талафоти нерӯи барқ;

***Таъминоти газ.*** Сохтори таъминоти гази табиӣ ва системаи таъминоти гази табиӣ дар ноҳияи Ишкошим бо сабаби надоштани манбаи гази табиӣ амал намекунад. Дар ноҳия имконияти таъсис додани нуқтаи фуруши гази моеъ вуҷуд дорад.

Аксарияти аҳолии ноҳия барои гарм кардани хонаҳо ҳамчун алтернатива аз ангишт, хокаи ангишт, ҳезум ва нерӯи барқ истифода мебаранд. Ҳезум асосан аз ҳисоби буридани дарахтони бисёрсолаи ҷангалзорҳо ва дигар буттаҳои саҳроӣ захира карда мешавад, ки ин ба муҳити зист таъсири манфӣ расонида, дар бисёр мавридҳо боиси рух додани офатҳои табиӣ мегардад.

### *4.3Нақлиёт ва хоҷагии роҳ.*



Робитаи ноҳия бо маркази ҷумҳурӣ, вилоят ва ноҳияҳои ҳамсоя тавассути роҳи автомобилгарди Ишкошим - Хоруғ – Кӯлоб – Душанбе сурат мегирад. Ба воситаи ин роҳ маҳсулоти кишоварзӣ аз нуқтаҳои истеҳсолӣ ва коркард ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва берун аз он бароварда мешавад. Ҳамзамон, аз ҳудуди ноҳия шоҳроҳи Хоруғ-Ишкошим-Тускул мегузарад, ки дарозии он 288,7 км мебошад. Масофа аз маркази ноҳия то пойтахти кишвар-

шаҳри Душанбе  652 км ва то шаҳри Хоруғ 110 км-ро ташкил медиҳад.

Шабакаи роҳҳои маҳаллӣ дар хизматрасонии нақлиётии ноҳия нақши муҳимро мебозад, ки талаботро дар кашонидани маҳсулот байни хоҷагиҳо таъмин менамояд.

Хизматрасонии соҳаи нақлиёти истифодаи умум ва боркашонии ноҳия тавассути соҳибкорон амалӣ мегардад. Дар ин соҳа 616 мошин, аз ҷумла 127  адад мошини боркаш, нақлиётҳои махсусгардонидашуда 21 адад, мототсиклҳо 29 адад, автобусҳои хурд 35 адад ва беш аз 404 нақлиёти сабукрав ба мусофирон хизмат мерасонанд.




Инчунин, дар соҳаи мазкур зиёда аз 35 нафар соҳибкорони инфиродӣ фаъолият доранд, ки аз ин 6 нафар ба боркашонӣ, 3 нафар тариқи автобусҳо ва 26 нафар бо нақлиёти сабукрав ба мусофирон хизмат расонида, талаботи аҳолии ноҳияро пурра қонеъ мегардонанд.

*Ҷадвали № 36. Нишондодҳои асосии соҳаи нақлиёт дар давоми солҳои 2010 - 2014.*

| № | Нишондодҳо | Воҳиди ченак | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Гардиши савдои чакана | Ҳазор сомонӣ | 1497825 | 2685033 | 3719892 | 318082 1 | 3505533 |
| 2 | Ҳаҷми хизматрасонии пулӣ ба аҳолӣ | Ҳазор сомонӣ | 223956 | 241266 | 244056 | 292980 | 348912 |
| 3 | Ҳаҷми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ | Ҳазор сомонӣ | 537460 | 612159 | 798620 | 122233 9 | 1381119 |
| 4 | Ҳаҷми боркашонии нақлиётӣ | Ҳазор тонна\ км | 12504 | 38200 | 47912 | 50102 | 51923 |
| 5 | Ҳаҷми мусофиркашонии нақлиётӣ | Ҳаз.мусофир /км | 67,0 | 94,1 | 149,3 | 171,6 | 280 |
| 6 | Таъминоти хонаводаҳо бо нақлиёти сабукрав | ба 1000 нафар /адад | 5 | 7 | 9 | 10 | 12 |

Гарчанде, ки нишондиҳандаҳои асосии соҳа мусбат ҳастанд, техникаи дар корхона мавҷуд буда, фарсудаю корношоям гаштааст ва барои кашонидани мусофирон ва борҳо истифода бурдани чунин техника хеле хатарнок мебошад.




Дар ноҳия муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Ишкошим (МДНРА), ки тобеи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ба нигоҳубин ва истифодабарии роҳҳои ноҳия машғул аст. Дар ин муассиса 80 нафар кор ва фаъолият менамоянд. Муассисаи мазкур 17 адад техникаи роҳсозӣ ва таҷҳизотро дар ихтиёр дорад, ки аз инҳо 12 ададаш коршоям буда, боқимонда фарсудаю таъмирталабанд ва барои таъмири онҳо маблағи зиёд зарур мебошад.

Дар тавозуни муассисаи мазкур 439,9 км роҳи автомобилгарди истифодаи умум қарор дорад, ки аз ин 288,7 км роҳи аҳамияти байналмилалидошта, 6,2 км роҳи аҳамияти ҷумҳуриявидошта ва 145 км роҳи дорои аҳамияти маҳаллидошта мебошад. Роҳҳои маҳаллӣ дар ҳолати бад қарор дошта, солҳои тӯлонӣ дар онҳо таъмири асосӣ гузаронида нашудааст. Дар солҳои 2010-2014 барои нигоҳубини роҳҳои маҳаллӣ тавассути буҷети маҳаллӣ 76,3 ҳазор сомонӣ ва аз буҷети ҷумҳуриявӣ 818,2 ҳазор сомонӣ ҷудо шуда бошад ҳам, ин маблағ барои ноҳия кифоя нест. Зеро тибқи меъёри мавҷуда, хароҷот барои нигоҳубини 1 км роҳҳои маҳаллӣ 880 ҳазор сомонӣ муайян шудааст. Инчунин дар тавозуни муассисаи зикргардида 72 адад купрукҳои оҳану бетонии солҳои 1970 сохташуда қарор доранд, ки тибқи баҳодиҳии мутахассисони соҳа, ҳолати техникиашон қаноатбахш арзёбӣ мегардад.

Бинобар солҳои дароз истифода гардидан ва сари вақт нагузаронидани таъмири асосӣ, айни замон аксарияти қисматҳои роҳҳо ба таъмири асосию ҷорӣ ниёз доранд. Роҳҳои мошингарди маҳаллии ноҳия (роҳи маҳаллии Қозидеҳ-Багуш индексаш 12Н951 ба масофаи 7 км, Туггоз-Вичкут индексаш 12Н952 – 8 км, р/а маҳаллии Зонд-Дирч индексаш 12Н953 – 8 км) низ (беш аз 23 км), ки маркази ноҳияро бо ҷамоатҳои деҳот ва дигар деҳаҳо пайваст мекунад, ба таъмир ва азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд.

Техникаҳои мавҷудаи роҳсозии ноҳия фарсуда гашта, корношоям гаштаанд. Муассисаи нигоҳдории роҳҳои ноҳия айни замон ба 2 адад булдозери "Коматсу", 2 адад боркунаки фронталии LW-321 ва 2 адад автомашинаҳои боркаши тамғаи "Дулан" эхтиёҷ дорад.

Дар соли 2014 ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ дар қиёс ба соли 2010-2012 мутаносибан 4,0 баробар ва 8,3 фоиз афзоиш ёфтааст. Ҳамзамон, тибқи накшаи дурнамо, афзоиши ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ то соли 2019 (дар муқоиса бо иҷроиши соли 2012) мутаносибан 5,2 фоиз ва 9,6 фоиз дар назар дошта шудааст. Дар доираи барнома пешбинӣ мешавад, ки роҳҳои автомобилгарди ноҳия аз нав таҳқиқ ва шиносноманавис (паспортизатсия) шуда, қисмати муайяни роҳҳои аҳамияти маҳаллӣ дошта таъмиру барқарор ва нуқтаҳои тадқиқотию назоратии тармафарой эҳё карда шаванд. Таъмири роҳи автомобилгарди Хоруғ-Ишкошим бошад, дар заминаи харидорию азнавсозии техникаи барои нигоҳубини роҳҳо махсусгардонидашуда ва дигар иншоотҳои хоҷагии роҳҳо, пешбинӣ гардидааст. Баҳри ҳалли масъалаи мазкур, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ мувофиқи мақсад мебошад.

*Ҷадвали № 37. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи роҳдории ноҳияи Ишкошим дар солҳои 2014-2020.*

| Солҳо | Буҷети ҷумҳуриявӣ | | Буҷети маҳаллӣ | Шумораи коргарон | Шумораи воситаҳои нақлиёт | | Шумораи мошинолоти роҳсозӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Коршоям | Корношоям | Коршоям | Корношоям |
| 2010 | 988936 | 545617 | 48500 | 98 | 9 | 8 | 10 | 9 |
| 2011 | 1060650 | 545617 | 21500 | 98 | 9 | 8 | 10 | 9 |
| 2012 | 1150104 | 627485 | 31650 | 98 | 9 | 8 | 10 | 9 |
| 2013 | 1182652 | 583020 | 33500 | 80 | 9 | 8 | 10 | 9 |
| 2014 | 1269853 | 614050 | 33550 | 80 | 10 | 7 | 11 | 8 |
| 2015 | 1396839 | 675455 | 35500 | 82 | 10 | 7 | 11 | 8 |
| 2016 | 1536522 | 743000 | 37630 | 84 | 11 | 6 | 12 | 7 |
| 2017 | 1690175 | 817300 | 39900 | 90 | 11 | 6 | 12 | 7 |
| 2018 | 1843828 | 891600 | 42200 | 90 | 12 | 6 | 13 | 7 |
| 2019 | 1991334 | 962928 | 44310 | 92 | 12 | 6 | 13 | 7 |
| 2020 | 2110814 | 1013190 | 46525 | 92 | 13 | 8 | 14 | 6 |

**Мушкилиҳои асосии соҳа:**

- дар ҳолати ногувор қарор доштани роҳҳои маҳаллӣ, пулҳо ва шоҳроҳи Хоруғ-Ишкошим-Тускул;
- норасогии техникаҳои ҳозиразамон барои корҳои таҷдид ва азнавсозии роҳҳо;
- норасогии воситаҳои молиявӣ барои гузаронидани таъмири асосӣ ва ҷории роҳҳо, махсусан роҳҳои маҳаллӣ;
- таъмирталаб будани техникаи мавҷуда.

**4.4.Алоқа ва фазои иттилоотӣ.** Тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2014 таъминоти аҳолии ноҳияи Ишкошим бо дастгоҳҳои телефонӣ (ба ҳазор нафар) – 2,8 ададро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2010 ба 12,3 фоиз камтар мебошад. Ин вазъият аз он шаҳодат медиҳад, ки аҳолӣ фаъолона ба истифодаи хизматрасонии алоқаи мобилии ширкатҳои «TCELL», «Мегафон» ва «Билайн» гузашта истодааст.

Қитъаи техникии ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком»-и ноҳия яке аз корхонаҳои бонуфузи алоқаи ноҳия мансуб меёбад. Шумораи умумии кормандони он 10 нафарро ташкил медиҳад. Барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии соҳа айни замон дар ҳудуди ноҳия 1 адад дастгоҳи рақамии дорои 5000 рақама амал мекунад. Дар айни замон дар ноҳия дарозии каналҳои телефонии байни деҳот 42,8 км ва шумораи дастгоҳҳои телефонҳои асосӣ 684 ададро ташкил медиҳад.

Дар заминаи корхона истгоҳи рақамии ZTE-10 пайваст шудааст. Бахши алоқаи ноҳияи Ишкошим иқтидорҳои зеринро доро мебошад:

- дарозии каналҳои телефонии байни деҳотӣ – 42,8км;
- шумораи истгоҳҳои телефонӣ- 1 адад;
- ғунҷоиши истгоҳҳои телефонӣ - 5000 адад;
- шумораи дастгоҳҳои асосии телефонӣ - 684 адад.

Аз сабаби норасогии хатҳои алоқа ва симчӯбҳои телефонӣ, айни замон дар ноҳия танҳо 300 рақам истифода мешаваду халос. Ҳоло Қитъаи техники ҶСШК «Тоҷиктелеком» дар биное, ки аз 5 ҳуҷра иборат асту ба талаботи муосир ҷавобгӯ нест, ҷойгир шудааст. Корхонаи мазкур ба таҷҳизоти ҳозиразамон эҳтиёҷ дорад.

Дар ноҳия 4 истгоҳи пахши мавҷҳои телевизионӣ амал карда, ба аҳолӣ имконият медиҳад, то барномаҳои «Сафина», «Баҳористон», «Ҷаҳоннамо» ва «Шабакаи аввал»-и ТВТ ва «Россия»-ро тамошо кунанд. Фарогирии барномаҳои телевизионӣ дар ноҳия чунин аст: «Сафина» - 89,5%, «Баҳористон» - 82,0%, Ҷаҳоннамо» -86,0 % ва «Шабакаи аввал»-и ТВТ – 98,7%.

Дар ноҳия фарогирии умумии аҳолӣ бо барномаҳои телевизионӣ 98 фоиз ва бо барномаҳои радио 20 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ноҳия моҳе як маротиба рӯзномаи «Зиндагӣ» бо забони тоҷикӣ ба теъдоди солонаи 7000 нусха нашр мешавад, ки аҳолиро аз муҳимтарин ахбори иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии ноҳия огоҳ месозад. Мушкилии асосие, ки дар бахши мазкур ҷой дорад, ин набудани матбааи худӣ мебошад. Бинобар дар шаҳри Хоруғ нашр шудани рӯзномаи зикршуда, арзиши аслии он гарон мегардад. Бинои идораи рӯзномаи «Зиндагӣ» фарсуда гашта, ба таъмири асосӣ ниёз дорад. Мушкилии дигари матбааи ноҳия надоштани технологияи муосир, аз ҷумла фотоаппарат ва асбобҳои сабти овозу симо мебошад.

Аз сабаби дурдаст будани ноҳия, аҳолӣ ба алоқаи интернет дастрасии маҳдуд дорад. Зеро то ноҳияи Ишкошим хатти алоқаи нурию нахӣ кашида нашудааст. Дар ноҳия дастрасӣ ба интернет вуҷуд надорад. Сифати хизматрасонии соҳаи алоқа ба талаботи муосир ҷавобгӯ нест.

**Мушкилиҳои асосии соҳа:**

– таъмин набудани баъзе маҳаллаҳо бо алоқаи телефонӣ;
– набудани матбааи худӣ;
– мавҷуд набудани хати алоқаи нурию нахии Хоруғ-Ишкошим (110 км);
– норасогии воситаҳои молиявӣ барои азнавсозии таҷҳизот.

## БОБИ 5.ОМОДАГӢ БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА, ПЕШГИРӢ ВА КАМ КАРДАНИ ҲОЛАТИ ХАТАРИ ОНҲО

Дар давоми солҳои 2010-2014 дар ноҳия Ишкошим 25 ҳолати фавқулодда ба қайд гирифта шудааст. Дар давоми панҷ соли охир хисороти аз офатҳои табиӣ ба соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ расида 1,8 млн. сомониро ташкил додааст, ки ин ба 4,01 фоизи буҷети сесолаи маҳаллӣ баробар аст. Зарари молиявии расонида шуда, солҳои 2010 ва

2012 дар қиёс ба дигар солҳо аз ҳама зиёдтар буда, ҳаҷми он (729,9-711,3) ҳазор сомониро ташкил дод. Дар ин давра дар натиҷаи офатҳои табиӣ, аз ҷумла фаромадани сел, мавзеи гирду атрофи бинои мактаби миёнаи № 9-и деҳаи Внукути нохияи Ишкошим зарар дид ва айни замон мактаби мазкур ба азнавсозӣ ниёз дорад.

*Ҷадвали №38. Таносуби буҷети ноҳия ва хисорот аз ҳолатҳои фавқулодда*

| *Нишондиҳандаҳо* | *Солҳо* | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | *2010* | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *ҳамагӣ* |
| *Буҷет (сомонӣ)* | *9865722* | *11605882* | 14884883 | *18964336* | *22025038* | *77345861* |
| *Хисорот аз ҳолатҳои фавқулодда (сомонӣ)* | *729906* | *588700* | *711300* | *526384* | - | *2556290* |
| *Хисорот аз ҲФ ба ҳисоби фоиз (%)* | *7,3* | *5,0* | *4,7%* | *2,7* | - | *3,3%* |

Яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди ноҳия дар солҳои минбаъда ин дар ҳолати омодагӣ қарор доштан ва пешгирӣ намудани офатҳои табиӣ аст, зеро 20 деҳаи аҳолинишини ноҳия дар мавзеи хатарнок ҷойгир мебошанд. Дар мавзеъҳои хатарнок 2,8 фоизи аҳолии ноҳия истиқомат доранд. Офатҳои табиӣ, ки ҳамасола ба аҳолии ноҳия таҳдид менамоянд, ин селҳо, обхезиҳо, ярчҳо, ҷола, хунукиҳои сахт, боронҳои шадид ва тарма мебошад. Сол то сол дарёи Панҷ маҷрои худро дигар карда, соҳилҳои дарёро шуста бурда истодааст. Аз ин лиҳоз, бо истифодаи тамоми манбаъҳои маблағгузорӣ, барои паст намудани хатари офатҳои табиӣ таи панҷ соли оянда дар доираи барномаи мазкур корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан лозим аст. Дар доираи Барномаи рушди ноҳия иҷрои корҳои соҳилмустаҳкамкунии дарё дар мавзеъҳои деҳаи Исор ва Лангари ҷамоати Зонг, деҳаҳои Вранг ва Ширгини ҷамоати Вранг, деҳаҳои Птуп, Зумудг, Туғгозии ҷамоати Птуп, деҳаи Шитхарви ҷамоати Шитхарв, деҳаҳои Мулвоҷ, Яхшвол, Сумчин, Авҷ ва мавзеи Апхарви ҷамоати деҳоти Рустамбек Юсуфбеков, ки дар онҳо хатари шуста бурдани заминҳои корам ва ҷангалзор вуҷуд дорад, пешбинӣ мегардад.

*Ҷадвали №39.Ҳаҷми зарари аз ҲФ ба хоҷагии халқи ноҳия расонидашуда*

| Иншоотҳои зарардида | Маблағи зарар, сомонӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | с.2010 | с.2011 | с2012 | с2013 | с2014 | Ҳамагӣ дар солҳои 2010-2014 |
| Хонаҳои истиқоматӣ | 145550 | 279500 | 115000 | 94352 | - | 634402 |
| Мактабҳо, муассисаҳои томактабӣ | 167566 | 9500 | - | - | - | 177066 |
| Муоличахона ва беморхонаҳо | 22125 | - | - | - | - | 22125 |
| Иншоотҳои маданию маишӣ | 35480 | 3500 | - | - | - | 38980 |
| Роҳҳо | 107700 | - | 144000 | 168413 | - | 420113 |
| Пулҳо | - | - | - | - | - | - |
| НИБ (ЛЭП) | 7200 | 6500 | - | - | - | 13700 |
| Хатҳои алоқа | 2500 | 22300 | - | - | - | 24800 |
| Нахр ва нуктаҳои обгирӣ | - | - | - | - | - | - |
| Истгоҳҳои обкашӣ ва иншоотҳои обтаъминкунӣ | 139650 | - | 261000 | 83044 | - | 483694 |
| Хатҳои обгузар ва канализатсионӣ | - | - | - | - | - | - |
| Кишоварзӣ | 102135 | 267400 | 191300 | 180575 | - | 741410 |
| Иншоотҳои дигар | - | - | - | | - | - |

Хисороти зиёд ба соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ (хонаҳои истиқоматӣ) ва инфрасохтор (роҳҳо) рост меояд. Зарари бештар аз ҳисоби тарма (боришоти барф), хунукӣ ва селҳо ба вуҷуд омадааст.




Дар давраи нишондодашуда хисороти аз ҳама бештар дар қиёси фоизи ба соҳаи кишоварзӣ расидааст ва маблағи умумии он 741410 сомониро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №40. Таносуби хароҷоти буҷет ва хисорот аз рӯи фаъолияти соҳаҳо. (сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Буҷети солҳои 2010-2014 | Хисороти солҳои 2010-2014 |
|---|---|---|
| Маориф | 44254179 | 177066 |
| Тандурусти | 14201878 | 22125 |
| Манзилию коммуналӣ | 1264478 | - |
| Фарҳангию маишӣ | 3916974 | 38980 |
| Кишоварзӣ (бойторӣ) | 625101 | 741410 |

Дар ноҳия 7 ҷамоати деҳот вуҷуд дорад, ки дорои ҳудудҳои хавфноки геологӣ мебошад. Аз 45 деҳа 20-тояш дар зери таҳдиди хавфи табиӣ қарор дорад.

Шумораи хоҷагиҳои хонагие, ки дар минтақаи хавфнок ҷойгиранд, 142 ададро ташкил медиҳанд, ки ба 3,7 % ҳамаи хоҷагиҳои хонавода баробар аст. Ҳамагӣ дар минтақаҳои хавфнок 890 нафар умр ба сар мебаранд.

*Ҷадвали № 41.Маълумот оид ба деҳаҳои дар минтақаҳои хатарнок ҷойгиршуда.*

| № | Номи ҷамоатҳо | Шумораи деҳаҳо дар ҷамоат | Шумораи деҳаҳои дар минтақаҳои хатарнок ҷойгиршуда | Шумораи деҳаҳо дар минтақаҳои хатарнок бо (%) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | А. Замиров | 8 | 3 | 37,5 |
| 2 | Козидех | 5 | 2 | 40,0 |
| 3 | Р. Юсуфбеков | 13 | 5 | 38,4 |
| 4 | Шитхарв | 2 | 1 | 50,0 |
| 5 | Птуп | 6 | 3 | 50 |
| 6 | Вранг | 7 | 4 | 57,1 |
| 7 | Зонг | 5 | 2 | 40,0 |
| | Ҳамагӣ | 45 | 20 | 44,4 |
| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи хоҷагиҳо дар ҷамоат, ҳамагӣ | Шумораи хоҷагиҳо дар минтақаҳои хатарнок | Шумораи хоҷагиҳо дар минтақаҳои хатарнок (%) |
| 1 | А. Замиров | 370 | 24 | 6,4 |
| 2 | Козидех | 243 | 14 | 5,7 |
| 3 | Р. Юсуфбеков | 1145 | 33 | 2,8 |
| 4 | Шитхарв | 256 | 15 | 5,8 |
| 5 | Птуп | 389 | 18 | 4,6 |
| 6 | Вранг | 696 | 27 | 3,8 |
| 7 | Зонг | 663 | 11 | 1,6 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | 3762 | 142 | 3,7 |
| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи аҳолӣ ҳамагӣ | Шумораи аҳолӣ дар минтақаҳои хатарнок | Шумораи аҳолӣ дар минтақаҳои хатарнок (%) |
| 1 | А. Замиров | 2770 | 157 | 5,6 |
| 2 | Козидех | 1880 | 88 | 4,6 |
| 3 | Р. Юсуфбеков | 7673 | 201 | 2,6 |
| 4 | Шитхарв | 2619 | 110 | 4,2 |
| 5 | Птуп | 3411 | 103 | 3,0 |
| 6 | Вранг | 6401 | 162 | 2,5 |
| 7 | Зонг | 6355 | 78 | 1,2 |
| | Ҳамагӣ | 31109 | 890 | 2,8 |

Дар ҷадвали боло номгӯйи равандҳои табиии ба деҳаҳо таҳдидкунанда пешниҳод шудааст. Асосан офатҳои ба аҳолӣ таҳдидкунанда сел, обхезӣ ва тармафаройӣ мебошанд. Чунин ҳолатҳои фавқулодда, ба монанди борон, сел, обхезӣ ва барфбории зиёд дар тамоми ҳудуди ноҳия ба назар мерасад.

*Ҷадвали №42. Офатҳои табиие, ки ба деҳоти ноҳия таҳдид мекунанд.*

| **Ҷамоат** | **Деҳа** | **Намуди ҷараёни таҳдидкунанда** | **Ҷамоат** | **Деҳа** | **Намуди ҷараёни таҳдидкунанда** |
|---|---|---|---|---|---|
| А. Замиров | Гармчашма | Обзеркунӣ,тарма | Птуп | Птуп | Обзеркуни,сел |
| | Андароб | Обзеркунӣ,тарма | | Тугоз | Сел |
| | Сист | Обзеркунӣ,тарма | | Зумудг | Обзеркуни |
| Козидех | Козидех | Обзеркунӣ | | | |
| | Баршор | Сел | | | |
| Р.Юсуфбеков | Мулвоч | Обзеркунӣ, сел | Вранг | Вранг | Обзеркуни,сел |
| | Яхшвол | Обзеркунӣ | | Внукут | Обзеркуни,сел |
| | Ишкошим | Обзеркунӣ,сел | | Ямг | Обзеркуни |
| | Рин | Обзеркунӣ,сел | | Ширгин | Сел |
| | Намадгут | Сел | | | |
| Шитхарв | Даршай | Обзеркунӣ | Зонг | Зугванд | Обзеркуни,сел |
| | Шитхарв | Обзеркунӣ | | Лангар | Обзеркуни,сел |

*Ҷадвали №43.Дар сурати ба вуқӯъ пайвастани ҳолатҳои фавқулодда, сохтори омодабошӣ ва эътинои ноҳияи Ишкошим ба таври зерин пешбинӣ гардидааст.*




Дар айни замон, дар ноҳия 11 хадамоте мавҷуд аст, ки онҳо бевосита ба огоҳсозии офатҳои табиӣ ҷалб гардидаанд. Дар поён рӯйхати муассисаҳои мазкур бо нишон додани нерӯю воситаҳои мавҷуда, захираҳо ва эҳтиёҷоти онҳо оварда шудааст

*Ҷадвали№44.*

| *Хадамоти огоҳисозӣ ва алоқа (ҶСК «Тоҷиктелеком»)* | | |
|---|---|---|
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Маркази огоҳкунанда ва алоқа - 1 адад<br>Асбобҳои бонги баланд – 1 адад<br>Муҳаррик (генератор) - 12 адад<br>Мошинаи боркашӣ -1адад.<br>Маводи сӯхт ва молиданӣ- 4,5 тонна.<br>Симҷӯбҳо-500 адад.* | *Сӯзишвории дизелӣ – 100 л.<br>Равгани дизелӣ – 40л.* | *Муҳаррик (генератор) - 1 адад<br>Ноқил -10,5 км.* |
| *Хадамоти таъмини тартибот (ШВКД)* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| | | |
| *Хадамоти сӯхторхомӯшкунӣ* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Ҳайати шахсӣ-57 нафар<br>Автомашинаи сӯхторхомушкунӣ 3 адад<br>Автомашинаи зинадор 1 адад<br>Автомашинаи фаврии хизматӣ 1 адад* | *Рӯдаи оташнишонии диаметраш 125 6-адад -24 метр<br>Рудаи оташнишонии диаметраш 77-320 метр<br>Рудаи оташнишонии диаметраш 66-300 метр<br>Маҳлули кимиёвии кафкунанда 3000 литр<br>Асбоби фишурдаи хаводиҳӣ АСБ-2 10 адад* | *Автомошини сӯхторхомӯшкунии намуди асосӣ –1 адад.<br>Либоси муҳорибавӣ 15 адад<br>Автомашинаи борбар 1 адад* |
| *Хадамоти нақлиёт ва роҳсозӣ* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Маълумот пешниҳод нашудааст* | | |

| *Хадамоти манзилию коммуналӣ* | | |
|---|---|---|
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Кормандон 120 нафар*<br>*Автомашинаи ГАЗ-53 -1 адад*<br>*Трактор Т-МТЗ -80-адад*<br>*Автомашинаи ЗИЛ-1 адад*<br>*Автомашинаи МАЗ-адад*<br>*Бригадаи зудамал -10 нафар*<br>*Гурӯҳи наҷотдиҳандагон 16 нафар*<br>*Гурӯҳи омодабоши корҳои техникӣ - 12 нафар* | *Вуҷуд надорад* | *МСМ (ГСМ) – 5 тонна*<br>*Автомашинаи АСМ – 1 адад*<br>*Автомашинаи партовбарорӣ – 1 адад*<br>*Трактори Т 28 - 1 адад*<br>*Трактори намуди МТЗ 80 - 1 адад* |
| *Хадамоти санитарӣ ва назорати эпидемиологӣ* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Ҳайати шахсӣ – 31 нафар*<br>*Автомашинаи сабукрав – 1 адад*<br>*Озмоишгоҳи паразитология ва бактерология – 1 адад*<br>*Яхдон - 8 дона* | *Гипохлорид 124кг*<br>*Хлор – 150кг* | *Гиперхлорид – 124 кг.*<br>*Дез. камераи сайёҳр – 1 адад .*<br>*Дистиллятор – 1 адад*<br>*Либосҳои махсус – 18 ҷуфт* |
| *Хадамоти муҳофизати ҳайвонот ва набопот* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Маълумот пешниҳод нашудааст* | | |
| *Хадамоти энергетикӣ* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Ҳайати шахсӣ – 106 нафар*<br>*Автомашинаи ГАЗ-66 1 адад*<br>*Автомашинаи УАЗ -1адад*<br>*Трактор Т-40 – 1 адад*<br>*Зеристгоҳи 35/10кв - 3 адад*<br>*Зеристгоҳи 35/0,4 кв-90 адад*<br><br>*Хати интиқоли барқ,*<br>*35 кВ – 39,12 км*<br>*10 кВ – 481 км*<br>*0,4 кВ – 299,1-15 км*<br><br>*Миёнбанди эҳтиётӣ, кохтӣ – 16 ҷуфт*<br>*Сӯзишворӣ – 2 тонна*<br>*Равгани техникӣ – 500 литр* | *Сими алюминӣ намуди,*<br>*А-50-250 кг*<br>*А – 35 – 70 кг*<br>*А – 70 – 40 кг*<br>*Изолятори ШФ -10кв -50 адад*<br>*Изолятори ТФ-20*<br>*50 адад*<br>*Изолятори ИПТ-160-0,4. 4адад*<br>*Муҳофизаткунандаи*<br>*ПН - 400А-30 дона*<br>*Санчокак 1/160*<br>*6 дона*<br>*Изолятори ИП - 10кв*<br>*20 дона* | *Симчӯбҳо – 300 дона*<br>*Сӯзишворӣ – 6 тонна*<br>*Равгани техникӣ – 1000 л*<br>*Дастгоҳи тақсимкунандаи РЛНД-10 – 20 адад*<br>*Миёнбанди эҳтиётӣ, кохтӣ – 30 ҷуфт*<br>*Ноқили барқии А – 50 – 2 т*<br>*Трансформаторҳо -160кв -2адад*<br>*Трансформаторҳо-250кв - 2адад .*<br>*Ноқили АПВ-35-50-70 1000 м .*<br>*Фулузоти варақагӣ (Катенка) 50 кг*<br>*Гӯшаи оҳанӣ (Уголок) -63-63 700 кг*<br>*Электрод -80 кг* |
| *Хадамоти тиббӣ* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Мошини ёрии таъҷилӣ - 3 адад* | *Сузандору –аз ҷумла*<br>*2,0 гр -100 ад,5,0гр - 100 ад, 10,0гр- 100 ад, 20 гр -100 ад,*<br>*Бинт 200 дона, пахта -200 дона, маҳлули спртӣ -50 фл.* | *Маводҳои заруриятӣ аввалияи тиббӣҳангоми рух додани ҲФ*<br>*Муҳаррик (генератор) - 1 адад*<br>*Дефлиблирятор- 2 адад*<br>*Дастгоҳи ИВЛ – 3 адад* |
| | *Хадамоти муҳофизат аз селҳо ва соҳилмустаҳкамкунӣ* | |
| | *Хадамоти озуқа ва савдо* | |

# БОБИ 6
# АЗ ҲИСОБИ МАБЛАҒҲОИ ПЕШБИНИШУДА ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ

Маблағгузории «Барномаи рушди иҷтимоию-иқтисодии ноҳияи Ишкошим барои солҳои 2015-2019» аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ, сармояи хориҷӣ, сармояҳои дохилӣ (соҳибкорони ватанӣ) ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ таъмин карда мешавад. Ба манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, ки барои маблағгузории Барномаи мазкур ҷалб карда мешавад, инҳо дохил мешаванд:

- *Маблаги фондҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;*
- *Сармояи инвесторҳои хориҷӣ, ки дар иҷрои Барнома ҳавасманданд ва ё чорабиниҳои алоҳидаи онҳо;*
- *Сармояи муҳоҷирони меҳнатии берунмарзе, ки дар таъмини Барнома ҳавасманданд.*
- *Қарзҳои бонкӣ;*
- *Ҳаққи аъзогии иштирокчиён дар иҷрои барнома;*
- *Пардохти мақсаднок аз фоидаи корхонаҳои дар иҷрои Барнома ҳавасманд;*

Буҷети маҳаллӣ дар амалӣ шудани Барномаи мазкур нақши калон мебозад, вале таҳлил нишон медиҳад, ки солҳои охир барои рушди ноҳия тавассути буҷети маҳаллӣ маблағ кам ҷудо карда мешавад. Даромади умумии буҷети ноҳия дар соли 2012 аз 14 намуд ва дар соли 2014 аз 9 намуди андоз ва пардохт асос ёфтааст.

*Ҷадвали №45. Маълумот оид ба қисми даромади буҷаи маҳаллӣ дар солҳои 2010-2014 (ҳаз. сом.).*

| № | Номгӯи даромадҳо | 2010 | | | 2011 | | | 2012 | | | 2013 | | | 2014 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Нақша | Иҷро | % | Нақша | Иҷро | % | Нақша | Иҷро | % | Нақша | Иҷро | % | Нақша | Иҷро | % |
| 1. | Андози даромад аз шахсони воқеӣ | 572300 | 707738 | 124,0 | 688,0 | 895196 | 130,1 | 991000 | 1218995 | 123,0 | 1401750 | 1634169 | 116,6 | 1749245 | 1981872 | 113,3 |
| 2. | Андози даромад аз шахсони ҳуқуқӣ | 20500 | 23371 | 114,0 | 21,0 | 22292 | 106,2 | 25300 | 31630 | 125,0 | 49900 | 59018 | 118,3 | 50000 | 65117 | 130,2 |
| 3. | Андоз аз арзиши иловашуда | 62300 | 80595 | 129,4 | 55000 | 62876 | 114,3 | 60000 | 82614 | 137,7 | 37500 | 37500 | 100,0 | - | - | - |
| 4. | Андози замин | 9400 | 10283 | 109,4 | 9500 | 10328 | 108,7 | 11050 | 11691 | 105,8 | 13000 | 16622 | 127,9 | 15000 | 16032 | 106,9 |
| 5. | Андоз аз истифодаи қаъри замин | - | 3479 | - | - | 3100 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| 6. | Андоз аз истифодабар андгони роҳи мошингард | 33200 | 37662 | 113,4 | 34000 | 37894 | 111,5 | 42000 | 42004 | 100,0 | 21000 | 21000 | 100,0 | 3450 | 3454 | 100,1 |
| 7. | Андоз аз рӯйи низоми соддакардашуда | 30100 | 39844 | 132,4 | 33000 | 49265 | 149,3 | 40800 | 40800 | 100,0 | 21750 | 289971 | 133,3 | 378255 | 406545 | 107,5 |
| 8. | Андози ягона | 99600 | 99691 | 100,1 | 100000 | 100015 | 100,0 | 103500 | 103501 | 100,0 | 95100 | 95988 | 100,9 | 105000 | 108484 | 103,3 |
| 9. | Боҷи давлатӣ | 20000 | 31206 | 156,0 | 21000 | 34373 | 163,7 | 25100 | 45807 | 182,5 | 35700 | 65391 | 183,2 | 70000 | 71308 | 101,9 |
| 10. | Андози ҳадди ақал аз даромад. | 26400 | 27899 | 105,7 | 25000 | 30295 | 121,2 | 23300 | 27026 | 116,0 | 24300 | 24310 | 100,0 | - | | |
| 11. | Андоз аз амволи ғайриманқул | 57400 | 62082 | 108,2 | 58000 | 60400 | 104,1 | 35500 | 39605 | 111,6 | 39200 | 43739 | 111,0 | 59050 | 63771 | 108,0 |
| 12. | Андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт | 50700 | 51133 | 100,9 | 49000 | 58560 | 119,5 | 81500 | 85489 | 104,9 | 88050 | 92525 | 105,1 | 108000 | 112981 | 104,6 |
| 13. | Андоз аз фурӯши чакана | 58000 | 73105 | 126,0 | 65000 | 78675 | 121,0 | 73500 | 77160 | 105,0 | - | - | - | - | - | - |
| 14. | Дигар пардохтҳои ғайриандозии ҳатмии маҳаллӣ | 32300 | 40532 | 125,5 | 36000 | 180753 | 5,1бар | 29000 | 33373 | 115,1 | 30900 | 36324 | 117,6 | 35000 | 110903 | 316,9 |
| | **Ҳамагӣ даромадҳо** | **1072200** | **1288620** | **120,2** | **1194500** | **1624022** | **136,0** | **1541550** | **1839695** | **119,3** | **1934500** | **2318426** | **119,8** | **2458000** | **2826371** | **115,0** |

Буҷети ноҳия хусусияти иҷтимоӣ дошта, дар қисми хароҷот ҳиссаи зиёдро хароҷоти соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Ҳаҷми маблағгузории буҷети ин соҳаҳо дар асоси ҳисобу китоби харҷномавӣ (сметавӣ) муайян мегардад.

***Ҷадвали № 46.Маълумот оиди қисми хароҷоти буҷаи маҳаллӣ дар солҳои 2010-2014 (ҳазор сомонӣ).***

| № | Соҳаҳо | 2010 | | | 2011 | | | 2012 | | | 2013 | | | 2014 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Нақша | Иҷро | % | Нақша | Иҷро | % | Нақша | Иҷро | % | Нақша | Иҷро | % | Нақша | Иҷро | |
| 1 | Роҳбарият ва ҳокимияти давлатӣ | 1167315 | 1300536 | 111,4 | 1305726 | 1597623 | 122,4 | 1699242 | 1801491 | 106,0 | 1701710 | 1832543 | 107,7 | 1864325 | 1941347 | 104,1 |
| 2 | Мудофиа | 176540 | 172773 | 97,9 | 201802 | 203499 | 100,8 | 242155 | 238570 | 98,5 | 278796 | 266655 | 95,6 | 296723 | 297944 | 100,4 |
| 3 | Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ | | | | | | | | | | | | | | | |
| 4 | Маориф | 5991219 | 5704927 | 95,2 | 6748351 | 6602794 | 97,8 | 8664465 | 8306972 | 95,9 | 11418523 | 11015913 | 96,5 | 13631838 | 12814508 | 94,0 |
| 5 | Тандурустӣ | 1660923 | 1666180 | 100,3 | 2219791 | 2213423 | 99,7 | 2978675 | 2891808 | 97,1 | 3884915 | 3855830 | 99,3 | 4420949 | 4388070 | 99,3 |
| 6 | Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | 100108 | 99097 | 99,0 | 121552 | 116686 | 96,0 | 131683 | 125979 | 95,7 | 162525 | 159865 | 98,4 | 151848 | 145456 | 95,8 |
| 7 | ХМК | 187398 | 187398 | 100,0 | 222500 | 223550 | 100,5 | 256100 | 264045 | 103,1 | 262100 | 262100 | 100,0 | 376380 | 420450 | 111,7 |
| 8 | Фарҳанг | 597490 | 627275 | 104,9 | 612155 | 639260 | 104,4 | 782513 | 787771 | 100,7 | 107304 | 1031216 | 95,8 | 1111816 | 1132297 | 101,8 |
| 9 | Кишоварзӣ (бойторӣ) | 74034 | 71736 | 96,9 | 145505 | 145406 | 99,9 | 98700 | 96871 | 98,1 | 146082 | 142491 | 97,5 | 230240 | 230427 | 100,1 |
| 10 | Нақлиёт ва коммуникатсия | 48500 | 48500 | 100,0 | 28500 | 28500 | 100,0 | 31350 | 31350 | 100,0 | 33350 | 33115 | 99,3 | 56593 | 56593 | 100,0 |
| | **Ҳамагӣ** | **10003527** | **9878422** | **98,7** | **11605882** | **11770741** | **101,4** | **14884883** | **14544857** | **97,7** | **18964305** | **18599728** | **98,1** | **22140742** | **21427092** | **96,8** |

Дар солҳои 2010-2014 ҳиссаи хароҷот барои соҳаҳои маориф ва тандурустӣ мутаносибан 61,5 % ва 19,9 %-ро ташкил медиҳад. Музди меҳнат 78,6 фоизи қисми асосии хароҷотро дар ин соҳаҳо ташкил медиҳад.

*Диаграммаи №2. Ҳиссаи хароҷоти буҷети маҳаллӣ*
*аз рӯи гуруҳбандии функсионалӣ дар соли 2014 (ба ҳисоби фоиз)*




Сабаби асосии афзудани хароҷоти соҳаи маориф дар солҳои охир ин ба меъёрҳои сарикасӣ гузаштани мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ аст.

Сохтори хароҷотҳои буҷети ноҳияи Ишкошим аз рӯйи гуруҳбандии иқтисодӣ асосан аз категорияҳои музди меҳнат ва суғуртаи давлатӣ, хароҷот барои молу хизматрасониҳо, субсидияҳо ва хароҷоти асосӣ иборат мебошад. Хароҷоти асосӣ барои бунёди иншотҳои нав, таъмири биноҳо ва харидории таҷҳизот равона мешавад.

*Ҳиссаи хароҷоти буҷети маҳаллӣ аз рӯйи гуруҳбандии иқтисодӣ дар соли 2014 (ба ҳисоби фоиз)*




Маблағҳои аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои нигоҳдорӣ ва таъмир равонкардашуда 3,9 фоизро ташкил медиҳад ва барои сохтмони асосӣ маблағ пешбинӣ нашудааст, ки яке аз мушкилии асосӣ мебошад ва дар ҳолати чунин рух додан таъмини Барномаи рушди ноҳия дар панҷ соли оянда аз имкон берун аст. Барои таъмини Барнома фазои сармоягузориро беҳтар намуда, ҷалби сармоягузорони хориҷию дохилиро ба роҳ мондан лозим аст.

Аз рӯйи нақшаи дурнамои соли 2013 аз ҳисоби кам кардани дигар хароҷотҳо музди меҳнат ва ҳиссаҷудокунии кордиҳандагон 29,0 % зиёд мегардад.

Аз рӯйи маълумоти расмӣ дар соли 2014 тавассути бонкҳо аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ 19442,6 млн сомонӣ ба ноҳия ворид шудааст. Дар ҳолати беҳтар намудани шароит барои соҳибкорӣ ва самаранок истифода бурдани маблағҳои воридшуда маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ метавонад сарчашмаи асосӣ дар таъмини Барномаи мазкур бошад.

***Воридоти маблағ аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ дар солҳои 2010-2014 (ҳаз. сомонӣ).***



## БОБИ 7.
## НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳимми системаи идораи татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ишкошим барои солҳои 2016-2020 низоми мониторинг ва арзёбӣ мебошад. Он барои мушоҳидаи ҷараёни корҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи Барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхта ва проблемаҳои мавҷуда дар татбиқи он истифода бурда мешавад. Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин гардад.

Гуруҳи мониторинг ва арзёбӣ бо қарори Раиси ноҳия таъсис дода шуда, аз 5-7 аъзо иборат мебошад (мутахассисони соҳавӣ ва кормандони масъули мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия). Гуруҳи мониторинг ва арзёбиро раиси ноҳия ё яке аз муовинони он сарварӣ мекунад.

Бо қарори мазкур барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии Барномаи рушди ноҳия (БРН) мудири бахши иқтисод ва савдо шахси масъул таъйин карда мешавад.

Барои мониторинги Барномаи рушди ноҳия мушоҳидаи омилҳои зерин зарур аст:

- ба ҳадафҳои Барнома то кадом андоза муваффақ мешавем;
- дар доираи Барнома лоиҳаҳо чӣ гуна амалӣ шуда истодаанд.

Воқеан, низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад.

*Мониторинги натиҷаҳои нақша* тавассути индикаторҳо анҷом дода мешавад. Аз рӯйи он ҳадафҳои гузоштташуда то кадом андоза ба даст омадааст, муайян карда мешавад. Мониторинги натиҷаҳо ҳар сол гузаронида мешавад.

*Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо* тавассути параметрҳои назорати ҷойгоҳи лоиҳа ва мувофиқат намудани он бо Барнома гузаронида мешавад. Барои гузаронидани он ҷадвали электронӣ бо формати Excel тартиб дода мешавад ва ҳар семоҳа ба таври синхронӣ бо ҳисоботи лоиҳаҳо аз нав тасҳеҳ карда мешаванд.

*Мониторинг ва арзёбӣ иҷрои лоиҳаҳоро ба чор гуру ҷудо мекунад: «ҳамааш хуб»; «номувофиқатӣ дорад», «номувофиқатии ҷиддӣ дорад», «лоиҳа амалӣ нашудааст».*

*Ҷадвали №47.**Тартиби пур кардани ҷадвали мониторинги лоиҳаҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ишкошим***

| *Ҷойгоҳи лоиҳа*<br>*(рақам аз 1 то 5)* | *Иҷрои лоиҳа*<br>*нишонгузории ҳарфӣ-рангӣ:*<br>*а-сабз*<br>*б-кабуд*<br>*в-сурх*<br>*г-хокистарранг* |
|---|---|
| *1. Таҳия нашудааст*<br>*2. Мавриди таҳия қарор дорад*<br>*3. Таҳия шудааст*<br>*4. Мавриди амал қарор дорад*<br>*5. Амалӣ шудааст* | *(а) Ба нақша мувофиқ аст ё тамоюли назаррас надорад*<br>*(б) Тамоюли назаррас ба нақша*<br>*(в) Тамоюли қатъӣ ба нақша*<br>*(г) Лоиҳа амалӣ нашуда истодааст.* |

Дар охири сол ҳангоми зарурият арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои Барнома бо назардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва мустақил (коршиносон), ки ҳолати бахши мазкурро хуб медонанд, гузаронида мешавад.